М А Ҷ И Д   С А Л И М

# ҲИКОЁТИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

***Бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, 80-солагии мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон»***

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Ин китоб бо дастгирию кӯмаки беғаразонаи директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Исматзода Азизулло Убайдулло** ба табъ расидааст, ки муаллиф ба он кас арзи сипос менамояд.

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

С-35 **Маҷид Салим. Ҳикоёти «Бешаи палангон»** *(ҳикояҳо).* – Душанбе «Адиб», 2018, 144 саҳ.

Хонандагон бо ҳикоя ва қиссаҳои адиби табиатшинос, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ Маҷид Салим василаи нашри асарҳояш хуб ошно ҳастанд. Китоби нави ӯ дар бораи олами набототу ҳайвоноти нодир ва табиати зебои нахустин мамнӯъгоҳи Тоҷикистон, мамнӯъгоҳи табиии «Бешаи палангон» ҳикоят мекунад. Дар ин ҳикояҳои адиб тарзи ҳаёти ҷонварон, парандагону хазандагон, ки хоси табиати диёранд, бо услуби дилкаш ва забони шево тавсиф шудаанд.

ISBN 978-99947-2-539-7

© Нашриёти «Адиб», 2018

# БА ХОНАНДА

Ман аз хурдӣ табиату олами ҷонваронро дӯст медоштам. Ва солҳои дар Телевизиони Тоҷикистон фаъолият намудан, зиёда аз бист сол муаллифи доимии барномаи телевизионии «Инсон ва табиат» будам. Ин барнома борҳо номашро тағийр дод ва бо номҳои «Дар олами вуҳуш», «Пайраҳа», «Дар ҳифзи табиат» миёни тамошобинон маъруфият пайдо намуда буд. Дар ин муддат тамоми гӯшаю канори ҷумҳуриро тай зада, дар бораи табиату олами наботот, ҳайвоноти он силсилабарномаҳои муаллифӣ таҳия намудаам.

Дар ин сафарҳо аз мавзеъҳои нодир, мамнӯъгоҳҳо ва парваришгоҳҳои нотакрори «Зоркӯл» «Сарихосор» «Даштиҷум», «Дараи Камаров» ва парваришгоҳои «Зарафшон», «Чилдухтарон», «Чилучорчашма» «Алмосӣ» ва «Сангвор» дидан намудаам. Дар ин миён ҳангоми таҳсил дар факултаи биологияи Донишгоҳи Омӯзгории ба номи С. Айнӣ мавзӯи кори илмиям Хазандаҳои «Бешаи палангон» муайян гардид. Барои пурра омӯхтани ҳолати ин манӯъгоҳи овозадор ман тез-тез ба он ҷо сафар мекардам ва ҳафтаҳои тӯлонӣ тарзи рӯзгузаронии ҷонварону парандагонро аз наздик мушоҳида карда, меомӯхтам.

«Бешаи палангон» ҳар даъфа бо муъҷизахои хосу иқлими тағийрёбанда, ҳайвоноти аҷибу ҷангалу пуштаҳои касногузар, ҳавзҳои пуробу долу дарахтони нодираш қалби маро тасхир мекард ва мамнӯъгоҳро сахт дӯст доштам. Бо кормандони илмию ҷангалбонҳо рӯзҳои дарозро дар бешаю саксавулзор ва мавзеи Полвонтуғай, шафати рӯди саркаши Вахш сипарӣ мекардам. Хушбахт будам ва аз хониши парандагону овози шабонаи ҷонварон, хиромидани гавазнҳою

пайдо шудани тазарвҳо лаззат мебурдам.

Китоби «Ҳикоёти Бешаи палангон» ҳосили ҳамон мушоҳидаю сафарҳои банда ба ин гӯшаи афсонавии диёрамон мебошад. 80-сол боз мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» арзи ҳастӣ дорад ва дар ин солҳо ҳазорҳо сайёҳону табиатдӯстон аз дохили мамлакат ва хориҷи он аз он дидан намуда, шуҳраташро то ба дуриҳо бурдаанд.

Инак, ман ҳикоёти «Бешаи палангон»-ро пешниҳоди шумо мекунам ва шуморо дар соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба сайри ин гӯшаи афсонавии Тоҷикистон мебарам. Ва шумо аз ин нақлу ҳикояҳо бо ҳаёти ҷонварону парандагон ошноӣ пайдо мекунед ва онҳоро дӯст хоҳед дошт. Зеро табиат бо олами ваҳшу тайраш ҳамеша зебост. Марҳамат ба ин олами зебоӣ ва саргузаштҳои ҳайратангезу пурасрори «Бешаи палангон».

Бо арзи эҳтиром:
*Маҷид САЛИМ*

# АЗ ТАЪРИХИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дорои захираҳои бои табиӣ, обҳои шифобахшу канданиҳои фоиданок буда, дар Осиёи Марказӣ нахустин шуда маҳз дар Тоҷикистон мамнӯъгоҳҳо ва парваришгоҳҳо ташкил шудаанд. Зеро кишвари офтобии моро олами нотакрори наботот, ҳайвонот, шароити мусоид фаро гирифтааст ва он ба инкишофи бемайлону рушди соҳа мусоидат намудааст. Қобили зикр аст, ки водии Вахш чун дигар гӯшаҳои нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи бой ва рангин дошта, бо иқлими гуногун ва замини ҳосилхезаш кайҳост диққати олимону муҳаққиқонро ба худ кашидааст.

Азхудкунӣ ва киштукори заминҳои водии Вахш ҳанӯз аввалҳои солҳои 30-юми асри ХХ оғоз ёфтаанд. Аз ҳамон давраҳо дар қатори дигар сокинони маҳаллӣ аз кӯҳистони дурдаст низ аҳолиро ба водии Вахш мухоҷир намуданд ва дар натиҷа ба ҷои қамишзору гӯшаҳои табиӣ бунёд ёфтани колхозу совхозҳо шурӯъ гардид. Дар натиҷаи ташкилшавии хоҷагиҳо ҷонварону парандаҳои нодир ин ҷоро тарк намуданд ва ба муҳити зист зарари калони манфӣ расид. Ҳаводиси рухдода зарурати созмон додани мамнӯъгоҳро дар ин водӣ ба вучуд оварду 4-уми ноябри соли 1938 бо қарори Комиссариати халқии зироати Тоҷикистон мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» таъсис ёфт. Бояд зикр кард, ки замони шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ аввалин шуда чун мамнӯъгоҳ маҳз «Бешаи палангон» арзи ҳастӣ намудааст.

Дар адабиёти илмӣ-оммавӣ он бо номҳои «Бешаи палангон», «Полвонтуғай», «Ҷангали палангон», «Мавзеи баброн», «Қурӯғи палангҳо» ёдовар шудааст. Дар он айём масоҳати умумии мамнӯъгоҳ 50 ҳазор гектар буд ва аз соли 1941 он ба ихтиёри филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР ва баътар ба ихтиёри Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон вогузор шудааст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги

Ватанӣ (1941-1945) масохати мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ҳамагӣ 7-8 ҳазор гектарро ташкил медоду халос.

Танҳо соли 1957 масоҳати мамнӯъгоҳ аз нав то ба 27 ҳазор гектар расонда шуд. Бо қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 9-уми майи соли 1959 масоҳати мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» боз 41 ҳазор гектар васеъ гардида, аз ихтиёри филиали Ҷумҳурии Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР бозпас гирифта шуда, ба Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали РСС Тоҷикистон шомил гардидааст.

Феълан мамнӯъгоҳ дар ихтиёри Муассисаи давлатии Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақсади таъсиси ин мамнӯъгоҳ нигоҳдошти муҳити табиии поёноби дарёҳои Осиёи Миёна, бахусус дарёи Вахшу Панҷ, барои гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ва мушоҳидаҳои мониторингӣ буд. Ҳалли ин масоил гуногунҷабҳа буда вазифаи муҳиму рӯзмараи он омӯзиши равиши инкишофи табиӣ дар экосистемаҳои минтақа муайян аст. Олими шинохта Коженников Г. А. нисбати мамнӯъгоҳҳо чунин иброз намудааст: «Мақсади ниҳонии мамнӯъгоҳ дарки қонунҳои эволюцияи олами органикӣ мебошад». Агар возеҳтар ин матлабро ташреҳ диҳем: «Мақсади асоси тадқиқотҳои илмии мамнӯъгоҳ омӯзиши қонунҳои инкишофи табиат баҳри нигоҳдошти тавозуни экологӣ, мадад намудани мувозинати табиии минтақавӣ ва умумии биосфера барои дар равиши фаъолияти хоҷагидори бошуурона муносибат намудан ба он мебошад». Аз тарафи дигар, ҳадафи тадқиқотҳои илмӣ ошкор намудани вазъи воқеии мамнӯъгоҳ аст.

Омӯзиш ва таҳқиқи мамӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» ва умуман ин минтақа ҳанӯз солҳои нахустини азхудкунии водии Вахш оғоз ёфтааст. Чуноне ки қайд кардем, маҳз бо таклифу пешниҳоди олимон, мутахассисон соли 1932 иштирокчиёни экспедитсияи комлексӣ дар поёноби дарёи Вахш аввалин натиҷаҳои илмии худро бобати таъсиси мамнӯъгоҳ пешниҳод доштанд. Комиссариати Шӯрои

Халқии РСС Тоҷикистон соли 1936 ба Комиссариати Халқии замини ҷумҳурӣ дар бораи гузарондани тадқиқотҳои иловагӣ дар ҳудуди мамнӯъгохи «Бешаи палангон» ва Тошработ чун маҳалли ташкил кардани аввалин мамнӯъгоҳ супориш медиҳад. Экспедитсияи бозрасии давлатии шикори РСС Тоҷикистон дар асоси тадқиқотҳои илмии худ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ дар барои ташкил кардани мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» таклиф пешниҳод кард.

Аз ҳамон давра шурӯъ карда аз ҷониби олимону муҳаққиқони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пайваста сафарҳои илмӣ анҷом ёфтанд. Ва муддати 70 сол аз ҷониби олимон тамоми релефи мамнӯъгоҳ; обу хок, ҷангал, растаниҳо, ва олами хайвоноту парандагони мамнӯъгоҳ ҳамаҷониба таҳқиқ шуд. Муқаррар гардид, ки мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон», дар ҳақиқат, дар Осиёи Марказӣ ягона мавзеест, ки дар он комплекси биёбонии туғай, минтақаи субтропикии хушк боқӣ мондааст.

Таи солҳои гуногун олимону пажӯхишгарони боистеъдод ба монанди С. У. Строгонов, Н. П. Овчинников, И. А. Абдусаломов, С. Алиев, Т. Сатторов, Ю. С Григорев, Е. Н Павловский, К. К Фролов, С. Давидов, Ломов, Молотковский, Потапов, Сапожников ва ғайраҳо дар ин ҷо корҳои илмӣ бурда, дар ин бора рисолаву адабиёти зиёде ба нашр расондаанд.

Масалан, табиатшиноси ленинградӣ Р. Л. Потапов соли 1962 ба мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» омада баъди аз наздик шиносоӣ пайдо кардан ва омӯзиши мамнӯъгоҳ китоби илмӣ-оммавии «Дар бешаи палангон»-ро аз чоп мебарорад.

Китоби муҳаққиқ Р. Л Потапов фарогири боигариҳои бебаҳо ва табиати нотакрори мамнӯъгоҳ буда, бо чунин сатрҳо шурӯъ гардидааст:

«Вақте ки шумо аз туғайзор, аз байни анбӯҳи қамишзору буттаҳои зичи ба ҳам пайвастшуда мегузаред, беихтиёр навиштаҳои сайёҳони ҷангалҳои касногузари Амазонка ба хотиратон мерасад, қамишзорҳои Осиёи Миёна ҳам касногузаранд. Дар ин ҷо одами чолок ҳам бо душворӣ қадам мегузорад ва баъд аз 500-600 метр роҳ гаштан ҳатман монда

шуда, ба рӯи қамишҳо мехобад. Вале баданаш ба хок намерасад, зеро анбӯҳи қамишҳо бистари мулоимро ташкил мекунанд, ки ғафсии онҳо 1-1, 5 метр мебошад. Чунин аст, мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон»….

Омӯзиши олами набототу ҳайвонот инчунин иқлими мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ҳоло низ ба таври васеъ идома дорад. Солҳои охир равшан шуд, ки баъзе мавзеъҳои мамнӯъгоҳ ба номҳои тадқиқотчиён, сайёҳон ё ҷангалбонҳо номгузорӣ шудаанд. Масалан, кӯлҳои Болобанов, Дедов, Фомкин, Пионер, Ҳалқакӯл, Тарзан, Королевский…

Мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» дар қисмати ҷанубӣ – ғарбии ҷумҳурӣ, дар резишгоҳи дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Мамнӯъгоҳ аз Ҷанубу Шарқ ва Шимолу Шарқ ба масофаи 20 километр тӯл мекашад. Дар ин мавзеи афсонавӣ қамишзорҳои анбӯҳи ду соҳили рӯди Вахш, биёбони қумзори Қашқақум ва Бӯритов ҳамчунин пасткӯҳҳои фарохи кӯҳҳои Ариқтов ва Хоҷа Қозиёнро ба оғӯш гирифтааст. Баландии сатҳи водии Вахш дар ҳудуди мамнӯъгоҳ аз сатҳи баҳр 320-325 метр буда, баъзе мавзеҳои чапи соҳили мамнӯъгоҳ дар дашти Қашқақум то 530 метр ва кӯҳҳои Хоҷа Қозиён то 1000-1200 метр баландӣ доранд.

Дар худуди мамнӯъгоҳ аз гузаштаи маҷрои дарёи Вахш кӯлҳои бешуморе ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо набототу буттаҳои гуногун сабзиш мекунанд. Баъзеи ин кӯлҳо то 2-4 километр дарозӣ дошта, чуқурии онҳо то 10-15 метро ташкил додааст. Тобистони мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» хеле гарм ва тафсон аст. Ҳарорати ҳаво бениҳоят баланд мешавад. Дар ин соатҳо аксари ҷонварон ба лонаҳои зеризаминии худ ё ба зери буттаю саксавулзорҳо пинҳон мешаванд. Ин ҳолатҳо дар майдонҳои васеи мамнӯъгоҳ, дар кӯлу ботлоқ бухоршавии об рух дода, ҳаво нисбатан намнок мегардад. Танҳо баъди чунин рӯзҳо шабона салқин шуда, ҳарорати ҳаво то 10-15 дараҷа паст мефарояд.

Дар худуди мамнӯъгоҳ шамолҳои сахту ғубордор мунтазам ба амал меоянд. Моҳҳои декабр, январ ва даҳрӯзаи аввали моҳи феврал зимистон ҳукм меронад. Ҳарорати миё-

наи моҳи январ (хунуктарини сол) – 0, 5- 0, 9 дараҷа аст. Баъдан хунукиҳои сахт мушоҳида мегардад, вале барф дар худуди мамнӯъгоҳ тез об мешавад. Дар зимистону аввали баҳор (феврал – апрел) боришҳо 70% меъёри солонаро ташкил мекунанд.

Масофаи маркази мамнӯъгоҳ то шаҳри Душанбе 200 километр аст. Тибқи тақсимоти маъмурӣ аввал қисмати соҳили рости мамнӯъгоҳ ба ноҳияи Шаҳритуз қисмати соҳили чапаш ба ноҳияи Қумсангир тобеъ буд. Айни замон заминҳои ҳудуди мамнӯъгоҳ ба ноҳияи Ҷиликулу Қабодиён тааллуқ доранд.

Дар ҳудуди мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» дар қатори ҳайвоноти нодир ва мурғи даштӣ тазарв, 33 намуди ширхӯрон, шағолу гурбаи ёбоӣ боз 26 намудҳои гуногуни хазандаҳо мавҷуд мебошад, ки ҳоло ба намудҳои камшумори онҳо диққат медиҳем. Дар мамнӯъгоҳ морҳои куброи осиёмиёнагӣ, гурза, мори афъии регзор, тирмор дучор мешаванд, ки хеле хафноканд. Морҳои куброи осиёимиёнагӣ ва гурза дар тугайзори мамнӯъгоҳ ва мори афъӣ, бошад дар чӯлу регзор зиндагӣ мекунанд.

Дар ҳудуди мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» аз хазандаҳои калон «тимсоҳи биёбонӣ», сусмор вомехӯранд.

## ВОХӮРӢ БО «ТИМСОҲИ БИЁБОН»

Ҳар дафъа, ки меҳмони мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» шавам, албатта, дохили ин макони афсонавӣ шуда, мехоҳам ҳар чи бештар асрори онро омӯзам. Тобистони имсол низ сафарам бобарор буд. Дар оғӯши табиати афсункори беша сайр карда, чӣ тавр дохили анбӯҳи чакалакзор шуданамро нафаҳмида мондам. Миёни анбуҳи бешазор хеле аҷибу сокит буд. Ин оромиро яке овози шағолу садои беисти гавазнҳо халалдор намуд. Шояд ғизолон аз таҳдиди шағолон фирор доштанд, ки овози онҳо торафт пасттар шуд. Ин оромӣ як навъ ба дилам ваҳм овард, ки базӯр аз

анбӯҳи чакалакзор берун шуда, ба биёбони холӣ афтодам. Дар ин мавзеи тафсони беохир танҳо буттаҳои худрӯйи саксавул мерӯиду халос. Ҳаво аз ҳад зиёд гарм гашта, буттае намеҷунбид. Дар гармӣ базӯр нафас гирифта, хостам наздиктарин хоначаи ҷангалбонҳоро пайдо созам. Тез-тез қадам зада, аз бетаҷрибагӣ чӣ тавр ба чуқурчае пой гузоштанамро нафаҳмида мондам. Бинам, пои ростам ба сӯрохие даромадааст. Акнун қоматамро рост карда роҳамро давом додани будам, ки садои ғайриоддие баланд шуд, ногоҳ чашмам ба сусмор, ки онро «сусмори тилоӣ» ҳам мегӯянд, афтод. Сусмори тилоӣ дар ҳавои тафсон гӯё ҷило медод. Сари аз боло ба поён пачақу пулакчадор ва забони дарозаш маро ба ҳайрат овард. Аввалин маротиба ингуна ҷонварро аз наздик медидам. Ин хазандаи нотарс пойҳояшро ба замин қавӣ гузошта буд, ангуштони дарозу нохунҳои тезашро гӯё намоиш дода, интизори он буд, ки ман ба чӣ амале даст хоҳам зад.

Ман аз таҳдиди сусмор натарсида, онро ба даст гирифтам. Аввалин маротиба сусморро миёни кафи дастмонам медоштам. Сусмор аз тарс забонашро бароварда аввал таҳдид кард, баъд чизеро ҳис кард, ки хомӯшона дум ликонд. Акнун сусмор оромона дил зада фашшас дошт. Бадани хунуку пулакчаҳояш маро нороҳат сохтанд, вайро ба регзор сар додам. Сусмор дар реги тафсон озодона ҳаракат карда, дар паҳлуи саксавул бо муши калоне рӯ ба рӯ шуд. Ин дам манзараи аҷибе ба вуқӯъ омад. Тимсоҳи биёбон шушашро аз ҳаво пур карда, садои фашшас бароварда ба тӯъмааш дарафтод. Мушро дар як лаҳза зер карда, миёни саксавул пинҳон шуд.

Баъди ғайб задани ин хазандаи нодир ҳис кардам, ки сусмор дар ҳақиқат «тимсоҳи биёбон» асту шумораи он хеле кам боқӣ мондаст. Ҳарчанд барои ҳифзаш сусморро ба Китоби сурхи Тоҷикистон дохил намудаанд, аммо ҳоло ҳам баъзе шахсоне ёфт мешаванд, ки онро нест мекунанд. Ҳол он ки сусмор дар табиат фоиданок буда, вай ҳар гуна хояндаву ҳашаротҳои зарарнокро туъмаи худ мекунад.

# ҲАЙБАТИ МОРИ АФЪӢ

Регзорҳои дашту нимбиёбони мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» барҳақ макони ҳақиқии хазандагон аст. Ҳангоме ки атроф гарм мешавад, дар ин гӯшаи мамнӯъгоҳ гӯё ҷонзоте ба назар намерасад. Дар фазои осмон танҳо парандагон парвоз доранду халос. Дар асл ҳамин ки атрофро хуб мушоҳида намоӣ, пайхас менамоӣ, ки дар нимаи рӯз ҳар гуна хазандаҳо гаштугузор доранд.

Боре дар айёми гармиҳо дар регзори мамнӯъгоҳ нохост бо мори афъӣ дучор шудам. Аз ин вохӯрии тасодуфӣ ба ҳайрат афтода сахт тарсидам. Охир, медонистам, ки мори афъӣ асосан шабгард асту шикори шабонаро дӯст медорад. Аз рӯи мушоҳидаҳо мори афъӣ рӯзона хоб карда танҳо шаб фаъол аст.

Аммо тасодуфро бинед, ки ин мори афъӣ, ки хеле мағруру саркаш метофт, аз роҳ дур шудан нахост. Ман дар ҷоям шах шуда, мисли одами сеҳру афсуншуда чӣ кор карданамро намедонистам. Охир, мори афъӣ хеле хатарнок буда, метавонад дар як мижа задан ҳарифашро ба ҳалокат расонад.

Мегӯянд, ки ин мор заҳри қотил доради мувофиқи нишондод баъд аз газидани мори афъӣ кабӯтар дар давоми як соат, мурғ як соату даҳ дақиқа, саг баъди чор соат ҳалок мегардад. Ҳатто агар дигар морҳо барои давоми насли худ тухм гузоранд, мори афъӣ мори зиндазой аст. Ин сифатҳои мори даҳшатнок аз дилам гузашту баданам сард шуда, аз тарс ғиҷовак гулӯгирам кард. Мори афъӣ ба заҳр задан омода буд, ки нохост аз паси буттаи худрӯи хушкида калтакалосе намудор шуд. Мор якбора ба вай ҳуҷум кард. Калтакалоси бечора аз ин вохӯрии ғайричашмдошт худашро гум карда ноилоҷ монд. Бо думаш морро зада, забонашчаашро бароварда, хост худашро ҳифз кунад. Ин муқобилияти калтакалос қаҳри мори афъиро овард, ки мор нимдавра печида фишшосзанон сари худро миёни танаш гирифта, ба калта-

калос барқвор ҳамла намуд ва калтакалосро печонда бӯғикунон заҳр зад.

Ҳамин тавр, ман аз таҳдиди мори афъӣ халос шуда, зуд қафо баргаштам. Дар мамнӯъгоҳ ин ҳодисаро ба ҷангалбон нақл кардам. Ҷангалбони пир бо ҳасрат гуфт, ки мори афъӣ мори захрнок ва қотил асту аз ҳуҷуми вай на ҳар ҷонвар, ҳатто одамон зинда мемонанд.

Ҳамин тавр, омӯзишу мушоҳидаҳои илмӣ атрофи хазандагони мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» идома дорад. Маро ҳаёти ноором, пур аз хавфу хатари хазандагони ин макони пурасрор ором намегузорад. Зеро на ҳамаи ин хазандагон зараровару барои ҳаёти инсон хавфноканд. Балки ин ҷонварон низ мехоҳанд зинда монанд, насли худро ҳифз созанд.

Кош, чунин ҷонварон танҳо дар Китоби сурх боқӣ намонанд, балки шумораашон зиёд гардаду чун як ҷузъи табиат бо одамон бошанд, то насли оянда онҳоро танҳо дар китоб не, балки дар табиат низ мушоҳида карда тавонанд.

# ҲИКОЯҲОИ ХУРД

Он саҳни чаман, ки аз дами дай
Гуфтӣ, думи гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ,
Пурнақшу нигор ҳамчу «жанг» аст.
*Абӯабдулло Рӯдакӣ*

## БАҲОРИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

Баҳор имсол ба беша дертар омадааст. Инро ҳанӯз ҳангоми дохили найзор шудан ҳис кардам. Табиат бо ҳазор ранг ба ҷилва омада, гӯё бо панҷаи боди наврӯзӣ онро рӯфтаю баъд пурнақшу нигор намудааст. Найзорро гузашта торафт дарунтари бешазор рафтам, то омадани баҳорро хубтар эҳсос кунам. Ҳавои серуни пагоҳиро нафас кашида, худро хушбахт донистм. Охир, дар ин ҷангали сокиту ором касе нест. Танҳо гоҳ-гоҳе садои хониши парандагони баҳорӣ бо гӯш мерасиду халос. Ҳанӯз қад-қади роҳу пайраҳаи бешазор барфтӯда боқӣ мондааст. Дар домани беша барф тамоман об шудааст. Алафзори васеъ паҳн шуда, бӯи нафаси тозаи бешаро ба атроф паҳн дошт. Накҳати буттаҳои навқадкашидаи бешазор зеботар шуда, аз шонаи дарахтони сӯзанбарг ҳанӯз барфрезаҳои аз офтоб дурахшанда назарабой доштанд. Дар осмони софу беғубор парандагони хушбахт болафшонӣ доранд.

Шамолаки сарде аз ҷониби наҳри миёнаи беша вазид, бо димоғ бӯй гул ва пудинаи баҳориро овард. Ба лаби наҳри обҳои сарду хунук расидам. Дидам, ки шасти наҳр пурталотуму хурӯшон шудааст. Шояд оби зулоли қади беша аз сарбанди яхшуда нав халос шудааст, ки бо шаст охирин яхпораҳоро тела дода поёнтар мебурд. Яхпораҳои ғафсу хурд гӯё нолиши пасте карда, дар нафаси гарми баҳорӣ об мешуданд. Оби наҳр ба пуштаҳои бешазор ҷорӣ шуда

баргҳои хушкро ба коми бетагӣ худ фурӯ мебурд. Пай бурдам, ки дар нишебии беша шамоли тунде вазифа ниҳолакони нав аз панҷаи хунукӣ халосшударо меларзонд. Вале гулҳои наврустаи байни ниҳолон аз таҳдиди боди аввали баҳор наҳаросида кайҳо шукуфтаанд.

## ВОХӯРӣ БО ГАВАЗН

Нисфирӯзӣ офтоб баромад. Атроф чунон равшану дилнавоз гашт, ки нияти қафо гаштанро фаромӯш кардам. Чангалбоне, ки маро ҳамроҳӣ дошт, бо тааҷҷубу ҳайрат афзуд.

– Қафо гардем, чӣ, рӯз нисф шуд?

– Не, беҳтараш, ба қитъаи дигар равем.

Аз ин якравии ман ҷангалбон китф дарҳам кашид. Мазмун, ихтиёрат, баъд чизе ба хотираш расид, мисли кӯдак шукуфта шодона нидо кард:

Муаллим, мехоҳӣ гавазнҳоро бинем.

– Албатта.

Ман аз ин таклифи ҷангалбон ниҳоят хурсанд шудам. Кош, гавазнро тезтар медидам.

… Ноаён суҳбаткунон ба бешаи саксавулзор даромадем. Ин қитъаи беша чун дар кафи даст метофт. Дар миёнаи буттаҳои гулхор лонаҳои парандагони муқимӣ ба чашм расид. Вале аз ҳама зиёд сӯрохии лонаи мушу сангпуштро дидам. Фаҳмидам, ки акнун хазандагон аз хоби зимистона бедор шудаанд. Ин дам чашмам ба сангпушти танбале афтод. Сангпушт оҳиста-оҳиста омада баргу пояи буттаи наврустаро ёфт. Акнун бо ҳавас баргҳои буттаҳоро хоида фуру мебурд…

Ҷангалбон пештар ҳаракат карда, шохчаҳои афтодаро аз сари роҳ дур мекарду дар бораи ҷонварони беша нақл дошт. Ӯ ҳар хел садову овозҳоро хуб мешинохт, ки гоҳе дар нимароҳ истода ба садо диққат медод, не, ин овози эзорсурхак аст мегуфту боз роҳашро давом медод.

Ман ҳайрон будам, ки ӯ чӣ гуна ин овозҳоро фарқ мекунад. Ҷангалбони рамузфаҳм нохост бозистода маро огоҳ кард, ки аз ҷоям наҷунбам. Баъд бо дасташ ба тарафи чап ишора кард, ман зуд ба он тараф нигоҳ кардаму гавазни калонеро дидам, ки атрофро тамошо дошт. Мо дарав паси буттаҳои ёбоӣ паноҳ бурдем. Акнун гавазн наздик метофт. Ҷонвари безабон орому осуда буд. Вале нигоҳи хастааш чизеро мекофт. Гарданашро ёзонда, дуру дароз ба дуриҳо чашм дӯхт. Шояд боз чанд лаҳзаи дигар гавазнро медидем, агар ҳамроҳаш пайдо намешуд. Ҳайвони нав пайдошуда гавазни модина будааст, ки паҳлуи ҷуфташ қарор гирифт. Онҳо ҳамдигарро меҳрубонӣ доштанд. Садои ҳуштакмонанде кашида, гавазни чанбаршох ҳамроҳашро дарунтари беша бурд.

## САДОИ ЭЗОРСУРХАК

Акнун зери дарахти куҳансоле, ки аз танаи навдаю шохчаҳояш об мерехт, дам мегирифтам, ки яке овози тук-тук-туке диққатамро бо худ кашид. Ҳис кардам, ки овози шиноси Эзорсурхак аст.

Аҷабо, вай чӣ хел пайдо шудааст. Одатан, дар ин мавзеъ ин парандаи аҷиб наметофт-ку аз дил гузарондам ман. Овозаш аз наздикиҳо мебаромад.

Тук-тук-тук. Бинам, хеле наздик даҳ пондаҳ қадам дуртар болои дарахте ки шохаҳояш шикастааст, эзорсурхак нағмасароӣ дорад. Пешонисафед буд. Шиками сурхаку пойҳои кӯтоҳ дошт. Вай ҳар замон бо нӯли дарозаш зери пустлохи дарахтро мекофт. Дар танаи дарахт ба таври ҳайратовар меистод. Шояд чанголи тезу болҳояш нигоҳаш медоштанд, ки бепарвоёна садо мекард. Садои тук-туки паранда якнавохт набуд, балки гоҳе пасту гоҳе баланд шуда, ҳар дафъа дар садои вай оҳанги баҳорӣ ба ранги дигар боло мегирифту ба атроф паҳн мешуд. Хаёлам, ин дам Эзорсурхак тук – тук-тук-тук-гӯён садо бароварда дигар

парандаҳоро даъват дошт, ки «бедор шавед, баҳор омада-аст, баҳор!»

Тук-тук-тук…

## ПАРВОЗИ ТАЗАРВ

Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ба даҳҳо номгӯй парандагону ҷонварон вохӯрдан мумкин аст. Хоса дар фасли баҳори нозанин дар ин ҷо лаҳзае хониши парандагон қатъ намегардад. Ҳоло ман аз пайроҳаи шинос гузашта, дар тааҷҷуб будам, ки чаро бо тазарвҳо рӯ ба рӯ нашудам. Охир, бешаи палангон макони ҳақиқии тазарвҳост, зеро мурғи нодир – тазарв маҳз дар ҳамин гӯшаи табиат зиёд шуда, то ҳол наслашро нигоҳ доштааст…

Ин дам яке аз даромадгоҳи бешазор ду тазарви зебое пайдо шуд. Парҳои дарози дум холҳои сиёҳтоби бунафш доштанд. Медонистам, ки лонаи онҳо дар замин аст. Онҳо миёни ҳамдигар чизе гуфта баъд якдигарро навозиш доштанд. Тазарви калонтар ҳар замон бо нӯли зебояш тефҳои ҳамроҳашро мекофт, овози хосае бадар карда, мастона тазарвро таги тефаш мебурд. Тазарви модина шояд шарму ҳаё дошт ё тарсу бим, ки ба атроф чашм давонда тазарви калонро аз худ дур кардан мехост. Тазарви зебо болу парашро тилтонда, яке бо хумору дилкашолӣ бо нӯлаш ӯро кӯфт.

Гумон кардам, ки ҳоло тазарви модина аз ин муомила қаҳр карда манзилашро тарк месозад. Вале ин тавр нашуд. Ғайричашмдошт тазарвҳо бо ҳам пайвастанд. Дигар онҳоро надидам, зеро зичии долу дарахтони бешазор онҳоро паноҳ кард.

## ЧАРХРЕСАК

Дар табиат муъҷизаҳо хеле зиёданд. Хусусан дар фасли зебои сол – баҳори нозанин аз ҳама бештар парандагон

беқарорӣ мекунанд. Онҳо қосиди баҳоранд. Дар беша хаёлампро яке овози аҷибе ба худ кашид. Ин хел садоро пештар нашунида будам. Аз ниҳолони худрӯи дуртар, дар шохи аз ҳама баланди беди пир парандаи хурди гунҷишкмонанде сурудхонӣ дошт. Чархресакро аввалин маротиба дидаму аз дил гузарондам, чӣ қадар хурдакак будааст. Ҷои интихоб кардааш маро қоил кард, дар ҷои сершохи бед, лонае сохтааст, ки мисли кулоҳи хасин менамояд. Шамолпаноҳ. Чархресак мисли бофандаи моҳире аз шохе ба шохи дигар мепарид ва овозаш мисли чархи ресандагӣ якнавохт метофт.

Пай бурдам, ки Чархресак ҳам қосиди баҳор будаасту акнун аз омад-омади баҳор хурсандӣ дорад. Овозаш пайваста меомад, гӯё вай чархи ресандагиро тоб медод. Намехост, ки аз тамошои шоҳкориҳои баҳор бенасиб монад.

## ҲУДҲУД Ё ШОНАСАРАК

Ана, аз гӯшае садои беисти пиш-пиш ба гӯш расид. Шонасарак будааст, ҳеҷ боварам наомад. Охир, ин намуди парандаи афсонавӣ қариб ба нестӣ расидааст-ку… Вале маълум, ки баҳор ҳам шонасаракро ба ин бешаи нодир овардааст. Шонасарак аз тарс буд, ки дар як навдаи дарахт нишаста ҳар замон ба атроф нигоҳ мекард. Гӯё аз чизе бим дошт. Шонасараки ҳайрон ба мусиқии баҳор гӯш дод. Аз вазиши шамоли серун, боду ҳавои нозанин ва бӯй гулу растаниҳои баҳорӣ ҳавасаш омад, ки пару болашро тагурӯ кард. Хаёле пеш аз паридан худашро шона кард. Ин дам шонасарак ба мурғи афсонавии тоҷдоре табдил ёфт. Аҷабам омад, ки чаро ин мурғи зеборо баъзан ҳуд-ҳуд ё пупишаку шонасарак ном мебаранд. Ин дам шонасарак аз пайдо шудани одамони бегона пайхас шуд, ки якбора парида миёни дарахтзорон ғайб зад. Ӯро дигар намедидам. Аммо аз миёни дарахтони нав муғчабаста садое меомад: пиш, пиш, пиш. Ин овози ошнои шонасарак буд…

## БОЗГАШТИ ПАРАСТУ

Дар осмони «Бешаи палангон» селаи парасту пайдо шуд. Аз парвози ин парандаи афсонавӣ – дӯсти инсон ҳавасам омад. Онҳо дар симчӯби назди хоначаи ҷангалбон нишаста байни худ суҳбат доштанд. Парасту парандаи тез-парвоз аст. Дар як соат то 200 километр парвоз мекунад. Олимон исбот кардаанд, ки дар дунё 79 намуди парасту умр ба сар мебарад, ки 7 намуди он дар Тоҷикисон ба қайд гирифта шудааст. Ин селаи парасту аз кишварҳои хунук баргаштаанд. Онҳо ҳам баҳоро пазмон шудаанд. Селаи парастуҳо ҳамоно шодӣ доштанд. Охир, онҳо боз ба ватани худ баргаштанд. Акнун дар манзили худ лона месозанд. Чӯҷа мебароранд. Ҳаракату парвоз, ҷастухез, шодии парастуҳо моро бо ҳайрат гузошт. Онҳо бо овозу ҳаракат ва болафшонии беисти худ фазои бешаро пур карданд.

Аҷоиб, парасту тақрибан 9-10 сол умр мебинад, вале дар ин умри кӯтоҳи худ ҳар сол нахустин шуда баҳорро истиқбол мегирад. Бисёрии онҳо дигар ба кишварҳои ҳамсоя кӯч намебанданд. Агар 10-сола шуда бошанд, охи-ри баҳор мефавтанд. Дар баҳор зистану мурдан хоси пара-сту аст.

## МОҲИХӮРАК

Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» кӯлҳо хеле зиёданд. Ҳамин ки баҳор омад, кӯлҳо боз пуроб гашта, шумораи па-рандагони обӣ меафзояд. Нисфирӯзи ба мавзеи дарёкӯл омадам. Ин қитъаи мамнӯъгоҳ ҳавзи калони пуробе дорад, ки асосан макони мурғобӣ ва дигар ҷонварони ваҳшӣ аст.

Дидам, ки селаи мурғобиҳои ёбоӣ дар болооби кӯл ши-но доранд. Ҳангоми тамошо яке чашмам ба моҳихӯраки зебое афтод. Ин парандаи обӣ, ки болу пари сафеду думи дароз ва нӯли зард дорад, дар табиат хеле кам боқӣ монда-аст. Пои сурхаш ӯро зуд маълум мекард. Моҳихӯрак аз

мурғобиҳо онсӯтар шино карда пайт меҷӯст, ки моҳӣ ба чанг дарорад. Шояд ин дам моҳихӯрак гурусна монда буд, ки беист чор тараф шино дошт. Хеле аҷиб, ки дигар мурғобиҳо ӯро бо худ наздик мондан намехостанд. Фаҳмидам, ки мурғобиҳо ҷои шикори муайян доранд, яъне ба «територия»-и худ парандагони бегонаро воридшавӣ намемонанд. Онҳо ин қонуни қабул кардаи худро ҳаргиз вайрон намекунанд. Моҳихӯраки саргардон як-ду маротиба ба манзили мурғобиҳои ваҳшӣ омад, аммо онҳо ӯро пеш карданд. Мазмун, ҷои шикоратро ёб!

Моҳихӯрак дид, ки дигар илоҷ надорад, поёнтар шино кард, қариб ба соҳил расид. Дидам ин паҳлуи қайиқи дар соҳил баста ҷунбуҷул дорад. Моҳихӯрак як илоҷ карда дохили қайиқ шуд, аз он ҷо ду-се моҳиро дошта хӯрд. Акнун ӯ боз ба миёнаи кӯл рафт. Бо маром, осуда шино дошт, зеро сер шуда буд.

## ГУЛИ БОЙЧЕЧАК

*«Табиат қаср нест, балки устохона аст ва одамон коргарони онанд. Инсон бо табиат сарукор дорад ва алоқаи вай бо табиат нагусастанист»*

*И. Тургенев*

Имрӯзҳо бешазор ва атрофи он хеле зебо шудааст. Дарахтон муғча бастаанд ва гулҳо шукуфтаанд. Бӯи баҳор меояд. Баҳори имсола накҳату таровати дигар дорад. Ман ҳеҷ аз бешазору дарахтзор берун шудан намехоҳам. Охир, мавҷи обу саҳрои нозанин одамро сеҳру афсун мекунад. Кош, як умр инсон дар оғӯши баҳор мезист. Дар роҳ бо бачаҳои гулфурӯш дучор шудаму ҳайфам омад. Охир, даста-даста гулҳои Наврӯзӣ, ки қосиди баҳоранд, решакан шудаанд, аз манзили худ бо хорӣ ҷудо гаштаанд.

Садои бачаҳо торафт баланд мешуд.

– Гули бойчечак!

– Гули сияҳгӯш!

– Гули зардак!

– Аз ман харед, арзон медиҳам, – нидо дошт писараке.

– Аз ман тару тоза, ана! Навакак канда овардам, – мегуфт дигаре.

– Гулҳоро аз куҷо гирифтӣ пурсидам аз гулфурӯше.

– Аз кӯҳ!

– Шукуфтаҳояш бисёр будагист?

– Соли гузашта бисёр буд. Ҳоло кам шудааст.

– Решадораш бештар ба фурӯш меравад ё берешааш?

– Албатта, решадораш, бо ҳайрат гуфт писарак. Берешаашро кам мехаранд, зеро зуд пажмурда мешавад.

Хостам ба бачаҳо фаҳмонам, ки ин гулҳо зеби баҳоранду дар табиат хеле кам боқӣ мондаанд, ҳаргиз онҳоро бо решаашон накашед. Вале бинам, ки дартоз аз кӯча гузашта рафтанд. Онҳо ҳар замон нидо мекарданд:

– Гул харед, гулҳои нави баҳорӣ Духтараки гулфурӯше бепарвоёна бастаи бойчечакро таъриф дошт:

*Гули сияҳгӯш ҳафтрангай,*
*Хӯроки кабки дилтангай.*
*Ба рӯяш доимо ҷангай,*
*Баҳори нав муборак бод!*

## БОДОМ ГУЛ КАРД

Аз бешазор баромадем. Қад-қади роҳи мошингузар, ду тараф гулу буттаҳо шукуфтаанд. Аввалин чизе, ки ба чашм расид, ин қатори ниҳолони бодом буд.

Мавҷи бодомзор рӯи даштро гӯё пӯшондааст. Шохаҳо ғарқи шукуфтану пироҳани сафед пӯшидаанд. Насими баҳорӣ шоху баргро алвонҷ дода рақси дарахти нозпарвари

бодомро ба ҷилва меовард.

Мо аз тамошои бодом сер нашудем, ки поёнтар фаромадем, то шоҳкориҳои он табиатро наздиктар мушоҳида созем. Аҷаб дарахти нодир будааст бодом. Ин дам бодомзор гӯё тӯй дошт. Дар базми баҳорӣ шоҳпаракҳо ба шохаҳояш нишаста, гунҷишкакон сурудхонӣ доштанд. Навдаҳои пургули бодом мавҷ хӯрда гӯё касро ба зери сояи худ ово мекарданд.

Насими атромези баҳорӣ бодомзори гулпӯшро навозиш дошт. Навдаҳои ниҳол сабук алвонҷ хӯрда, чун мусиқии нафисе оҳанги ширинеро замзама мекарданд. Ин оҳанг ба мисли суруди модар садо дода, гӯиё табиати нотакрори баҳорро алла гуфтан дорад. Ин вақт гаҳвораи нози бодом ғарқи нуру зиё гашт. Гӯё дасти саховату муҳаббати табиат бодомзорро навозиш менамуд.

## НИЛУФАРИ ОБӢ

Гулҳои ин боғ кайҳо ба иқлими нав одат кардаанд вале гулу буттаҳо, гиёҳои сабз, ки пештар дар доманаи кӯҳҳои баланд ошён доштанд, акнун бо азоб қад мекашиданд. Гулҳои ҳавоборонаку ёс ба ҷои муаттар гаштан, паҷмурда буданд. Акнун дар атроф гулу буттаҳои беҳосилу беор сар давонда ба шоху навда часпидаанд. Корманди илмии боғро аз тақдири гулҳо парвое набуд. Ӯ чун одат боз дохили бино шуда ба хишова кардан шурӯъ кард.

Зарҳпечакро кордор нашуд, балки боз баргҳои сабзи ёсро бераҳмона канда партофт. Аз ин гулҳои зебое, ки аз сабзиш мондаанд, чӣ фоида, худ ба худ гуфт боғбон ва бо қайчӣ шохҳои саркашидаи нахлро ҳам бурид. Боғбон гулу буттаҳоро ба халта андохта аз дар берун шуд.

Нилуфар дид, ки гулҳои обӣ базӯр нафас мекашанд, хост баргу пояи паҳнашро ҷамъ намуда, ба ҷои бехатаре кӯч бандад. Вале баргу пояаш дар қабзаи танги борон

гирех зад.

Нилуфар ҳис кард, ки аз ин бороні бемаҳал раҳидан, ҷон ба саломат бурдан лозим аст. Аммо чӣ хел? Ба кадом роҳ? Охир, ӯ ҳамагӣ як гул аст, миёни ҳавзи оби мурда.

Ин дам духтараке паҳлуи ҳавз пайдо гашт. Ӯ хеле ба гулҳои рӯи об нигоҳ кард. Ҳавасаш омад. Аз ҷавони паҳлӯяш хоҳиш кард, ки барояш гул чинад. Ҷавон парвои сармою борон накард, хам шуда гул чинд, бепарвоёна. Нилуфар хомӯш буд, қудрати гуфтани ҳарфе надошт. Аз он ғам мехӯрд, ки гулҳои муаттар аз гулҳавз ҷудо гаштанд.

Нилуфар афсӯс хӯрд, ки гулҳои нав сабз гашта осонакак талаф ёфтанд. Акнун дастаи гулҳоро духтарак кафи дасташ дошта баланд-баланд механдид, табассум мекард, завқ мебурд.

Чаро одамизод ин қадар бераҳм аст. Охир намемонад, ки гулҳои баҳорӣ сабз шаванд, баргу поя баста, қабои арӯси ба бар кунанд, андешид нилуфари обӣ, ё шояд онҳо намефаҳманд, ки гулҳо низ ҷон доранд, нафас мекашанд ва зиндагиро дӯст медоранд.

Нилуфари обӣ аз ин манзараи гулҳои тороҷгашта, боронгарӣ хастаю бемадор гашт ва худро ба чуқурии об кашид. Баргҳои нилуфари обӣ, ки шакли дили хуншорро ба худ доштанд, ба қаъри ҳавз фурӯ рафтанд.

Гули муаттари ҳарири сафедгашта дар поёноб азоб дошт. Бисёр мехост ин дам болои Гулҳавз барояд, аз насими баҳорӣ нафас кашаду аз чакраҳои борон рӯ шӯяд, лекин аз одамизод сахт бим дошт. Метарсид, ки боз нафаре пайдо мешаваду тармеваи сабзи мудавварашро ба тороҷ мебарад. Ҳатто баъзеҳо бераҳмона баргу пояашро ҳам решакан менамоянд, ба чӣ хотир, инро нилуфари обӣ ҳеҷ фаҳмида наметавонист. Ӯ дар байни оби гулҳавз мотам дошт. Дигар гулҳои атрофаш пароканадаю нобуд гаштаанд. Рӯҳи озодпарасти нилуфари обӣ шӯру исён дошт. Ӯ мехост боз болооби ҳавз барояд. Охир, тамоми зимистон зери об азоби интизорӣ кашид. Зимистон, ки болои гулҳавз ях баста буд, дигар имкони берун баромадан надошт. Танҳо бо умеди

баҳори пурфайз мезист, мехост боз болои оби ҷонбахш бошад, аз боду ҳавои тоза нафас кашад, офтоб гармияш бахшад, ғунча во кунад.

Нилуфари обӣ ҳайрон шуд, ки чаро дигар обсабз, гулу гиёҳо боло сар намекашанд, балки бо ҳамон зебоӣ талаф меёбанд. Находбарояшон озодӣ боло набошад ё дар ғурбат зистанро ба гардан гирифтаанд. Аммо нилуфари обӣ мехоҳад, дар гулҳавз миёни мавҷи об лапиш хӯрад.

Оҳ, чӣ қадар гуворост, вақте ки мавҷи об ба ҳам хӯрда шамол мевазаду аз атроф бӯи хуши атру ёсуман мехезад.

Нилуфари обӣ дигар ёрои зери об монданро надорад. Ӯ субҳро интизор аст, то аз қайди ин азобҳо халос шавад. Ин саҳар нилуфари обӣ ғайричашмдошт дар гулҳавз пайдо шуд. Аз дидори офтоби оламтоб шукуфон гардид. Баҳору насими тоза болидааш сохт ва нилуфари обӣ бо накҳати мушкбези худ атрофро муаттар намуд.

Ин дам ҳавои мушкбез бӯи ватанашро овард. Нилуфар ба хотир овард, ки дар зодгоҳаш хушбахт буд. Дар он диёр макони онҳо майдони васеи сердолу дарахт ва обҳои мусаффо буд. Гулу буттаҳо зеби маҳфилҳо гашта, онҳоро бештар дар ҳолати табиӣ нигоҳ медоштанд. Касе онҳоро зӯран хонагӣ намекард. Аз бӯи Ватан, шамоли серун сараш чарх зад.

− Худоё магар ман боз ватанамро мебинам, − афзуд нилуфари обӣ. Аз ин гуфтугӯи гули содда хандаи заҳрпечак омад. Буттаи беор мушхандае карда гуфт:

− Ҳой гули ошиқ, аз ин орзуҳоят даст бикаш. Мон, орому осуда дар ҳамин кунҷаки боғ бошем. Ҳамин даъвои озодиҳоят ҳаст, ки боз моро кандаю нест мекунанд. Ту хомӯш бош, то боғбон моро фаромӯш созад.

− Аз ин даъвои заҳрпечак қаҳри нилуфари обӣ омаду баргҳои сафеди паҳнашро боло бардошт.

− Не, буттаи беор, ин туӣ, ки ба ҳар кӯча мепечӣ, беҳудаю баҳуда гулҳоро озор медиҳӣ, аммо ман мехоҳам озодона нафас кашам, мефаҳмӣ?

− Хайр, чӣ, озодона сабз шудан гир, бо ҳамин умри

кӯтоҳат даъвои бузургӣ дорӣ нилуфар, – афзуд заҳрпечак

– Ту зиндагиро, беҳтараш, аз ман омӯз. Охир, зебо ҳам набошам, умри дароз мебинам, ку.

Ин соат яке боз боғбон пайдо шуд. Ӯ ба гулу буттаҳо нигоҳкунон боз назди нилуфари обӣ омад. Ба гули хандон, нилуфари обӣ, ки ба назар хеле муаттар шудааст, хуб зеҳн монд. Аз шоху панҷаҳои муаттараш, ки дар ҳавои кушод алвонҷ мехӯрданд, нафраташ омад. Ӯ ҳиҷ ба рӯҳи озодпарасти гулҳо муросо карданӣ набуд. Бо қаҳр хам шуда нилуфари обиро канд. Баргу пояашро ба партовҷоҳ партофт. Акнун касе ба баргҳои бармаҳал хазонгаштаи гули обӣ нигоҳ намекард.

Ин дам дар манзили нилуфар заҳрпечак – гули беор майли доман паҳн кардан дошт.

## ГУЛИ ОШИҚИПЕЧОН

Майсаи гули ошиқипечон ба тани навдаи шафтолу сахт печида буд. Ҳеҷ гумон надошт, ки рӯзе мерасаду ӯро аз дилдодааш ҷудо месозанд. Гули ошиқипечон дар ин шабу рӯзи баҳорон сармасти нашъаи ишқу умед гашт. Худашро миёни шоху панҷаи шафтолу дида завқ мебурд.

Гули ошиқипечон намехост дигар лаҳзае аз маҳбубааш ҷудо бошад. Гулҳои ҳархелаи табиӣ ва худрӯи баҳориро дӯст медошт. Мехост то охири умраш миёни гулҳои сабзу нилуфари баҳорӣ боқӣ бимонад.

Оҳ, ин саҳар хаёле боди хазон вазид ва гули орзупарвар пешомади бадеро ҳис кард. Дид, ки ӯро аз миёни дигар гулу буттаҳои баҳорӣ дасти бераҳме канда бо худ бурд.

Гули ҳасратзада нафасгир шуд, вале аз чанголи марг раҳоӣ наёфт ва нафаҳмид, ки ӯро чӣ тақдире дар пеш аст. Аз решааш ки ҷудо шуда буд, худро музтару танҳо ёфт. Баргу пояи сабзу хуррамаш кайҳо зард гашта, дар баргҳояш ғаму андӯҳ лона гузошт...

Соҳиби нави гули ошиқипечон аз дунёи гулҳо хабар на-

дошт. Ӯ ҳамаи гулҳоро як хел пиндошта мехост, ки ин гули нокомро низ дар гулдон шинонад. Марди ҳавасӣ гули ошиқипечонро ҳар саҳару бегоҳ об медод. Фикр мекард, ки гул дар хонааш мешукуфад.

Аммо гули ошиқипечон ба ҷои сарсабз шудану қад кашидан оҳиста-оҳиста хазону зард гашт. Соҳиби хона ҳайрон шуд. Надонист чӣ фалокате ба гул рух додааст.

Гули ошиқипечон дигар мисли пештара таровату накҳат, хушбӯӣ, зебоӣ надошт. Балки аз дасти бешафқати инсон ва азоби ҷудоӣ шикваю нола дошт. Аламаш мекард, ки соҳиби хона ба ӯ низ чун як гули одӣ муносибат дорад, балки дигар гулҳоро бештар меҳрубонӣ мекарду ба ӯ эътибор намедод.

Баъди чанд рӯз гули ошиқипечон аз сабзиш тамоман монд, пажмурда гашт. Соҳибхона аз ин ноамалӣ боз ба тааҷҷуб омад... Ӯ нафаҳмид, ки гули хурдрӯйро аз манзилаш, хонааш, табиат якумрӣ ҷудо кардааст.

## ГАҲВОРАҶУНБОН

*Дар иҳотаи табиат будан, дидану бо он гуфтугӯ кардан хушбахтӣ аст.*

*Л.Толстой*

Нимаҳои тамузи тобистон ҳаво хеле гарм омад. Аз гармии зиёд акнун имкони пойлуч гаштан набуд. Аммо дар рӯи ҳавлӣ кӯдакон даву ғеҷ доштанд. Бобои Рауф, ки дар хона истироҳат мекард, ниҳоят бетоқат шуда берун баромад. Ҳарчанд дар ҷои салқину офтобпаноҳ бошад ҳам, яктаки сафедаш аз арақ тар буд. Хусусан, бозувону шонаҳояш.

Вай дилу бедилон ба атроф ва бозии кӯдакон назар карда, хост чизе гӯяду танбеҳашон диҳад, то ин қадар мағал накунанд. Вале аз раъяш гашт. Пас, рӯи нимкати сояи тути калони ҳавлӣ якпаҳлӯ дароз кашид. Зери лаб худ ба худ

ғур-ғур намуд: «Майлаш, мо ҳам дар вақташ ана ҳамин хел қайсару гапнодаро будем. Акнун навбати ҳаминҳо…» Бобои Рауф хост каме хоб равад, дам гирад, ки яке садои доду фарёди бачаҳо баланд шуд. Ин дафъа фарёду фиғони онҳо сахт ва имдодталабона буд. Вай як қад парида аз ҷояш хест. Дид, ки бачаҳо дар гӯшаи ҳавлӣ ҷамъ омада, мори калонеро, ки мехост ба катаки мурғ наздик шавад, сангборон мекарданд. Сангҳо ба сари мор намерасиданд. Бобои Рауф назди бачаҳо омада ҳайрон-ҳайрон ба мор нигоҳ кард. Алҳол чӣ кор карданашро намедонист,ё наметавонист сари андешаи аниқе биёяд. Мор бошад, фашшосзанон забончаашро нишон медод. Таҳдид мекард. Ба дили бачаҳо ваҳм меандохт. Касе қудрати пеш рафтан надошт. Бобои Рауф ҳам гӯё ба сеҳру ҷоду афтода бошад, дар ҷояш мехкӯб шуда буд. Ӯ ниҳоят санги калонеро ба даст гирифт.

Ҳамин дам аз болои катаки мурғон гаҳворачунбоне поён фаромад.

Мор бошад, қариб ба катаки мурғон расида буд ва мурғон аз таҳлука беқарор мешуданд. Худро ба дару девори катак мезаданд. Ҳар гуна овозҳои пурхавотир мебароварданд. Ҳамин қадар монда буд, ки бобои Рауф барои кушодани дари мурғҳо шитобад. Аммо ӯ ба чӣ андешае аз ин кор худдорӣ намуд. Бачаҳо акнун интизори ҷанги мору гаҳворачубон буданд. Онҳо шояд гумон доштанд, ки мор бо як ҷаҳд кори ғаҳворачунбонро тамом мекунад. Аммо ғайричашмдошти онҳо мори бадҳайбат ба гаҳворачунбон нигаристу аз хазидан бозмонд. Сипас, забончаашро баровvarда ба гаҳворачунбон ҳуҷум кардан хост. Гаҳворачунбони ҷасур ду қилаки тори сарашро мисли сӯзан рост карда, ба ду пои пешаш ба мор ҳамла намуд. Ду пои пешашро боло бардошта чун наштаре ба сару рӯи мор якбора фурӯ халид. Акнун аз ҳайбати мор дигар нишоне намонда буд ва ӯ талвосаи гурехтан дошт. Онҳо муддате афту дарафт карданд. Гаҳворачунбон ниҳоят пойҳои худро чунон ба сари мор халонид, ки мор сари худро дигар аз чанголи ӯ халос карда натавонист…

Оқибат мор хастаю хуншор бо сад азоб ҷонашро халос карда, рӯ ба гурез ниҳод. Бачаҳо акнун морро ба ҳоли худ гузошта, ба катаки мурғон наздик шуда, аз гаҳворачунбон чашм намекананд. Гаҳворачунбони нотарс ҷуссаи хурдашро ҷамъ карда, ҳамчу ғолиб ва бо як тамкини ба худ хос боз болои боми катак мебаромад. Мурғони аз доми бало раста акнун андаке ба худ омада, дар катаки худ равуо доштанд: гӯё нафаси озод мекашиданд. Вале кай медонистанд, ки як гаҳворачунбони одӣ онҳоро аз дами марг наҷот медиҳад…

## ГУЛИ НАРГИС

Наргис аз гулҳои қадимаи олам ба шумор меравад ва дар саросари Аврупо, Амрико машҳур аст. Дар дунё 40 намуди наргис маълум буда, дар Тоҷикистон чанд намудаш сабз мешавад.

Наргис бо омадани баҳор чашм кушода мижгони худро шона мезад. Гирд-гирди гули он гулбаргҳои зебо давра задаанд. Роҳгузаронро ороишу чашмакзаниҳои косагули наргис ба ваҷд овард. Дилдодаҳо бо ҳавас наргисро тамошо карда, онро чун рамзи покии баҳор ситоиш доштанд.

Наргис баъди борони дирӯза тозаву муаттар шуда хумор мешикаст. Ин дам хоргули пире, ки дуртар нав панҷа зада мебаромад, дигар тоқат карда натавонист, аз рашку ҳасад сӯхт. Хост рафта адаби наргисро диҳад.

Хоргул ҳиҷ бахшида наметавонист густохии наргисро. Чаро ҳама наргисро меситоянду дӯст медоранд?!

Хоргул бо умеди ниқор гирифтан сӯи наргис панҷаашро дароз кард. Ин дам боғбони пир, ки дуртар ҷунбуҷул дошту алафҳои хушку бегонаро дарав мекард, досашро давонда хоргулро аз бехаш, решааш ҷудо кард.

Наргиси бехабар ҳамоно чашмони шаҳлояшро бозӣ доронда дар оғӯши баҳор завқ дошт.

## БУНАФША

*Дидам, ки бунафша дар лаби ҷӯйбор аст,*
*Дар гирди бунафша сабзаи бисёр аст.*
*Монанди бунафша гул набошад ба ҷаҳон,*
*Аслу насаби бунафша аз кӯҳсор аст.*

Бунафша дар сари пушта, миёни алафҳои сабзи баҳорӣ рӯида, аз таровиши борони саҳарӣ аз хоби ноз хеста, баргу пояашро ғундошт. Бунафша аз гулу себаргаҳои пушта омадани баҳорро хаёле аз нав эҳсос кард, ки рангаш кабуд шуда мисли арӯсон ба ҷилва даромад...

Ин лаҳзаҳоро чӣ қадар интизорӣ кашид. Моҳҳои сарди зимистон зери хок паноҳ бурд. Рӯзҳои барфрезӣ маҷбур дар оғӯши хунукиҳо мисли ғунчае ҳалқа зада хоб кард. Дар ин моҳҳо танҳо ба ёди баҳор мезист.

Инак, баҳор омадааст ва бунафша низ мисли дигар гулҳо шод аст. Ӯ дигар парвои чизе надорад. Ҳарчанд дар ин фасли гулшукуфт умри кӯтоҳ мебинад, аммо аз бахташ розӣ аст. Худро тасалло медиҳад, ки дар ин фасл зеби кӯҳу даман мегардад.

Боз гули бунафша аз он шукр мегӯяд, ки дар илми тиб чун растании дорувор мавриди истифода қарор дорад. Дар кӯҳистон баргу поя ва решаи бунафшаро ҷӯшонда обашро барои муолиҷаи бемориҳои сулфа ва заъфи дил менӯшанд.

## ГУЛИ ХАЙРӢ

Гули хайрӣ низ аз ҷумлаи гулҳои зебову муаттари диёрамон буда, дар маҳаллаҳои гуногун бо номҳои хайригул, хайрӣ ёд мешавад. Гули хайрӣ бо ҳусну таровати хоссаи худ зеби маъракаю боғҳои худрӯй буда, дар илми тиб барои муолиҷа низ истифода мешавад.

Гулҳои ҳариру зебои он дорои панҷтоӣ гулбарг мебошанд.

Дар бораи таърихи пайдоиши гули хайрӣ миёни мардум афсонаҳои зиёде паҳн шудаанд. Дар ривояте омадааст, ки дар замонҳои хеле қадим марди камбағале Хайрӣ ном духтар доштааст, ки ҳусну зебоияш рашки сад чаман будааст. Бойи деҳа ошиқи Хайрӣ шуда, мехоҳад бо роҳи фиребу найранг духтараки соҳибҷамолро ба даст орад.

Хайрӣ аз бахти сиёҳи худ ба шӯр омада, роҳи халосӣ мекофт.

Оқибат аз давлату дороии бойи деҳа рӯй гардонда барои ишқи покашро наҷот додан Хайрии ноком болои қуллаи кӯҳ мебарояду аз он ҷо худашро ба поён мепартояд.

Шояд ин афсона то ҷое ба ҳақиқат наздик бошад, ки ҳоло бисёр намуди гули хайрӣ танҳо дар баландиҳо мерӯяд...

Ва ҳангоме ки тухму решаи гули хайриро ҷамъоварӣ карда барои муолиҷаи хунпартоӣ истифода мебаранд, боз ҳамон нақли гузашта ба хотир меояд. Хаёле то ҳанӯз Хайрӣ аз баландии қулла ба поён чашм медӯзад, барои бахти баргаштааш месӯзад, хун мепартояд.

## ЯК МУШТ ХОР

Дар беша боз ба як мӯъҷизаи дигар ҳам вохӯрдам. Аввал ҳич боварам наомад, ки хорпушт ин қадар майдача мешудааст. Вай аз тарс буд ё нодонӣ, ки лӯнда зада мисли як мушти хор рӯ ба рӯи мо мехобид. Баъд фаҳмам расид, ки охир, хорпушт нав аз хоби зимистона бедор шудааст. Чӣ қадар харобу лоғар аст. Хорҳояш кашол мондаанду халос. Хопушт гоҳе ба мо нигоҳ карда ҳайрон буд. Гӯё чӣ кор карданашро фикр мекард. Дид, ки мо оромем, якбора худашро ғелонда, ҳолати аввалаашро гирифт. Акнун хорпуштча бӯйкунон болотар хазид. Хорпушт ҷонвари доност. Мор аз вай сахт метарсад. Зеро хорпуштро ягон заҳр таъсир намекунад. Ҳоло хорпушт бӯй ва лаззати буттаҳои баҳориро фаҳмидааст, ки тез аз мо дур мешуд. Гӯё мехост

дарунтари беша равад, охир, ӯ баъди ду моҳи хоби зимистона пазмони баҳор шудааст, аз он то имкон дорад, баҳра бардоштанист.

## АЗ ПАЙИ ПАЛАНГ

Паланги пир рӯ ҷониби кӯҳҳои баланди барфпӯш босуръат ҳаракат дошт. Ӯ ончунон моҳирона аз болои санге ба санги дигаре меҷаҳид, ки дар ҳайрат меафтодӣ. Ин часпу талош, нигоҳи андешаманди паланги пирро ҷигарбандаш – паланги ҷавони сермӯй мушоҳида мекард. Паланги ҷавон аз он рӯз, ки худро шинохтааст, ҳамин кӯҳҳои барфпӯшро дидаасту ҷонвари зӯрманду нотарсро. Дар миёни ин солҳо ӯ аз модараш ҳама неку бади дунёро омӯхт. Фаҳмид, ки аҷдодаш чӣ гуна умр ба сар бурдааст. Паланг аввалҳо аз ҳамаи ин ифтихор дошт. Ҳар гоҳ ки дар ин бора фикр мекард, қалбаш ба туғён меомад, меболид, ки дар ин дашту даман, миёни кӯҳсорон аз паланг дида ҳайвони нирӯмандтаре нест.

Он вақтҳо ӯ танҳо худашро медиду модараш, − паланги пир ва майдони пурвусъати барфпӯшро. Ҳар гоҳе ки паланги пир сайдеро ба пеши пои ҷигарбандаш мепартофту баъд ӯ онро медаронду мехӯрд, паланги навча хаёле аз хеш бегона мегашт. Гӯшти тозаю ҳавои кӯҳӣ ба ҷисму ҷони ҷавонаш ҳаловат мебахшид. Паланги пир рӯзҳои аввал ҳиҷ намехост, ки фарзандаш ба шикор барояд. Гӯё пешакӣ аз хавфу хатаре бим дошт. Балки аз одамизод метарсид. Вале дар ин айём паланг кай медонист, ки модараш чӣ сирру савдое ниҳон дорад. Балки ӯ бо дили пур аз орзую ҳавас мехост ҳарчи тезтар ба шикори ҳақиқӣ барояд. Нохунҳои ин палангак акнун шакл гирифта, пеши синааш барҷастаю панҷаҳояш кашида мешуданд. Ӯ ҳини танҳо мондан аз хонааш хеле дур шуда ба сайри кӯҳу дараҳои баландтар баромадан мехост. Атрофи сап-сафеду зебои кӯҳистон дар ӯ ҳиссиёти аҷибе бедор карда, ба танаш ҳаловат мебахшид. Шилдироси

чашмаҳои зулоли кӯҳӣ, хониши кабкони дарӣ ӯро ҳамоно ба сӯи дашту ҳомун, ба дуриҳо даъват мекарданд...

Паланги пир ҳамаи инро фаҳмида ночор ҷигарбандашро бо худ бурд. Акнун палангак нахустин маротиба бо модараш – ин паланги пире, ки ҳокими ин кӯҳистон гашта буд, ба шикори калон баромад. Дар миёни кӯҳҳои барфпӯш аз ин паланги кӯҳӣ дида ҳайвони бузурге набуд. Тундбоди барфолуд нафасе ором намегирифт. Барфрезаҳоро шамол бо шаст оварда ба тани гиёҳҳои нав аз зери барф раста мезад. Ниҳолони кӯҳие, ки ба ҳамлаи тундбод тоб намеоварданд, нолиши пасте карда мешикастанд. Резаҳои барф ба сару рӯи палангак зада, ӯро имкони тез ҳаракат кардан намедоданд. Лекин паланги пир чун одати дерина лаҳзае гашташро суст намекард. Балки ӯ моҳирона пеш меҷаҳид. Роҳгардӣ барояш хеле осон буд. Чунки ин кӯҳу дара мисли панҷаҳои гирояш барояш ошноию азиз буд. Палангак аввал андаке сарчархак шуд, баъд худашро зуд ба даст гирифта аз дунболи модар давид...

Онҳо танҳо дар миёнаи дара имкони дамгирӣ пайдо карданд. Акнун кӯҳҳои барфпӯш аз онҳо хеле дур монда буд. Дар поёни қуллаҳои барфпӯш на шамол буду на барф. Ба димоғ танҳо бӯи сабзаҳои нав аз хок саркашида, бӯи гулу гиёҳ мерасиду халос. Ин ҳама барои паланги навомӯхт муъҷиза буд. Ӯ ба ҳайрат афтод...

Охир, ин ҷонвари безабон кай медонист, ки дар поёни кӯҳҳо чунин диёри сабзу хуррам ҷой дорад...

Паланги навомӯхт ҳар сӯ давида гоҳе худашро болои сабзаю алафҳо афканда ҳаловат мебурд. Дунё дар назараш ба сад ранг ҷилва дошт. Ӯ дигар хоҳиши аз ин макон дур шуданро надошт. Аммо нигоҳи паланги пиру ғамзадаро дида, дилаш таҳ кашид. Ҳайрон шуд. Зеро ӯ модарашро ягон маротиба ин гуна рӯҳафтодаю малол, хотирпарешон надида буд. Паланги пир гардани бақуввату пойҳои кӯтоҳи часпонашро ба ҳам кашида нигоҳи ғазаболудашро дар домани дара шикаста садои даҳшатборе кашид. Ин овози ӯ аз даҳшату тарс дида, ба дили паланги навомӯхт чун нолаи

ҷонсӯзу имдодхоҳонае расид. Паланги навомӯхт ҳушёр шуд. Аз нигоҳи рамӯзгиронаи модараш ҳамаашро фаҳмид. Акнун ҳарду даруntари таҳдашт фаромаданд. Паланги пир ин диёреро, ки як вақтҳо сабзу хуррам буду имрӯз хароба-зорро мемонд, ба паланги ҷавон нишон дод...

Долу дарахтони шикастаю бурида, чашмаҳои хушкида... Паланги навомӯхт акнун сарфаҳм мерафт. Аз дур ба деҳае, ки дар поёноби қади дара ҷойгир буд, хеле нигаристу дар ҳайрат афтод. Аз он ки одамизод ин қадар бераҳму шафқат аст. Наход онҳо ба қадри ин дашту даман нарасанд?

Дар қадова ҷо-ҷо гулхани хокистари сӯхта, пӯсту устухони ҷонварон ба чашм мерасиду халос. Аз паси сангҳо аҳён-аҳён чирроси ҷонварону овози парандае хомӯшии даштро халалдор мекард...

Ҳамин дам паланги пир, ки хеле зираку ҳушёр буд, но-хушиеро ҳис карда, ба зудӣ ҷигарбандашро паси харсанги калоне бурда паноҳ кард. Акнун ҳарду ба атроф нигоҳ доштанд, ки яке аз хамгашти дара сиёҳие намудор шуд. Паланги пир зуд ин шикорчии одамсуратро, ки аз нигоҳи маккоронааш ҷонваре ҷон ба саломат намебурд, шинохт. Ӯ тасмаи милтиқи думилаашро бо салобат сахттар фишурда, бовиқор қадам мезад. Паланги пир душмани деринаашро шинохту оромиашро гум кард. Гузашта аз нав пеши назараш ба ҷилва омад...

Соли наҳсе буд он сол. Қариб ҳамаи ҷонварони маконро ин шикорчӣ ва ёрони ӯ нест карданд. Аз садои тиру туфанг ҷонварон ин диёрро бо тамом тарк намуданд. Дар кӯҳсори атроф бузу нахчир, рӯбоҳу гург хеле кам монд...

Он сол ҳам хеле барфи баланд борид. Ва ӯ бо ёраш – паланги нар аҷаб давроне дошт. Ҳарду якҷоя шикор мекарданд. Дар он айём, кӣ ҷуръат дошт, ки садди шикори онҳо шавад?!

Паланги нар ҳокими ягонаи ин дашту ҳомун гашта буд. Ӯ бо ёраш дар зери ана ҳамин кӯрпабарфи сарди зимистон ба висоли якдигар расиданд. Айёми балоғат дари тамоми

муъҷизаҳоро барояш кушод. Вуҷудашро ҳисси шаҳвату ишқварзӣ тах ба тах месӯзонд. Сабру таҳаммулро аз даст дода буду лаҳзае аз паланги модина ҷудоӣ надошт. Бо расидани бадани ёраш ҳаловат мебурду аз ин ҳиссиёти номаълум завқ мебурд, сараш чарх мезад. Акнун паланг рӯ-рӯи барфи ғафс ғел зада, бо ёраш бозӣ мекард. Бӯйидану лесиданҳо, ширинии висол дар зери кӯрпаи барф ба ҷонаш осоишу роҳат мебахшид...

Он лаҳзаҳои ширину нотакроро паланги пир ба хотир оварду вуҷудашро ҳиссиёти номаълуме фаро гирифт. Ӯ бо раҳму шафқат ба ягона ёдгори он айём – паланги навомӯхташ нигарист. Ин лаҳза ӯ тайёр буд, ки барои фарзанди ягонааш дилхоҳ рақибашро пора-пора карда ба хоку хун ҷӯлида намояд. Аммо хулқи ирсию авлодӣ аз ин роҳ ӯро боз медошт. Охири корро интизор буд...

Сад дареғ, ки он айём хеле ба тезӣ гузашт. Он солхо селаи палангон чӣ зиндагии ширине доштанд. Ҳатто коргарони хоҷагии ҷангал намегузоштанд, ки охирин намояндаи насли палангон – бабри барфӣ нобуд шавад, хӯрока ёфт мешуд. Ба ин қади дараи ҳамеша пурбарф пою кадами шикорчӣ қариб ки намерасид.

Он солҳо бузҳои кӯҳӣ, дигар ҷонварон, ҳатто аз сахттарин сармоҳо раҳо меёфтанд. Ягон-ягон нахчиру бузҳои кӯҳие, ки барои чаридан ба ёлаву таҳдашт мехамбиданд, ба коҳу беда таъмин буданд. Мардум ҳам аз деҳот барои ҷонварон хӯрока меоварданд. Он вақт куштани ҷонварон манъ буду гуноҳ ҳисоб меёфт...

Вале зиндагӣ, ҳаёт ранги дигар гирифт, ё одамон дигар шуданд, ки осоишу оромии парандаю чарандаи ин кӯҳу даман ҳам поён ёфт. Баъд рӯзҳои сиёҳ оғоз шуданд. Гуруснагӣ ба тухми ҳайвонот қирон овард. Ёфтани луқмае барои ҷонварон ба ҷон баробар шуд. Гӯё ҳама мавҷудоти олам ба онҳо – ҷонварону парандагони нодир душман гашт. Ҳам одамон, ҳам шикорчиёну ҷавонон аз паи ба даст овардани ҷонваре мегаштагӣ шуданд. Дар шаҳрҳо хаёле қафасе холӣ намонд. Насли палангон ҳам ба ҳадди нестӣ

расид...

Паланг садои милтиқу бӯи борутро ҳам бори нахустин ҳамон сол эҳсос кард. Аз ин садои даҳшатбор палангони бисёре куштаю боқимонда фирор намуданд. Ва аз ҳамон айём ӯ ин шикорчии лоғари олусчашмро бо хамроҳии ёваронаш сахт бад дид, ба худ душмани ҷонӣ донист. Дертар, ҷонварон ба садои тиру борут, думболгирии шикорчиён одат карданд. Вале палангон ба хамаи ин тан додан намехостанд. Ёри ӯ – паланги нари бадхашм бебокона ба шикорчиён ҳамла мекард. Нохост пайт ҷуста, аз пеши онҳо мебаромаду ба дили бисёр шикорчиён ваҳм меандохт. Ана, ҳамин шикорчӣ ва хамроҳонаш оқибат паланги нарро ба дом афтонданд. Ӯ талвосаи ҷонкании ёрашро, садои дардолуду дахшатовари ӯро то ҳол нағз дар ёд дорад. Садоҳои якнавохти тир ва силтавдиҳии қӯшақапқони дандонадор ҳанӯз хам ба тани ӯ ларза меорад.

Ана, ҳамон сол паланги пир аз ягона ёру пуштибонаш бо сад азобу алам якумрӣ чудо шуд. Акнун ӯ бо ягона ҷигарбандаш – ёдгории он айём паланги навомӯхт мезист. Ҳоло ӯ ба атроф менигаристу дилаш таҳ мекашид, метарсид, боз ягона фарзандаш, ки аз авлоди палангон мондааст, аз дасти ин шикорчии бераҳм ба ҳалокат нарасад. Акнун палангон ба ҳар як ҳаракату қадами шикорчии бепарво хуб зеҳн мемонданд... Паланги пир ба бачаи худ наздик шуда, сару рӯи ӯро лесид. Дасту панҷаҳояшро бӯид. Бовараш омад, фаҳмид, ки паланги навомӯхт, наслашро нигоҳ хоҳад дошт. Ин лаҳзаҳо паланги пир гӯё бо фарзандаш хайрухуш дошт ё ҳис мекард, ки ин охирин дидор аст, ки панҷаҳои чонварро ба дидаҳояш молида аз ин ҳаловат мебурд. Дар нигоҳаш хаёле ашк ҳалқа мезад. Паланги навомӯхт, ки ҳар як имою ишорати модарашро зуд мефаҳмид, дигар қудрати дидани ҳолати музтари модарашро надошт. Ва ӯ ҳамаашро фаҳмид, донист, ки вохӯрии ҳамин шикорчӣ боиси аламу хориҳои модараш гаштааст. Донист, ки аз ин баъд бояд аз одамизод паноҳ бурд. Паланги навомӯхт зуд пай бурд, ки ин шикорчӣ чӣ қадар бераҳму шафқат будааст...

Шикорчӣ ин дам дунёро бе душман дида, дар бари харсанги азиме қарор гирифт. Харсанг аз ҷои исти палангон он қадар дур набуд. Шикорчӣ борхалтаашро ба замин партофта, аз атрофаш гулу гиёҳҳои нодиреро шикаставу ҷамъ карда чайла сохт. Ӯ дар чайлааш дастархон густурда кабки захминеро, ки саҳарӣ ба дом андохта буд, пӯст канда дар лахчаи оташ дуд дода кабоб кард. Сипас, аз борхалтааш шишаи арақ бароварда то шикамсерӣ хӯрд. Завқ бурдагӣ барин аз даруни борхалтааш боз як бори дигар ғаниматҳояшро бароварда шумурд. Ду кабки ҳилолу суғури куштаро хуб палмосида зери лаб суруд хонд...

Очаю бача ғур-ғури шикорчиро хуб мешуниданд. Ин лаҳзаҳо ҳисси интиқому қасос вуҷуди палангро ба рашъа меовард. Мехост дар як дам ба ин шикорчӣ ҳуҷум карда, гулӯяшро бидарронад. Аммо боз истиҳола мекард. Намехост, ки қонуни гузаштаи аҷдодонашро халалдор созад. Охир, дар ҳеҷ як давру замон паланг ба рақиби дар ғафлат мондааш ҳуҷум накардааст-ку, меандешид паланги пир.

Акнун паланг аз насли хеш дилаш пур буд. Дар сараш танҳо нияти нест кардани шикорчиро мепарварид. Ӯ гуё бо ин амалаш мехост, ягона нишона – ин паланги навомӯхтро аз хавфу хатар наҷот диҳад. Хаёл мекард, ки агар ҳамин шикорчӣ ба ҳалокат расад, дигар касе нест, ки мавзеи зисти паланги навомӯхтро ёфта, ба ҳаёташ халал ворид созад.

Паланги пир яке беқарор гашт. Ба чор тараф чашм давонда, палангчаро дар пошнаи кӯҳпора танҳо монда худ бероҳа шуд. Ба пайраҳаи чашмаи хунукак гузашта, хост бо шикорчӣ рӯ ба рӯ шавад. Дар пастхамӣ шамол кам мевазид. Сангҳои яхбастаю кӯлмаки обро ҳам гузашт. Барои паланги пир ҳар як шаху кӯҳпора, долу дарахти кӯҳистон ошно ҳаст. Дар хунукӣ ҷонварон кам берун мебароянд. Охир, ба зимистони кӯҳистон на ҳар ҷонвар тоб меорад. Шояд ҳоло хирс дар хоби ғафлат бошаду суғур барин ҷонвари бепарво дар лонааш дам гирад. Ин ҷо сангпушт ҳам то баҳор аз хонааш берун намебарояд. Қонуни табиат ҳамин.

Лекин то баҳор ҳоло хеле вақт ҳаст. Аз таги арчаҳои худрӯй «ку-ку»-и фохтаке баромаду дуртар зоғи алое нолишкунон парида рафт. Паланг ҳайрон шуд. Чаро шикорчӣ ба парандаю чаранда коре надорад? Чаро ин ҷонвари дупо танҳо палангро таъқиб дорад, ҳа, ба таври худ андешид паланги пир. Аҷоиб махлуқи бад аст ин шикорчӣ. Ӯ чӣ мехоҳад аз ин дунё, наход нафаҳмад, ки ҳокими ин кӯҳу дара мо, палангонем. Охир, мо ҷонварон ба шаҳру деҳа коре надорем-ку. Чаро шикорчӣ деҳаро партофта шабу рӯз, дар ин ҳавои сарду яхбандӣ овораю саргардон, ҷон мекоҳонад, ки охирин палангро ҳам нест кунад.

Ин дам шикорчӣ палангро худ аз наздик ба мушоҳида гирифт. Акнун ҳаракату поймонии палангро ҳам назора дошт. Ӯҳ, ҳайвони нодоне, паланг, зӯрмандам гуфта худат бо пои худат назди марг меой, ҳа, аз дил гузаронд шикорчии носерам. Ин вақт шикорчӣ завқ дошт. Дигар ӯ хунукӣ, барфро ҳам фаромӯш кард, милтиқро сахт дар кафи даст дошта, пайт меҷуст.

– Эҳ, дунё, бо ҳамин қадар зӯру тавон паланг нодон будааст, да… ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ… Наход бӯи борутро, одамизодро ҳис накунад. Шикорчӣ ҷои исташро хубтар карда афзуд:

– Биё, наздиктар биё, ки бехато парронамат.

Шикорчӣ бехабар буд, ки паланги дунёдида ҳамаашро медонад. Ҳилаву найранги шикорчиро ҳам. Аммо ӯро наҷоти фарзанд пеш мебурд. Мехост аз шикорчӣ қасосашро гираду ин дара чун макони бехавфи палангон боқӣ монад. Паланги пир худашро тилтонда бо панҷаҳои гирояш ба сару гарданаш барф пошида, садои бадхашмонае баровард. Шикорчӣ нафаҳмид, ки паланг чӣ ғуруру дағдағае дорад. Охир, паланг дар ин қади дара, дашту ҳомун аз ягон ҷонзоде тарсу бим надорад. То баландтарин қуллаи кӯҳ дар ихтиёри ӯст. Ҳоло паланги пир ба фарози кӯҳсор назар афканда ғамгин мешуд. Ба димоғаш бӯи алафҳои кӯҳӣ расид. Ҳис кард, ки ӯро қуллаҳои барфпӯш интизоранд. Аммо чӣ хел ба он макони пурасрор равад, ки то ҳанӯз шикорчии бераҳм зинда ҳаст. Ҳеҷ ақли паланги

пир намегирифт, ки ба шикорчӣ пӯсту нохуни вай лозим аст…

Шикорчӣ паси сангро палмосиду оби даҳонашро базӯр бо ғазаб фурӯ бурда худ ба худ ба гап даромад.

– Акнун вақту соати мерганӣ расид, паланги далер. Чунон ба нишон гирамат, ки аз сад ҷонат як ҷонат ҳам намонад. Ҳамин ки туро пӯст кандам, нохуну пӯстатро ба шаҳр мебарам. Бигузор дӯстонам бинанд, ки паланги ҳақиқиро паррондаам.

Паланг хеле наздик омад. Ҳатто хаёле шикорчӣ нафаскашии палангро мешунид. Ҳайвони безабон бо пояш барфро пош дода, ғуррос зад. Таҳдид дошт, гӯё ба душмани деринааш мегуфт, ки вай аз марг наметарсад. Мард бошӣ, аз чайлаат берун баро, бе яроқ биё, қувваозмоӣ мекунем. Касе дастболо гардад, ҳамин дашту кӯҳу даман то абад азони вай…

Нохост овози «пақ-қ-қ!» баромаду атрофи ба сукут рафта дар як дам гулдуррос зад. Паланги пир дар баданаш сӯзиши сахте ҳис кард. Хост пеш давида ба шикорчӣ ҳуҷум кунаду милтиқашро гирад. Аммо пойҳояш суст гашта, дасту панҷаҳояш ба ӯ итоат накарданд. Аз ҷои захм хуни гарм метаровид. Паланги пир ким-чӣ фикре карда, худашро якбора қафо партофт. Аз паси сангҳо гузашта дар нишебии барфпӯш ҷои захмашро лесидан гирифт. Ҳис кард, ки қувваташ кам шудааст. Аммо фикри палангча, наслу ғурураш ӯро ором намегузошт. Дар сар нақшаи нав кашид…

Шикорчии бераҳм хурсандона ҷои исти паланг омад. Охир, ӯро хуб ба нишон гирифта будам, тир ҳам бехато расид-ку, андешид шикорчӣ. Лекин чаро худи паланг нест. Ана, хунаш ҳам рехтааст-ку. Шикорчӣ атрофро аз назар гузаронида ҳайрон шуд. О, ин паланг таги замин шуд, чӣ бало ё худашро ба ҷарӣ ҳаво додааст, чӣ.

Не, ё тавба. Ба ҳар ҳол зинда монданаш багумон аст. Аздусар дар ин хунукӣ мемурад, ҳайфи пӯсту нохунҳояш…

Баъде ки шасти гармии офтоб гашта болои кӯҳпораҳо хунукӣ соя андохт, шикорчӣ ба роҳ даромад. Ӯ бепарвоёна қадам зада, нав ба сари баландӣ баромада буд, ки яке паланги пир аз пешаш баромад. Шикорчӣ аввал сахт тарсиду аз хеш фарёди талхе бадар сохт. Аммо паланги пир аз рангу рӯи паридаи ӯ чашм наканда нотарсона пеш меомад. Мехост, душманашро аз наздик бубинад. Фаҳмад, ки ӯ чӣ қудрату ҷасорате дорад. Шикорчии дунёдида ба худ омада зуд палангро чапғалат дода дар канори решаи дарахте ҷой гирифта палангро боз ба нишон гирифт. Паланги пир ин дафъа наъраи бадхашмонае кашида бо сару рӯи хуншор бо як чолокии ҳайратовар боло ҷаҳида ба шикорчӣ дарафтод. Ҷасади шикорчиро ба баландӣ оварда, баъд ба поён афканд ва худаш низ сарозер шуд...

Паланги навомӯхт аз баландӣ ба қаъри дара нигоҳ карда садои ба сангу теғаҳои кӯҳ бархӯрдани ҷасади шикорчию овози дардолуди модарашро охирин маротиба шунид...

Палангак аз ин манзараи даҳшатнок ҳаросон гашта ноилоҷ роҳи манзили аҷдодиашро пеш гирифт. Паланги навомухт торафт боло мебаромад. Ба домани қуллаҳои барфпӯш. Мехост, он ҷоеро макону манзил интихоб кунад, ки пою қадами одамизод нарасида бошад...

# ВАҚТЕ БЕША НАФАС МЕКАШАД

## ПАРАНДАИ ҲАЛҚАДОР

Ман чун дӯстдори табиат сайругаштро дар фасли баҳор дӯст медорам. Ҳамин ки рӯзҳои хуршедӣ фаро расид, боз мавзеи дӯстдоштаам «Бешаи палангон» рафтам. Он рӯз аз дами саҳарӣ ҳаво гарм буд. Акнун борхалтаамро монда, хостам дарунтари найзор дароям, ки яке чашмам ба парвози парандаҳо афтод. Бинам, шоҳине бо шаст парандаи хурдеро думболагирӣ дорад. Ҳис кардам, ки парандаи хурд раҳгум задааст, ки самти ҳаракаташро пайдо накарда, мувозинаташро аз даст дод. Шоҳин барқвор ба парандаи роҳгумзада ҳамла намуд. Парандаи бегона хурдҷусса ҳам ки бошад, ба шоҳин муқобилият нишон дод. Худашро лӯнда карда, гоҳе сарозер поён мешуду гоҳе бо шаст синаи осмонро дарида нохост ба баландиҳо мепарид. Аз афташ, ин рафтори парандаи бегона ба шоҳини соҳибчангол маъқул нашуд, ки вай ба ғазаб омада, тефҳояшро калон кушода якбора ба паранда дарафтоду нӯл зада, бо панҷаҳои гирояш вайро захмин намуд.

Ҳангоме ки парандаи ношинос аз ман каме дуртар ба замин афтод, тааҷҷубам зиёдтар шуд. Дидам, ки вай аз ҷояш наҷунбида ба атроф нигоҳ дорад. Шояд «Бешаи палангон»-ро аввалин бор медид. Аз чизе наҳаросид, ҳатто вақти ба паранда наздик шудан вай нигоҳи андӯҳгинашро аз ман намеканд. Гӯё бо ин нигоҳаш мадад мехост. Аз тефи чапаш ҳанӯз хун мешорид. Нохост дар боли росташ чашмам ба ҳалқае афтод. Аҷоиб, нахустин маротиба парандаи ҳалқадорро медидам. Навиштаҷоти ҳалқа маро ба ҳайрат овард, «Ба Санкт-Петербург»: ба нишонии Центкольц ММ 211243 хабар диҳед».

Дар хоначаи ҷангалбон парандаро дору кардем. Акнун вай дам мегирифт. Маълум шуд, ки парандаи оддӣ набудааст, балки вай моҳихӯраки баҳрӣ будааст. Моҳихӯраки

баҳрӣ ду рӯзи дигар дар хоначаи ҷангалбон монд. Офтоб, иқлими зебои беша ба вай маъқул шуд, ки акнун озодона дар канори дарё, кӯл давр мезад. Рӯзи сеюм моҳихӯрак парвозкунон болои дарахти бед нишаст. Баъд бо нишони арзу сипос овози хосае баровардa боло парид. Акнун моҳихӯрак парвои шоҳин ҳам надошт, зеро барои худ манзили нав – диёри ҳамешсабзи Тоҷикистонро кашф намуд…

## ТУРНАИ ФАВТИДА

Мушоҳидаи парандаҳоро пазмон шудаам. Ҳеҷ аз хотирам намеравад, ки дар ҳалқаи кӯҳҳои Ромит чӣ гуна селаи турнаҳо сафар доштанд. Гӯё дирӯзакак буд, ки овози марғуладори турнаҳо аз болои кӯҳҳои Ромит танинандоз мегашт. Қатори турнаҳо сафи аскар барин тӯл мекашид.

Турнаҳо ин даъфа хеле паст парвоз доштанд ва садои якмароми онҳо чун мусиқии зебое ба атроф танинандоз буд. Нохост аз канори деҳа садои даҳшатноки милтиқ ба гӯш расиду ғиреви турнаҳо баланд гашт. Низому қатори парандагон якбора гусаста шуд. Села роҳашро гум карда буд, ки чор тараф паҳн гашт. Аммо дидам, ки роҳбаладии онҳо турнаи калоне садои имдодталабонае баровардa, дигар ҳамҷинсонашро ба ёри даъват менамуд. Онҳо ғайричашмдошт турнаи захминро миёнагир карда афтидан намонданд. Аммо турнаи захмин ҷонҳавлона болафшонӣ мекарду лекин мувозинаташро нигоҳ дошта наметавонист. Хаёле турнаҳо мотам доштанд ва танҳо садову ғиревашон дилреш ба гӯш мерасид…

Нохост турнаи захмин аз баландӣ ноаён сарозер шуд. Сафи турнаҳо якбора парешон, доду ғиреви турнаҳо баланд гашт. Тамоми села фиғонкашон аз дунболи турна афтода, ба ёнаи теппа фуромад. Турнаҳо ҳамхайли худро беҷон дида, дар мотами вай ба сукут рафтанд.

Ногоҳ чашмам ба гӯшаи дарахтзори деҳа афтоду суроби марди милтиқдоро дидам. Шикорчӣ аз кардааш пушаймон буд ё хурсанд, номаълум монд. Танҳо мардак камонашро

поён карда ба тӯдаи турнаҳои саргардон гунаҳгорона менигаристу халос ва чӣ кор карданашро намедонист…

Селаи турнаҳо баъди хайрбод боз чириқ-чириққунон болои сари турнаи фавтида давр зада, сипас ба уфуқи нилгун парвозӣ шуданд.

## ҚУРБОҚҚА ВА ЗАНБӮРҲО

Аз шафати заҳбур мегузаштам, чашмам ба як қурбоққаи калон афтод, ки беист хониш дошт. Хостам роҳамро идома диҳам, ки боз рафтори қурбоққа ба ҳайратам гузошт. Аввалин маротиба дидам, ки қурбоққа ин қадар хурсандӣ ҳам мекардааст. Шояд аз омадани баҳор шодӣ дорад, аз дил гузарондам ман. Аммо ин гумонам ботил баромад. Вингоси занбӯрҳои атрофро дида, пай бурдам, ки қурбоққа онҳоро шикор дорад..

Қурбоққа чолокона ин тарафу он тараф ҷаҳида, моҳирона якбора се-чор занбӯрро фуру мебурд. Қурбоққа пайт ҷуста боз ба занбӯрҳо ҳамлавар мегашту баробари ба даҳонаш гирифтани туъма гарданашро ёзонда роҳат мекард. Селаи занбӯрҳо ҷонҳавлона атрофи сари қурбоққа давр зада, илоҷи аз ин балои ногаҳонӣ халос шуданро меҷустанд. Аммо қурбоққаи доно садои болҳои занбӯрҳоро мешуниду ба ҳуҷум омода мегашт ва якбора худашро болои занбӯрҳои ба қамишзор нишаста партофта бо як чолокии ҳайратовар туъмаи навбатиро фурӯ мебурд..

Шояд ман роҳамро давом медодаму дарунтари беша мерафтам, ки яке аз қафои селаи занбӯрҳо як гаҳвораҷунбонро дидам.. Гӯё занбӯрҳои ба асорат афтода ӯро ба ёрӣ даъват карда буданд, ки гаҳвораҷунбон нотарсона ба қурбоққа наздик шуд.

Курбоққа ногаҳон пайдо шудани гаҳвораҷунбонро дида ба тааҷҷуб омад, вале худашро бовиқор гирифта, калонгирона дар ҷояш истод ва оқибати корро интизор гашт. Қурбоққа бо чашмони аз косахона берунгаштааш гӯё гаҳвораҷонбонакро песонда, писандаш намекард..

Гаҳорачунбонакро қаҳраш омад, ки нохост ду пои пешашро ба сари қурбоққа зада ӯро хаёлам, кӯр кард. Ин гуна набардро қурбоққа чашмдор набуд, ки даступохӯрда сарозер шуд. Қурбоққа намедонист, ки пойҳои пеши гаҳворачунбонак мисли сузан тезу бурроянд. Садои қурбоққа якбора хомӯш гашту ба таги ботлоқ фурӯ рафт…

Акнун занбӯрҳо хурсандона виз-визкунон озодона парвоз доштанд ва ба наҷотбахши худ гуё таъзим кардан мехостанд.

## АККАҲОИ ДУЗД

Дар миёнаи ҳавлиамон чормағзи калоне қад кашидааст. Ин чормағзи бобои ҳар сол меваи бисёре медод. Соле сечаҳор халта чормағз ҷамъ мекардем. Аммо соли охирин чӣ шуда чормағзи камтар ба даст овардем. Падарам ҳар замон ба садои наҳси аккаҳо, ки болои дарахти чормағз ҷамъ меомаданд гӯш дода мегуфт:-Нисфи ҳосилро ана ҳамин аккаҳо дӯздӣ карда мебаранд.

Ман ба тааҷҷуб афтода гуфтам:

– Чи хел, магар онҳо чормағз ҳам мехӯранд, ҳа!

– Бале аккаҳо чормағзи бомаззаро дарав мефаҳманду аз пайи дӯздӣ мешаванд, – гуфт падарам. – Бин, ҳо ҳамон ниҳоли чормағзе, ки дар болои кӯҳ рӯидааст, шояд меваи он аз даҳони акка афтида бошад.

Рузе дидам, ки боз селаи аккаҳо пайдо шуданд. Онҳо атрофро аз назар гузаронда, якбора ба ҳуҷум гузаштанд. Аккаи сиёҳи калоне онҳоро роҳбарӣ дошт. Аккаҳо бо як ишора ҳар кадом ба нулашон чормағзе гирифта, сипас парвоз карданд. Қаторак болои санге дуртар нишаста боз атрофро хуб мушоҳида карда, баъд моҳирона пайи ҳам ба ковокии куррасанге даромаданд.

Онҳо ҳар кадом бозёфташонро таги хок гӯр карда боз парида гашта рафтанд. Ман фурсатро муносиб дониста, паси ҳамон санг омада ба сӯроҳи даромадаму ба ҳайрат афтодам. Ғарами чормағзҳоро дида, бовар кардам, ки аккаҳо хулқи дӯздӣ доштаанд.

Акнун ба бағалам чормағз ҷамъ карда баромадани будам, ки як аккаи посбон ин ҳолатро дида, шӯру мағал бардошт.. Дар як дам тӯдаи аккаҳои наҳсу мағрур болои сарам пайдо шуданд. Онҳо нотарсона ба ман ҳуҷум мекарданд. Паст парвоз карда ба сару рӯям нул мезаданд.. Чормағзҳоро партофта роҳи гурез мекофтам. Аммо аз дасти аккаҳо амон намеёфтам. Ин дам аз куҷое падарам пайдо шуд ва бо чӯби калоне аккаҳоро таҳдид намуд. Вале аккаҳои ҷонсахт ҳамоно истодагарӣ доштанд ва то дами ҳавлӣ моро таъқиб карда бурданд.

## САГОБӢ

Сагобӣ аз пайи бунёди манзил лаб-лаби дарёчаро аз назар гузаронда, ҷой беховфтар меҷуст. Ӯ ин ҷойҳои наму серлой ва найзорро борҳо дидааст. Аммо ин авохир зиндагӣ дар дарёча барояш якбора сахт мушкил шуд.

Аз пахтазори хоҷагӣ поёноби доруҳои кимиёвӣ ҷорӣ гашта, рост ба сой мерехт. Ҳоло сагобӣ медид, ки чӣ тавр оби ғализу ифлос дар болооби дарёча паҳн шуда, пардаи сиёҳе рӯи ҷӯи зулолу покро мепӯшад. Селаи моҳичаҳои ноком чор тараф шинокунон ноилоҷ худро таги қамишу обсабзҳо ё сангу гиёҳе пинҳон намудан мехостанд. Аммо аз бӯи бади заҳр нафастанг шуда, бо умеди зинда мондан ноилоҷ болои об мебаромаданд…

− Ана, бинед, худашон ба даст афтоданд, − якбора нидо кард марде, ки дар дасташ шасти калон дошт. Ӯ ҳамроҳонашро ба шикори моҳичаҳои ба талвоса афтода даъват намуду худаш бепарвоёна тӯрашро болои моҳиёни нимҷон партофта, онро кашид. Баъд зарфашро пури моҳӣ карда гуфт:

− Самад, ту ҳоло ҳам дар ғами ҳамон сагобӣ ҳастӣ! Биё, беҳтараш, аз баҳри он гузару моҳӣ шикор кун, бин чӣ қадаре ки хоҳӣ, ҳаст, хоҳӣ, бурда дар бозор мефурӯшем, пули тайёр, чӣ гуфтӣ? –Ин гапҳоро як сӯ мону ақаллан ҳамин рӯз бо ман то охир пойида ист, яке мебинӣ, ки сагобӣ ҳам пайдо шуд, - гуфт каме ранҷида Самад.

– Аз ҳамон сагобият чӣ фоида! Хайр, як муши обӣ будааст-да!

– Сагобӣ ҷонвари одӣ нест, вай дар табиат кам мондааст..

– Магар дар ҳамин дарёчаи мо ҳам ҳаст? Ҳеҷ боварам намеояд, - гуфт бо оҳанги тааҷҷуб шикорчӣ.

– Ҳаст, аз муши обӣ калонтар асту дар лаби дарё миёни луху қамиш лона месозад, - гуфт Самад..

– Исто, ки ғизояшро аз куҷо пайдо месозад!

– Ғизояш, асосан моҳӣ, баъд алафҳои обӣ мебошад, хеле нодир аст!

– Нодир бошад, чаро шикораш мекунӣ, бимон зиндагӣ кунад!

– Рост мегӯӣ, дӯстам, аммо ин одати сабилмонда намегузорад. Вале ҳамин ки сагобиро дошта гирам ё ақаллан мурдаашро ба даст орам, ба Худо, шикорро тамоман тарк мекунам…

Самад боз дар канори дарёча танҳо монд. Вай лаб-лаби соҳил қадам зада, пай набурд, ки аз гӯшае бо тарсу ҳарос сагобӣ ӯро назора дорад. Дарёча дам ба дарун зада хомӯшона нафас мекашид. Мавҷҳои гиреҳхурдаи об ба гармои тамуз хаёле таслим шудаву монанди сайди захмине базӯр ҷорӣ мегаштанд.

Ин ҷо гӯё ҳама чиз дар ҳолати мурдан қарор дошт…. Дар тӯли солиёни охир касе аз вазъи дарёча ёд намекард. Хаёле он дар маҷрои поизи туфонӣ ба ҳукми фаромӯшӣ афтода, дар ин гӯшаи саҳрои ғам ҳамешагӣ ба сукут рафтааст.

Сагобӣ баъди шунидани овози шикорчӣ миёнаи найзор рафта, худро ба лой ва заҳи бадбӯй ҷӯлонда, аз сӯрохие дохили лонаи вайронааш шуд. Фукашро аз ғуссаву алам ба хок месоиду ба худ мепечид. Ӯ дигар оромиашро аз даст дода буд, ки кӯрмолкунон боз аз лонааш берун гашта, ғайриихтиёр ҷониби рӯдхона шино кард.

Сагобӣ, барои он ки набинандаш, тез шино дошт ва аз ҷойҳои алафдор бемалол гузашта мехост, худашро ба мавзеи тунукоб расонад. Вай сарашро каме берун оварда, ба соҳил назар карду ҳуш аз сараш парид. – Селаи моҳиёни мурдаи

болои обро дида оҳи пурсӯзе кашид: Оҳ, ин чӣ бераҳмӣ! Магар моҳиён нисбати фарзанди одам ягон бадие кардаанд, ки наслаш онро ин қадар бераҳмона қир мекунад?!

Сагобӣ дигар ҳавсалаи дидани ҷисми моҳиёни дар дами ҷонканӣ афтодаро надошт. Хост дуртар фирор кунад, ки яке, ба шаст дарафтод. Аз шитобкории худ дер огоҳ шуд, дар банд печида буду комак мезад. Зуд пай бурд, ки асири тӯри сахте шудааст. Лаҳзаҳо ба шумор буданд. Соҳиби тӯр бо аҷала онро ҷониби соҳил мекашид.. Сагобӣ аз дил гузаронд, ки агар илоҷи раҳоиро наёбад, яқин туъмаи шикорчӣ хоҳад шуд. Ӯ бо талвоса худро ба чор тараф зада, ноилоҷ овози имдодталабонае кашид. Аммо дар умқи дарёча овози хастааш гум шуд. Ба хотир овард, ки дар дарёча аз авлоди сагобиҳо ягонто намондааст, ки ба мададаш шитобад…

Сахт бандҳоро газиду хойид, танобҳоро пора кардан хост, Аммо ҳамааш бефоида. Ҳис кард, ки бандҳо торафт тангтар шуда, ӯро нафасгир мекунанд. Ҷонсарак шуда, банди дилаш гиреҳ хӯрд. Ночор ба тақдир тан доду худро дар соҳил, зери пойи моҳигири бераҳм дид. Моҳигир аввал сагобиро дида, тааҷҷуб кард.

– Ин чи махлуқ бошад, ҳа! Боз саг барин нагазад? Ку акаи Самадро ҷеғ занам, вай аз пайи ҳар гуна ҳайвонҳои аҷоибу ғароиб гаштааст, -ку! Самад фарёди моҳигиро шунида, якбора ҳушёр шуд ва нидо кард:

– Ҳой, вайро маҳкам дор, сагобӣ аст, сагобӣ мефаҳмӣ!.. Сагобӣ ҳамаашро фаҳмид ва охирин маротиба бахташро озмудан хоста, як тарафи танобро канда, бо амри тасодуф худро наҷот дод. Ва афтону хезон ҷаҳида худро ба оби дарёча афканд. – Эҳ, сабил монад, худи гӯё балои осмонӣ бошад, ки як бари тӯро саг барин хойида озод шуда, худашро ба дарёча афканд, – гуфт хиҷолатмандона моҳигир..

– Ҳеҷ ақлат нагирифт, ки сагобиро махкам нигоҳ дорӣ! Пакар буд, охир, ӯ, акнун ҳушёр шуд ва дигар дастгир карданаш мушкил гашт..

Баъди ин воқеа, дар ҳақиқат, сагобӣ бо эҳтиёт рафтор карда, аз пайи ёфтани лонаи нисбатан мустаҳкам гардид. Оқибат таги теппаи канори соҳили муқобилро ҷои зисти

минбаъдаи худ интихоб кард. Дар ин ҷо тез-тез гирдоб ба амал меомад. Ҳавзе, ки онро луху найзор пӯшонда буд, он қадар амиқ набуд. Лойқа асосан маҳали зисти қурбоққаҳо маҳсуб мееёфт. Сагобӣ мушоҳида кард, ки қурбоққаи калоне, ки роҳбарии хайли ҳамроҳонашро ба уҳда дошт, ҳатто аз пайдо шудани мурғобиҳои ёбоӣ ба таҳлуқа афтода фиғон мебардошт. Ин дам овози беисти қурбоққаҳо дар фазои дарёча паҳн мегашт. Ана, ҳамин ҷойи хомӯшу назарногир барои зист хеле бехавфу хатар аст, андешид сагобӣ. Ин ҷо дигар шикорчӣ туро таъқиб намекунад. Акнун вай бо ҳавсала аз пайи кандани лонаи нав шуд. Луху алафҳоро яктарафа намуда, ба панҷаҳояш ханҷол кашида, ҷой хобашро васеътар намуд.

Сагобӣ мисли муҳандисе қабати заминро кофта, дид, ки намии он кам шудааст. Баъд хоки навро мисли хишт лунда намуда, пайи ҳам чидан гирифт. Ҳайвони доно бо ҳавсала кор мекард. Андак пас дид, ки лонааш тайёр шудааст. Сагобӣ пойҳояшро ба оғӯшаш гирифта, каме ғанаб рафтан хост. Лапиши болооб ва мавҷҳои ба сукут рафтаи дарёча ба ҷонаш ҳаловат бахшид. Ӯ вазиши шамолак ва ҳаму рост шудани баргу пояи найҳоро ҳис кард ва хумори сайру гашташ гирифт. Аммо боз симои наҳси шикорчӣ пеши рӯяш пайдо шуду ба баданаш рашъа давид. Сагобӣ аз тарси шикорчӣ нимхез шуда, роҳи лонаашро дигар кард ва аз ду ҷониб сӯрохӣ кофт, то дар сурати ба вуҷуд омадани хатар фирор карда тавонад.. Вай бо як чолокии зотӣ тамоми санъати лонасозиашро ба кор бурда, гирду атрофашро мустаҳкам кард. Сохтмон пеш мерафт, вале ин ҳанӯз таъби дили сагобӣ набуд.. Сагобӣ мехост, ки дар лона сӯрохие набошад ва он ба ҳуҷуми боду шамол ё обхезӣ тоб орад. Бо савқи табиияш чунин мешуморид, ки албатта, гирдоб ҳамчун доми фиреб, шикорчиро ба иштибоҳ хоҳад андохт. Охир, ӯ кай фикр мекунад, ки сагобӣ дар дами як балою офат, − гирдоби одамдаркаш лона сохтааст. Аммо огоҳ набуд, ки ӯро шикорчии якрав аз пӯшти теппа бо диққат назора дорад. Сагобӣ бехабар аз қисмати хеш аз лонааш баромада бо роҳи махфии паси гирдоб дар ҳавзи лухзор пай-

до шуд. Акнун мехост сарашро аз об берун кунад, ки яке садои милтиқ баланд шуд, тир аз паҳлуи чапи бадани сагобӣ гузашта рафт. Ин даъфа бо амри тақдир зинда монд, аммо баданаш сӯзиш дошт. Пайи бурд, ки тир китфи росташро сӯрох намудааст, Шикорчӣ ба оби пурхун нигариста, аз сагобӣ нишоне надид…

– Боз гурехт, ҷонвари бало будааст! Оҳи сард кашид Самад. Наход тирам ба нишон нарасида бошад? Рости гап, ман ваъда додаам. Аз шаҳр рӯзи чоршанбе барои пӯсту рӯғанаш харидорон меоянд. Шикорчӣ базӯр қаҳру ғазабашро фурӯ нишонда, боз ба милтиқаш тир ҷой намуда болои теппа камин гирифт. Аз ин ҷо дарёча чун дар кафи даст менамуд. Дид, ки аз поёноб гурӯҳи мурғобиҳои ёбоӣ ҷониби гирдоб шино доранд. Писхандомез онҳоро ба нишон гирифт, ҳамин, ки аз милтиқ оташ парид, якбора ғиреву овози имдодталабонаи онҳо баланд шуд. Акнун болои об мурғобиҳои нозанин парпарзанон, афтону хезон оғӯштаи хун ҷон меканданд.. Самади шикорчӣ аз ин манзара ҳаловат бурда, мисли девонагон аз ҷояш ҷаста дод гуфт:

– Қасоси сагобиро аз мурғобию дигар ҷонварон мегирам, то ӯро ба даст надарорам, номам Самад не!

Сагобӣ баъди дидани ин ҳодисаи мудҳиш оромиро аз даст дод. Ӯ бесаранҷомона боз ҷониби лонааш баргашт. Гӯё дарёча тӯфон дошту девбод тухми маргро мисли хасу хошок ба болои об мерехт.. Ба гумони сагобӣ қурбоққаҳо ба ҳолаш тамасхуркунон «сурудхонӣ» доштанд. Фиғони сагобӣ баромад, ӯро марги муфоҷои мурғобиҳои бегуноҳ ба таҳлуқа андохта буд. Тамоми ҳастӣ, рӯҳи равонаш танҳо ба авзои дарёчаю марги парандаҳо ва таҳдиди шикорчии бераҳм банд гаштааст. Вуҷуди ӯ аз ин дарҳамию барҳамӣ месӯхт. Эҳсосоти ноаёне аввалин маротиба дар банди ҷигараш меҷӯшид ва дарде, ки аз бераҳмии шикорчӣ ба вуҷуд омада буд, туғён кард ва дар вуҷуди сагобӣ азми қасосгириро бедор сохт.

Ӯ лаб-лаби дарёча ханҷолкашон худро ба миёнаи дарёча афканд ва фиғон бардошту ҳамсояҳои худро ба

шӯру қиём овард ва то дами бегоҳӣ дар дарёча дигар оромиш набуд…

Танҳо овози вақ-ваќи қурбоққаҳо хомӯширо халалдор мекард. Сагобӣ аз ғусса дар худ фурӯ мерафту базӯр овози шуми қурбоққаҳоро таҳаммул мекард, мефаҳмид, ки акнун ҷои хониши форами мурғонро ҳамин садои наҳси қурбоққаҳо гирифтааст.

... Вақте ки пардаи торикӣ фаромад ва дарёча ором шуд, боз атроф ба хомӯшиву сукут рафт. Гӯё дар ин гӯшаи табиат ягон ҳодисае рух надода буд. Ҳамааш дар ҳолати пештара қарор дошт, Дар асл ин тавр нест. Ҷараёни оби сард ҷисми мурғобиҳоро ба поёноб бурда, миёни найзор панаҳ намудааст.

Сагобии танҳо бошад, боз ҳам дилкашоли лонаи худ аст, мехоҳад дар ҳамин хонаи навсохтааш зимистони дар пеш истодаро сипарӣ намояд, аммо аз бими шикорчӣ дудила шудааст. Ҳатто дар торикӣ пай бурд, ки душманаш болои теппа камин гирифтаасту гурбавор атрофро наззора дорад. Сагобиро аҷабаш омад. Охир вай дар умраш аввалин маротиба чунин махлуқи якравро мебинад. Айёме буд. ки саросари дарёча пур аз парандаву ҷонварони ваҳшӣ буд, аммо шикорчиҳо ин гуна бераҳму нодон набуданд, ақаллан ба ҷони ҳайвоноти танҳо ва бепушту паноҳ раҳм доштанд. Ба ин мардум чӣ шуда бошад? – аз дил гузаронд сагобӣ….

Базӯр нафас мегирифт. Дар талвосаи ҷон буд, ҳалқаш хушк гашт. Ба сӯзиши захмҳои баданаш тақат мекард. Дигар илоҷе надошт. Дар танҳоӣ хотираҳояшро тагурӯ дошт. Гуё дирӯзакак буд, ки бо галаи калони сагобиҳои қади дарёча озодона гаштугузор мекард. Аммо ҳамаи ин ҳоло барояш мисли як хоби ширине боқӣ монда буд. Акнун дардатро ба кӣ мегӯӣ? Магар ҳамин қурбоққаҳои наврӯидаи соҳил боварат мекунанд, ки замоне сагобӣ низ модару падар ва ёру бародар дошт? Ҳаргиз!

Хаёлҳои сагобӣ дар пояи найзорҳои кайҳо хушкшуда қирав баста, дар ҳавои субҳгоҳонӣ қад-қади дарёча нолакунон нишеб мешуд. Ӯ ҳоло ҳам ҳаводиси сахти рӯзгореро, ки ӯро якумрӣ аз волидайнаш ҷудо кард, пеши

рӯ медид! Он замон ана ҳамин шастҳои барқӣ пайдо шуданду ба тухми мушҳои обӣ ва сагобиҳо якбора қирон омад. Шикорчиҳо барои ба даст овардани пӯсташон ба шикори онҳо шурӯъ карданд. Тадриҷан дар қади дарёча сагобӣ тамоман нест шуд. Ахиран сардори хайл – модари вай, ки роҳбарии тамоми ҷонварони обии дарёчаро ба ухда дошт, бо касофати қурбоққаҳои наҳс туъмаи шикорчиён шуд. То ҳол ба хотир дорад, ки чӣ тавр модараш дар дасти шикорчиҳо ҷон механд. Онҳо сагобии пирро пӯст мекананду қурбоққаҳо вақ-ваққунон шодию валава мебардоштанд. Сагобӣ аз ҳамон айём қурбоққҳоро баробари шикорчиён чашми дидан надорад. Ҳоло таассуф мехӯрад, ки ба ҷои ҷонварони зебо дарёча пур аз қурбоққа шудааст ва онҳо аз дами саҳарӣ то нисфишабӣ «суруд» хонда ӯро ором намегузоранд ва як сабаби дар таги лой ва намӣ лона гузоштани сагобӣ низ ҳамин аст.

Сагобӣ, ки ҳаргиз хоҳиши шунидани садоҳои нохушоянди қурбоққаҳоро надошт, шинокунон атрофи ҳавз чарх зад. Ҳини дамидани субҳ ва рушноӣ пайкараи ноҷунбону гурбавори шикорчиро дида, фаҳмид, ки ӯ шабро дар канори дарёча рӯз намудааст! Дигар илоҷ нест ё ман ӯро фиреб дода, ба гирдоб меафканам ё вай маро қурбони тир месозад; аз ду яке, андешид сагобӣ! Вай аз думболи мавҷи тезе ҷаҳида, ба муқобили ҷараёни об ҳаракаташро идома дод, то ин, ки аз чашми шикорчӣ пинҳон монад. Ӯ бо кӯмаки пойҳои ларзонаш ба теппаи соҳил наздик шуд ва диққати шикорчиро ба худ ҷалб кард. Оби миёнаи лухзор бо гуноҳи қурбоққаҳо хеле касиф ва гилолуд шуда буд ва сагобӣ саъй кард, ки ин ҷоро ҳарчи тезтар убур созад, зеро оби ифлос ҳаракаташро суст намуда, гулӯяшро хаёле буғӣ дошт. Аз вақ-вақи қурбоққаҳо боз ба танг омад, онхо барқасд ӯро масхара доштанд. Сагобӣ билахира найзорро гузашта ба гирдоб расид. Акнун ҳаво бисёр равшан шуда буд ва шикорчӣ монанди сусморе хазида ҳар як ҳаракати сагобиро мушоҳида дошт. Ӯ бехабар аз хеш аз паноҳгоҳаш дуртар шуда, сагобиро ба нишон гирифт ва якбора қуланги милтиқро зер кард…. Гулӯла оташ гирифта садои ваҳшатзое дар фазои

дарёча паҳн шуд ва сочмаи бисёре атрофи сагобӣ пош хӯрд…Сагобӣ маргашро гӯё ба чашми худ медид ва хаёлаш табиат ба коми оташ ғалтид. Ин дам сагобии ноком пиндошт, ки сочмаҳо гирди сараш мечарханд. Аммо ба қаъри об шино карда худро саломат дарёфт ва шукр намуд, ки ин даъфа низ наҷот ёфтааст. Аз канори лонааш ҳавзи оби лойолуд бо ҳарос сар берун намуда, манзараи аҷиберо дид.

Шикорчӣ лаб-лаби дарёча давида, дашномкунон милтиқашро партофту худро нохост аз болои тепа рост ба дарёча афканд. Вақте, ки мавҷҳои муқтадири гирдоб ӯро ба коми бетаги худ кашиданд, хатоияшро фаҳмид. Акнун ӯ дасту почак мезад ва роҳи наҷот мекофт. Оби сарди гирдоб бошад ӯро торафт нафасгир намуда ба таҳ мекашид. Аз гӯшае сагобӣ ҳолати табоҳи ӯро наззора дошт…

## САНГОВДАВАК

*Санговдавак, санги ту ку?*
*Айилу пуштанги ту ку?*
*Ҷӯраи бенанги ту ку?*
*Ақли таги санги ту ку?*

Санговдавак имсол тани танҳо монд. Дар канори дарёча, ки дар соҳилаш ҳамагӣ ду-се ниҳоли тут ва як арчаи худрӯй боқӣ монда буд, мезист. Имсол дар аввали сардиҳо, зимистон надаромада ҳамроҳонаш ба мулкҳои нисбатан гарм кӯч бастанд. Нарафт. Рӯзи видоъ, вақте ки селаи санговдавакҳо парвозкунон дур шуданд, гӯё садои чикчики онҳо дар гулӯи санговдавак ях баст. Парандаи содда он замон оқибати ин амалашро андеша накард.

Гумон дошт, ки табиати зебои ин мавзеъ ӯро мехӯронаду албатта, аз хунукиҳо эмин мемонад. Ҳоло санговдавак ба ҳамон самте, ки чанд моҳ пештар ёронаш парвоз карда рафтанд, нигоҳкунон афсӯс хӯрд.

Аз васати наҳр, ки нисфи обаш хушк шудааст, боди сахте вазидан гирифт. Санговдавак ҷонҳавлона болчаҳояшро паҳн карда, сарашро таги пар намуд. Акнун панҷаҳои бо-

рикаш базӯр шохчаи шикастаи тутро медошт. Бод охирин баргҳои тутро ба ларзиш даровaрда буд. Баргҳо хишир-хиширкунон тоб наоварда, оқибат дар панҷаи шамол алвонҷхӯрон аз ниҳол дур мешуданд. Санговдавак дар тамоми вуҷуди худ хунукиро ҳис карда, мехост ба ҷои бехавфе парида равад. Лекин дар ҳама ин паҳно ҷои муносибе набуд. Санговдавак медонист, ки дар дами хунукиҳо одамони атроф омада, аз як сар долу дарахтони қад-қади дарёчаро бурида, барои ҳезум, аловии зимистон бурданд. Акнун санговдавак ба кундаҳои бесоҳиб, партовҷойҳо бо ҳасрат дида дӯхта, барои халосии ҷонаш парвозкунон худро миёни шохчаҳои арча зад.

Танҳо дар ин ҷо, миёни баргу поя, шохчаҳои анбӯҳи арча санговдавак аз шамолу хунукӣ ҷон ба саломат бурд. Акнун кам-кам ба баданаш гармӣ дамид. Аз бекорӣ бо минқорчааш таги тефашро тозакунон хост худашро ба тамошои атроф андармон созад. Дид, ки табиат хеле хору залил шудааст. Аз он ободиҳои баҳорӣ, гулу буттаҳои фаровон дарак нест. Як вақтҳо, аниқтараш, фасли тобистон ин ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамон дам мегирифтанд. Баъзеҳо хайма зада шабонарӯзӣ дар соҳили наҳр фароғат доштанд. Аҷабаш омад, ки одамон ҳамин канори обро ҷои истироҳат интихоб карданд. Охир, ӯ, санговдавак насл ба наслаш дар канори рӯдхонаҳову дарёчаҳо зистаанд. Онҳо дар ҳамин гуна иқлим ба дунё омаданду боз мераванд, аммо ба одамон чӣ шудааст, ки манзили онҳоро танг кардаанд. Ҳоло дар ҷое, ки санговдавак лона гузошта буд, боқимондаи шишаҳои холӣ ба назар мерасаду халос. Аз дасти одамони беғам на дар соҳил ниҳоли тут монду на дар об моҳӣ.

Санговдавак нағз дар хотир дорад, ки шабона як гурӯҳ одамон ба об ноқили барқ партофтанду ба тухми моҳиён қирон омад. Тамоми моҳиён мурда болои об шуданд. Ду рӯзи дароз болои об пури мурдаи моҳӣ буд. Ҳайфи ин зебоӣ, табиат, аз хаёл гузаронд санговдавак. Ҳис кард, ки ҳоло вақти ин гуна фикру мулоҳизаҳо нест. Баъд, андешаи як санговдавак ба кӣ даркор, беҳтараш, ғами ҷонатро хӯр. Аз ин хаёлҳо боз модараш ба хотираш омад.

Ҳа, беҳуда ба гапи модарам гӯш накардам, оҳ кашид сан-говдавак ва ба қанотчаҳои сардаш нигоҳкунон афсӯс хӯрд. Аммо аз ноилоҷӣ боз аз миёни шохчаҳои арча берун шуд.

Санговдавакро гуруснагӣ ба танг оварда буд, ки дар лаби соҳил аз санге ба санге парида, ба об наздик шуд. Дар соҳили камоб ду нафар бо тӯрҳои махсус моҳидорӣ мекар-данд. Онҳо моҳичаҳоро ҳам ба дом афканда, дар лаби об дар халта нигоҳ доштанд. Санговдавакро бекарории моҳичаҳо ғамгин кард. Моҳигирҳо ба моҳичаҳои халта аҳамият надода, тӯрро ба ҳар ҷои об ҳаво медоданд.

Санговдавак дар соҳили чап, болои харсанге нонрезаҳоро дида саросема бо минқорчааш чидан гирифт. Нав ду-се нон-резаро фурӯ бурда буд, ки аз куҷое сангчае башаст парвоз-кунон омаду сахт ба ҷисми нозукаш бархӯрд. Санговдавак дар тефаш сӯзиши сахте ҳис карда, хост аз ҷояш парад, ки натавонист, балки базӯр охирин мадорашро ҷамъ карда, па-си харсангҳо пинҳон шуд. Дами парвоз нигоҳаш ба хандаи дандоннамои моҳигир афтод. Марди қоқина мехост вайро боз ба нишон гирад. Ӯ бепарвоёна нигоҳашро аз санговда-ваки маҷрӯҳ канда ба ҳамроҳаш гуфт:

– Медонӣ, ҷӯра, дар мулки мо ҳамин санговдавак кам мондагӣ. Лекин сабил сахтҷон будааст. Аз зарби санги дастам намурд-е… Ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ..

Моҳигири дигар аз муносибати ҳампаҳлуяш ҳайрон шу-да китф дарҳам кашид. Балки вай надид, ки чӣ тавр сан-говдавак базӯр аз марг халос шуд…

Санговдавак хеле миёни сангҳо руст шуда, оқибат барои аз таъқиби моҳигир халосӣ ёфтан тайёрӣ дид. Боли зарбхӯрдааш сахт дард дошт. Санговдавак боли захминаш-ро тит карда, ба ҷои ҷароҳат нигоҳ кард. Бо ғаму андӯҳ ба минқорчааш тефашро кашида сарашро болои ҷароҳат гу-зошт. Хун аз бари қаноташ кам-кам мешорид. Охирин қувваташро ҷамъ карду парвоз кард. Маъюсона базӯр бол кушод. Акнун шамолу боди соҳил санговдавакро дар доми худ гирифта, чапу рост бурд. Натавонист ба як самти му-айян равад. Бо душворӣ канори арчаи худрӯй афтиду ху-дашро базӯр ба таги ниҳол расонд.

Болҳои санговдавак суст шуда буданд. Ӯ хеле дам гирифта саранҷом ба шохчаи боло, боз болотари арча парид. Ин ҷо дар шохчаи хушкшуда лонаи поринаашро дида хушҳол шуд. Фикр кард, ки албатта зинда хоҳад монд. Акнун дар лонаи кӯҳнааш хоб буд. Санговдавак дар лонаи кӯҳна худашро хушҳол дида, аз шохчае ба шохчае парида, дар поёни арча дар замин лонаи нав сохт. Агар назди соҳил нарму хунук бошад, таги арча ҷои қулай буд, ҳам боду борон намерасид, ҳам хонааш табъи дили санговдавак гашт. Дар лона хоклутак карда, баъд сари панҷаҳо мепариду чикчикунон атрофро наззора мекард.

Вале ҳанӯз шамолу тундбодҳо басанда нашуда буду атрофи наҳр низ холӣ намегашт. Боз одамони тарафи наҳр заминро канда лӯлаҳои обгузар оварданд. Санговдавак дид, ки чӣ тавр онҳо ҳангоми роҳкушоӣ ба ҷони ягон ҷонзот раҳм намекарданд, сари роҳ то поёни наҳр сангпуштеро сангсор карда, саги бесоҳиберо, ки дар пеши харсанги калоне хона карда буд, зада пеш карданд.

Санговдавак ҳайрон буд, намедонист, ки одамон аз ҷонварон чӣ бадӣ дидаанд, ки ин қадар онҳоро чашми дидан надоранд. Дар лаби наҳр онҳо аз дами саҳарӣ ҷумбуҷул доштанд. Санговдавак дид, ки дар бораи ким-чие баҳс карда, яке бо ишораи дасташ арчаро нишон дод. Аз миёнашон табарбадасте омада атрофи арча як чарх заду баъд ниҳолро аз беҳаш бурида бурд. Арчаро таги лӯлаи об монда болояшро хокпӯш карданд. Санговдавак боз танҳо монд. Дар ҳасрати ёфтани ҳамҷинсонаш ба атроф парвоз кард, дар боғи ҳамсоя фуруд омад, аммо он ҷо ба гунҷишку қумрӣ, зоғу кабутарҳои ёбоӣ вохӯрд. Дар ҳеҷ куҷое аз ҳамҷинсони ӯ асар набуд.

… Санговдаваки танҳоро садои қар-қари зоғҳои сиёҳ ба худ овард. Ӯ оҳиста аз зери сангпора боло шуда, чикчиккунон болои харсанг парид. Аз ин ҷо чанорҳои хамгашти майдон намоён буданд. Дар ҳар шоху панҷа, навдаи чанори пир, ки аз ҳама баландтар буд, селаи зоғҳо нишаста базм доштанд. Онҳо шояд омад-омади сардиҳоро истиқбол доранд, аз дил гузаронд санговдавак. Охир, модарам ме-

гуфт, ки дар миёни парандаҳо наҳстаринаш зоғҳои сиёҳанд, ки қадами шуми онҳо ба замин танҳо бадбахтӣ меораду халос. Санговдавак ҳикоёти модарашро хира-хира ба хотир оварду ғичовак гулӯяшро гирифт. Аз ғаму пушаймонӣ оби даҳонашро фурӯ бурд, бо нӯлаш таи тефашро кофта фаҳмид, ки боз гурусна мондааст. Охир, санговдавак мисли зоғҳо имкони баланд парвоз кардан надошт. Макони зисташ, ки лаби обу анҳор мавзеи намнок ҳаст, наметавонад дар шохаҳои баланди чанори азим ҷой гирад.

Ин дам боз базми қар-қари зоғҳои сиёҳ боло гирифт. Зоғҳо ба якдигар навбат надода, сурудхонӣ доштанд. Шояд ҳамин бепарвоӣ, фориғболии онҳо бошад, ки зоғ сесад сол умр мебинад. Аммо санговдавак чӣ? Магар ин парандаи майдаи дастнигарро ягон ҷонзоти дигар ба эътибор гирифтааст. Санговдавак аз овони хурдияш дар бораи гузаштаи авлодаш наклҳои зиёде шунидааст. Акнун аламаш кард, дар танҳоӣ, хорию зорӣ дарк кард, ки ҳамон наклу ривоятҳо маъние доштааст.

Ин дам ба сели оби наҳр чашм давонд. Дар мавҷи об боз сурати модараш – санговдаваки ботадбирро диду ҳамон ривоят ба хотираш расид.

Гӯё дар замонҳои қадим, ки нав замин эҳё гашта буду ҳамаи ҷонзоти олам як ҷузъи табиат буд, дар ин кӯҳу дара ҳайвоноти ваҳшӣ хеле зиёд будааст. Дар қатори ҷонварони ваҳшӣ – қумрӣ, кабутару булбул, бум, кабку бедона, майна, парасту, уқоб барин парандаҳои тезчангол дар саҳрою дашт озодона парвоз кардаву хиромида, касе ба онҳо кордор набуд. Акнун одамизод ба хонагӣ кардани баъзе намуди онҳо оғоз менамуд. Гӯё дар соҳили ана ҳамин рӯд санговдавак-модар мезистааст. Санговдавак, ки аз тахти Сулаймон фуруд омада будааст, ана ҳамин маконро маҳалли зисташ интихоб кардааст. Агар дигар парандаҳо боғоту чаманзорҳоро интихоб карда бошанд, санговдавакро лаби обу миёни сангҳо маъқул шудаст. Гӯё вай вазиши шамол, мавҷи дарёро писандида, аз ин интихобаш фахр ҳам ме-

кардааст.

Рӯзе санговдакак бовиқору калонгирона лаб-лаби дарёча медавид, ки майнаро дид. Аввал ӯро назараш нагирифт. Аз ин муомилаю каттагии санговдавак ғаши майна омад. Ӯ хост, ки адаби ин парандаи ҳавои даҳанро диҳад. Майна бо санговдавак хуб шатранҷбозӣ карда, баъд барои оббозӣ дохили сангов шудааст. Санговдавак ақлашро миёни барге печонда, зери санг пинҳон намуда, даруни об даромаадаст. Ӯ чӣ қадар оббозӣ кардааст, худаш нафаҳмидааст. Як замон оббозӣ ба дилаш задаасту берун омада, ақлашро наёфтааст. Майнаи доно аз гӯшае ба даву този санговдавак нигоҳ карда хуб хандидааст. Охир, вай ақли ӯро дуздида аллакай хӯрда буд. Гуё то ҳанӯз санговдаваки нодон дар ҳасрати ақли гумкардааш дар соҳилу дарёҳо мегардаду ақлашро мекобад.

Санговдавак ин ривоятро ба ёд оварду ғаму ғуссааш дучанд шуд. Ба беақлӣ, нодонияш бовар кард. Куҷост ақлу фаросати азалӣ, ки аз ин вазъияти ноқулай раҳоӣ ёбам, андешид санговдавак. Чаро ҳамаи парандаҳои дигар хушбахту шоданду ман-не? Дигар санговдавак гӯё қар-қари зоғҳоро намешунид, аз санге ба болои санге парида, боз таги арча омад. Дар зери арчаи бурида тухмҳояш шикаставу пачақ, ҷои хоклутакаш титу парешон буд. Санговдавак бо ҳоли зору нолон боз қад-қади соҳил парвоз дошт. Мехост ин маконро тарк карда, ба ҷойҳои гармтар равад. Ин фикр нияташро якбора дигар кард. Охир, бо ин боли захмину гурусна дур рафта наметавонад. Акнун санговдавак шабона парвоз мекарду рӯзона дар зери сангу таги шаххо пинҳон мешуд. Ба хӯроки кам – шикори ду-се паша ё ҳашароти хурд қаноат карда, боз шабона ҳаракат дошт. Парвози шабона хатарнок аст. Дар торикӣ ҳар замон ба бумҳои бераҳму селаи кӯршабпаракҳо рӯ ба рӯ мешуд, вале як илоҷ карда, базӯр роҳро дигар карда, парвозашро давом медод. Охирин қувваю мадорашро ҷамъ карда, сӯи кишвари нав бол кушод. Ӯ намедонист ҳамҷинсонашро пайдо мекунад ё не. Ҳоло барои санговдавак ин муҳим набуд, балки парвоз, ёфтани макони нав, манзили бехавфу

хатар. Санговдавак ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки дунё дигар шудааст ва одамизод кӯҳу ҷангалҳоро аз худ кардаасту аз он мавзеъҳои табиӣ ному нишоне намондааст. Сангоавдавак бехабар аз ин тағйиротҳо ҳамоно парвоз дошт. Ба куҷо Худаш аниқ намедонист.

## СОЛИ ПАЛАНГ

Дар тақвими шарқӣ ҳар соли нав дорои аломати махсус мебошад, ки аз номи ҳайвоне гирифта шудаасту дар мо онро мӯчал мегӯянд. Бо номи ҳайвонот ишора кардани солҳо ба қонунияти асосии фалсафаи Шарқ асос ёфтааст. Чунки он далели робитаи тарафайн доштани инсон ва олами вуҳуш буда, аз алоқамандии одаму табиат огоҳ месозад.

Мӯчали ҷопониву кореягиҳо ва халқҳои Осиёи Миёна аз соли муш оғоз меёбад, танҳо аз они муғулҳо аз соли харгӯш сар мешавад. Оиди солшуморӣ – тақвими чинӣ шоири асри XIII Абӯ – Насри Фароҳӣ чунин нигоштааст:

*Мушу бақару палангу харгӯш шумор,*
*З-ин чор чу бигзарӣ, наҳанг ояду мор.*
*В-он гаҳ ба аспу гӯсфанд аст ҳисоб,*
*Ҳамдунаву мурғу сагу хук охири кор.*

Аз аҳди қадим мардум ҳар Соли Навро бесаброна интизорӣ мекашанд. Мардуми мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳамаи ҳайвоноту парандагон, аз ҷумла паланг, таваҷҷуҳи хоса доштааст. Чунки палангҳо дар муҳаббат, дӯстӣ то охир бо ҳамҷинсони худ вафодор мебошанд ва барои наҷоти фарзандон ҳатто ҷон месупоранд.

Акнун Соли Паланг меояд, ки он аз рӯи тақвим сеюм аст. Сокинони Аврупо ва дигар кишварҳои ғарб, ҳамчунин мардуми Машриқзамин онро чун Соли Паланг қабул намудаанд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «паланг»-ро чун ҳайвони далер, нотарс шарҳ додаанд ва ин ҳайвон дар адабиёти классикӣ чун рамзи шуҷоат, далерӣ аст ва онро

барои ифода аз шуҷоат, бебокӣ ба кор бурдаанд:

*Саропарда аз дебои ранг-ранг,*
*Бад-ӯ андарун хаймаҳои паланг.*

*Фирдавсӣ.*

*Ба паланги иззати ту, ба наҳанги ғайрати ту,*
*Ба ходанги ғамзаи ту, ки ҳазор лашкар омад.*

*Шамси Табрезӣ.*

Паланг дар Осиёи Миёна хеле зиёд паҳн шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар туғайзор, қаторкӯҳҳои Бадахшон дар баландии то 3 ҳазор метр зиндагӣ мекунад. Солҳои пеш ин паланг муқими найзор буд ва дар туғайзорҳо гурӯҳ-гурӯҳ мегаштанд.

Вале баъди азхуд кардани заминҳо, ривоҷи пахтакорӣ, танг кардани бешаҳо палангу гурозҳо аз ин ҷойҳо фирор карданд ва ҳоло хеле кам боқӣ мондаанд.

Аз ҷумла, оиди паланг дар «Китоби сурхи Тоҷикистон» омадааст: «Аввалҳои асри XX дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон вомехӯрд. Охири солҳои 40-ум шикорчиён пӯсти палангро ба идораи маҳсулот тайёркунии ш. Душанбе месупориданд. Соли 1945 дуто палангро дар кӯҳи Тоқақатор сайд кардаанд. Худи ҳамон сол изи пои онро дар пистазори кӯҳҳои Қаратоғ ва доманаи Хоҷақозиён дидаанд. Соли 1948 дар кӯҳи Гарданшутур 3-то палангро паррондаанд.

Палангҳо дар 3-солагӣ болиғ мегарданд. Моҳҳои декабр, январ ҷуфт мешаванд. Давраи ҳамлашон 92-105 рӯз аст. Одатан, моҳи май аз як то чор бача мекунанд.

Нуҳсад сол пеш аз ин дар Фаронса Ордени Паланг таъсис дода буданд, ки он ба афсарони пурсадоқату дар аҳдашон устувор супурда мешуд.

Оё аз рӯи хислату рафтори паланг чӣ гуна омадани соли навро пешгӯӣ кардан мумкин аст? Дар ҳақиқат, аз замонҳои қадим ниёгони мо аз рӯи мӯчал, ё ҳайвон баду хуб омадани солро пешгӯӣ мекарданд.

Паланг ҳайвони дарранда буда, хеле чобуку чолок, дар

шикор нотарс аст ва дар эътиқоди мардум ҳамеша ҳайвони тундхӯй буда, бо талош ба мақсадаш мерасад ва солаш ҳам некӯ, пурфайз меомадааст.

Лекин қайд кардан ба маврид аст, ки олимону муҳаққиқон бобаракат ё бефайз омадани солро ба хурӯҷи офтоб вобаста медонанд. Аз нуқтаи назари илми нуҷумшиносӣ Офтоб дар давраи аввал дар атрофи тираш хурӯҷ мекунад ва давомнокиаш 27 шабонарӯз аст, дар марҳилаи дуюм дар ёздаҳуним сол хурӯҷ мекунад, ки ин муҳлат ба мӯчали мардумӣ хеле наздик аст. Вале қарнҳост, ки мушоҳидаҳои бузургону муаррихон соли палангро соли неку оромӣ маънидод кардаанд.

Ба андешаи мутахассисон паланг чун ҳайвони безабон ва рамузфаҳм омадани ҳар гуна ҳодисот, офати табиӣ ё зил-зиларо зуд пай мебарад ва ду-се соат пеш огоҳ шуда беқарорӣ мекунад. Паланг чунон ҳайвони зираку ҳушёр аст, ки ҳатто дар табиат гулу гиёҳҳоро фарқ мекунанд ва дар минтақа ё маҳалли сукунаташ ҳамеша худро аз дигар ҷонварон ҳифз карда метавонад.

Аз рӯи маълумоту пешниҳоди «Фолнома» ва аҳли нуҷум бошад, нафаронеро, ки мӯчалашон паланг аст, ҳамеша содиқу вафодор, адолатпарвар буда, ба дӯстӣ то охир содиқ мемонанд. Дар рафтору кирдор ҳақгӯй буда, барои сухани рост ҷони худ ба хатар мегузоранд, вале ҳаргиз дурӯғ нахоҳанд гуфт. Гӯё чун паланг оромӣ надошта, ба ҷои истироҳату фароғат ҷон мекоҳонанд, то ба ҳадафи худ бирасанд.

Паланг умри хеле кӯтоҳ мебинад. Дар ин муддат ҳар сол бачаи зиёде мезояду то охир хонаашро посбонӣ карда, беқарории зиёд мекунад. Аз чашми бад, нияти бад азоб мекашад, овози бадарди ӯро дигар ҷонварон ҳис мекунанд, аммо дунёи онҳоро одамон намефаҳманд.

Дар Тоҷикистон паланг солҳои 40-50-уми асри гузашта бисёр буд. Ҳарчанд «Бешаи палангон» чун мамнӯъгоҳ макони палангон буд, вале солҳои 50-ум тамоман нест шуд. Бабри барфӣ бошад, танҳо дар вилояти Бадахшони Кӯҳӣ

боқӣ мондаасту халос. Дар Соли Паланг моро зарур аст, ки «Бешаи палангон»-ро ҳифз кунем, то палангон ба макони хеш баргарданд.

*Маъвои ту, эй ҳамватан, пуршодиву*
*пурханда бод,*
*Оре, вурудат Соли Нав, баҳри ҳама*
*фархунда бод!*

Соли паланг – албатта соли файзу нусратҳои нав дар кӯҳандиёрамон хоҳад буд ва аз рӯи пешниҳоди ситорашиносон Соли Паланг, ба хирмани деҳқон баракату сахо, ба дилҳо шодиву сурур оварда, мардумро ба сӯйи пирӯзиҳо раҳнамун месозад.

## ТАЗАРВ

Беша сердолу дарахт ва роҳи каҷукилебаш, ки пур аз решаҳои пӯсидаю анбӯҳ буд, пеши шамолро гирифта, гӯё буттаҳои худрӯи нав қадкашидаро панаҳ мекард. Дар шоху панҷаҳои навдаи дарахтони пир лонаҳои парандагон алвонҷ мехӯрданд. Яқин, солҳо боз лонаҳо бесоҳиб мондаанд, ки баъзеашон титу парешон шуда, аз зарби боду борон сӯроху кашол афтодаанд.

Як вақтҳо беша пури набототу ҳайвонот, гулу гиёҳҳои сершира буд. Аз пиёзи кӯҳӣ сар карда, то ҷамилаку субинак, пудинаву чукриву торон дар домани ҳамин кӯҳу дара ба чашм мерасид. Аз беша, болотар, аз фарози кӯҳпора як банди даст барин об поён мерехт. Аҷаб оби тозаю шаффофе буд, ки аз нӯшиданаш сер намешудӣ. Қариб ҳамаи мурғону ҷонварон аз ҳамин шаршара об менӯшиданду ташнагӣ мешикастанд.

Чӣ шуду баъдтар ин бешаи озода рафта-рафта харобу валангор шуд. Тазарв шоҳид аст, ки чӣ тавр бо расидани пою қадами одамон мавзеи ободу хуррам ба хок яксон шуд. Баъзе табиатдӯстон дар дохили беша хона сохта, муҳити табиатро халалдор намуданд. Онҳо нафаҳмиданд,

ки ҳеҷ гоҳ инсон ба табиат пурра ғолиб намеояд ва ҳатто табиат метавонад як замоне интиқомашро аз инсон гирад. Вале ҳоло дар ин ҷо табиат ба сукут, андешаи дуру дароз рафтааст ва хомӯш аст. Зеро дар ҷангал неку бад паҳлуи ҳам омадаанд ва ғаму шодиро якҷо мебинанд…

Тазарви ҳайрону лолмонда ба атроф нигоҳ мекарду хомӯш, садое намебаровард. Ӯ дигар суруд намехонд, овозаш мисли пештара оҳанги шево надошт. Балки вақти нағмасарой фаҳмид, ки овозаш тамоман хастаю дилхарош гаштааст. Ин дам тазарв ёди рӯзҳои гузаштааш мекард. Вай ҳамаи зову нишебӣ, пайраҳаю гузаргоҳҳои бешаро нағз медонад. Тазарв ҳатто мефаҳмад, ки кадом дарахт умри чандсола дорад.

Акнун дар ин қади водӣ аз зебоӣ, гулу себарга, алафҳои доругӣ нишоне нест, балки саросари бешаро найзору қамишзори шикаста, титу парешон фаро гирифтааст. Аз луху ангат, арчазори худрӯй онсӯтар ҳавзи об ба чашм расид. Дар ҳавз мурғобиҳои сафед бенизом шино мекарданд. Онҳо бидуни иртиботе байни ҳам, хомӯш, мисли қаҳриҳо ҷониби соҳил майл доштанд. Кӯҳ мисли шиками дамидаи дардманде аз худ ҳавли бадбӯй бароварда, гӯё дар қаъри бетагаш асрори накушодаеро гӯр карда бошад.

Селаи мурғобиҳои сарсон ноилоҷ худро ба қади ҳавзи пурлой, ифлос кашида, дохили лою чал шуданд. Акнун ҳар кадом бо ҳавсала ба лой минқор зада, баргу пояи лух меканд. Мурғобиҳои гурусна дигар тарсу бим надоштанд, торафт ба лою чал ҷӯлида, ҳавзро аз боло ба поён мекофтанду мекофтанд.

Тазарв ҳам сахт гурусна монда буд, аммо аз ҳирси талоши мурғобиҳои лошахӯр нафраташ омад ва бо қаҳр канори ҳавзро тарк карда, дарунтари ҷангал парвоз кард. Атрофро хомӯшу сард дида, аз шикорчӣ нишонае наёфт. Дилпур шуд, ки имрӯз шикорчӣ наметобад. Даме ки ба лонааш баргашт, чӯҷааш беқарорӣ дошт. Ҳайрон аст, ки чаро модараш соатҳои дароз беҳису ноҷунбон истода, ба фикру хаёл фурӯ меравад, овоз намебарорад, ӯро навозиш намекунад, балки дам дарун кашида меистад. Чӯҷаи навомӯхт

сарашро тарафи модараш тофта ноз кард. Гумон дошт, ки ҳоло модар ӯро таги қанотҳояш гирифта, тефашро ба минқори нозукаш тоза мекунад. Баъд ҳарду якҷоя ба сайри ҷангал мераванд. Ин дам тазарв яке бесаранҷом шуд. Танаш ларзид, аз тарс чӯҷаашро таги пар кард. Ӯ зуд бӯи боди борутро ҳис кард. Аз лонааш поинтар, наздики ҳавз нигоҳ кард, дид, ки шикорчӣ ғарами лухро яксӯ карда, ба ҳавз наздик мешавад.

Аз бими ҷон тазарв овози сахту ҷонкоҳе баровардa хост мурғобиҳои соддаро огоҳ кунад. Аммо аллакай дер шуда буд. Садои даҳшатноки тӯфанг дар фазои дашт баланд шуду мурғобиҳо дар канори лою чал якпаҳлу афтиданд. Шикорчӣ ҳам бо шаст давида омад. Аз барори шикораш хурсанд шуда, саросема дохили ҳавз шуд. Дар рӯи об ҷисми хунолуди ду-се мурғобӣ алвонҷ мехӯрд...

Шикорчӣ метавонист бо ҳамин сайдаш, мурғобиҳои кушта, ба деҳа баргардад. Аммо ӯ нарафт, балки дарунтари беша гузашта дар камингоҳаш паноҳ шуд. Аслан, шикорчӣ бо нияти доштани тазарв ба беша омада буд, аммо ин парандаи зебоpo пайдо накард. Ҳоло ӯ аз куҷо медонист, ки дар паҳлуи найзор тазарв ӯро наззора дорад...

Тазарв паси баргҳои анбӯҳ паноҳ буд. Акнун ӯ аз тақдир сахт дар ташвиш буд. Дарки он, ки авлоди мурғони нодир тамоман несту нобуд мешаванд, аламаш кард. Вале ин тарсу ҳароси ӯро чӯҷааш нафаҳмид. Ӯ аз куҷо медонист, ки дар ин водӣ аз авлоди тазарв, ки ба Китоби сурх дохил шудаанд, танҳо онҳо боқӣ мондаанду халос.

Тазарви пир боз гузаштаро пеши рӯ овард. Нағз дар ёд дорад, ки чӣ хел тазарвҳо аз кишвари ҳамсоя ба ин диёр омаданд. Ба онҳо иқлими хушобу ҳаво, дашту дамани васеъ ва чаманистони сабзу хуррам писанд афтод. Ва тазарвҳо ин водиро ватани якумрии худ интихоб карданд. Он айём сардари оилаи мурғон аз ин рафтори онҳо розӣ нашуд. Таъкид кард, ки оқибат аз ҷониби одамони ин сарзамин ба таъқиб гирифтор шуда, яксар нобуд хоҳанд шуд. Худи сардари мурғон ба ватани аҷдодияш баргашт, аммо онҳо монданд, хостанд ба ин диёр ҳусн бахшанд. Дар кӯҳу

дара нағмасарой карда, насли худро зиёд намоянд. Вале омада-омада гапи ҳамон тазарви батадбир рост баромад. Акнун ба тухми тазарвҳо қирон омад.

Чӣ илоҷ, андешид тазарв. Охир, мо ба одамон ягон бадӣ накардаем-ку? Чаро онҳо доим ба мо душманӣ мекунанд? Магар намефаҳманд, ки табиат бо ҳамин ҷонварону хониши парандагонаш зебост?...

Тазарв аз ин фикру хаёлҳо хаста шуда, боз аз пайи наҷоти чӯҷааш шуд. Акнун ӯ бо минқор шоху навдаҳои хушки арчаро шикаста, атрофи лонаашро мустаҳкам мекард. Мехост, то фаро расидани хунукиҳо як лонаи васеи аз чашми шикорчӣ дуртар бунёд созад, то дар он ягона чӯҷааш зиндагӣ карда, наслашро нигоҳ дорад. Тазарв аз рӯи таҷрибаи андӯхтааш бо тамоми маҳорату санъат лона сохт. Акнун лонааш аз табиат, ранги гулҳо фарқ надошт ва онро одамизод даррав пайхас намекард. Рӯз нисф нашуда, аллакай лона тайёр шуд ва тазарв чӯҷаашро танҳо монда, худ болотар, миёни қади дара парвоз кард ва омада ба болои дарахти ангат нишаст. Акнун ӯ бо ҳавас ба атроф чашм дӯхт. Ҳарчанд чандин сол боз беша макони тазарв аст, ба дилаш назадаву боз вай онро дӯст медораду ҳеҷ аз табиат дил канданӣ нест.

Ҳар дафъа онро зеботару дилҷӯтар мебинад. Ҳайрон мешавад, ки чаро ин зебоиҳо ба чашми одамизод наметобанд. Тазарв аз лонаи сохтааш дилпур буд, ки дигар ғами шикорчии баднафсро аз сар дур кард. Ниҳоли ангат бо баргу пояи худ тазарвро хаёле дар оғӯш кашида, ӯро аз чашми бегона паноҳ дошт. Аслан, ангат ниҳоли бахосияту барои тазарв хеле азизу муқаддас аст. Охир, тазарв дар ҳамин беша, зери ҳамин ниҳоли худрӯй ба дунё омад, калон шуд, тариқи парвоз омӯхт.

Он айём дар беша аз ҳама зиёдтар тазарвҳо буданд. Ҳар рӯз села-села мурғон дар болои дара парвоз карда, суруд мехонданд. Дигар парандаҳо, аз қабили мусичаю қумрӣ, гунҷишку майна бо ҳасад ба селаи тазарвҳо нигоҳ карда, аз сарҷамъии онҳо тааҷҷуб доштанд. Тазарвҳо аз шираи гулу гиёҳҳо хӯрда, бо хониши зебои худ ба водӣ ҳусн мебахши-

данд. Аммо ин шукуфоӣ ва ваҳдати тазарвҳо ба сарашон боз бало овард. Балои осмонӣ не, балки балое, ки онро одамизод кашф карда, ба беша расонд ва аз тири камону шикори бераҳмонаи одамон тазарвҳо низ кам шудаанд. Инсоният фаҳмид, ки гӯшту рӯғани тазарв аз ҳамаи ҷонварон дида болаззаттар будааст. Акнун шабу рӯз тазарвҳоро шикор мекарданд. Дар ин дашту ҷангал тазарв овора асту мисли пештара дар фазо озодона парвоз намекунад, балки бо мушкилоту азоби алим дар атроф, дар ҷангали васеъ, ки имрӯз барояш танг шудааст, пинҳон шуда мегардад. Тазарв аз шохаи ангат парида, ба поён нигоҳ кард. Ба пастхамӣ, миёни арчаҳои худрӯй нишаста, дид, ки нисфи қади зов ба харобазор табдил ёфтааст. Аз ҷангали пештара қариб ному нишоне нест. Одамон барои ҳезум ҳамаи дарахтонро саросар буридаанд. Аз ғарами кундаву реша, шохаҳои шикаставу нимсӯхта тазарвро даҳшат зер кард. Ноилоҷ ҳавои атрофро чуқур нафас кашид, то фаҳмад, ки аз кадом ҷониб бӯи одам, бӯи шикорчӣ меояд, вале ба димоғаш ҳеҷ гуна бӯи одамизод нарасид. Аз дил гузаронд, ки шикорчӣ шояд ҳилаву найранги наве бофта баровардааст. Оқибат тазарвро табиати вайрон, дарахтони ҳасратзада дилгир кард...

Наход одамизод ақаллан ба офаридаҳои табиат раҳм накунад. Хайр, моро-ку барои гӯштамон шикор мекунанд, фикр кард тазарви пир, нисбат ба табиат чаро ин қадар бетараҳҳум аст инсон?!

Атроф ҳамоно хомӯшу бесадо метофт. Адирҳо, қади зову кӯҳпораҳо мисли сари бо поку тоза тарошида лучу урён буданд. Баҳор ин ҷо чӣ қадар зебо, мунаққаш мегашт. Дар баҳорон баъзе парандаҳои муқимӣ бар гашта меоянду тӯю тамошо мешавад ва боз атрофро қиву ҷув, хониши парандаҳо пур месозад. Ҳоло ҳамааш сӯхтаву фано гаштааст. Офтобу гармии тамузи фасли тобистон ҳукм ронда, растаниву буттаҳоро бармаҳал хушк кардааст. Аз гармии тоқатфарсо ниҳолони санҷиду ангат мисли мӯйсафеде, ки асои худро ба замин кӯфтааст, хам хӯрдаанд.

Тазарв ба ёд овард, ки соли гузашта дар гӯшаи дашт

хаймае пайдо шуду баъд гурӯҳи одамон дар сурати табиатшинос ба таҳқиқи беша шурӯъ намуданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, дар қади дара, нишебу пуштаҳо аланг-саланг, беҳуда хеле гаштугузор намуда, ба дафтарҳои худ чиҳое навиштанд. Шоху навдаҳоро шикаста, бо ҳар гуна пурбину асбоби ченкунак аз назар гузарониданд. Ҳангоми тарзи ҳаёти парандагонро мушоҳида кардан онҳо низ ғайричашмдошт ошиқу гирифтори тазарвҳо шуданд. Акнун ҳар рӯз ҷангалбон ноилоҷ ду-се тазарв шикор карда, барояшон хӯрок мепухт.

Тазарв аз чунин муносибати одамони шаҳрӣ, ки якбора дигар шуданд, дар тааҷҷуб афтода, намедонист, ки ҳамаи инро сабаб дар чист. Акнун тазарви пир ҳамаашро аниқ медонад, ки аз онҳо ба зоти мурғон ягон фоида нест, балки зарару зиён мерасаду халос. Онҳо тирамоҳи ҳамон сол ба ин ҷо як озмоишгоҳ – мошини сайёр низ оварданд. Ҳар рӯз аз дохили озмоишгоҳ ду-се нафар ба беша омада, тазарвҳоро мушоҳида мекарданду баъд бегоҳӣ, худашон пинҳонӣ, ба шикор даст мезаданд. Шаби дароз дар озмоишгоҳ базми майнӯшӣ, рақсу бозӣ ороста мешуд. Барои нафси нофармони онҳо даҳҳо мурғон қурбон мегардиданд. Боз касофатӣ омад. Охири ҳамон сол гурӯҳи дигар ба муоинаи бузҳои кӯҳӣ сар карду тухми ин ҷонвар дар беша ба коми нестӣ афтод. Акнун бузҳои нодир низ ба балои азим гирифтор шуданд. Дегҳои калон аз гӯштбирён пур мегардиданд. Одамонро гӯштхӯрӣ ба дил зад, ки боқимондаи гӯштро ба қади дара мепартофтанд. Қад-қади беша аз устухонҳои бесоҳиб пур шуд. Дигар бузҳои кӯҳӣ низ амон надоштанд. Ҳамин ки аз чор-панҷ фарсах роҳ дуртар суроби одамро диданд, як илоҷ карда дар ягон ғор ё домани кӯҳпорае панаҳ мешуданд.

Он айём дашт ба мотамхонаи ҷонварон, бузҳои нодир табдил ёфт. Аз фиғону нолаи ҳайвонот ба дили ранҷури тазарв тарсу ҳарос афтод. Аҷабаш омад, охир худи ҳамин одамон буданд, ки чанд сол пештар гурӯҳи бузҳои нодирро бо сад машаққат аз кадом давлати ҳамсоя оварда, ба беша сар доданд, то онҳо ба шароиту иқлими минтақа одат кунанду шу-

мораашон зиёд шавад. Имрӯз боз худи онҳо баргашта омада, бо баҳонаи санҷиш шикорро ба роҳ мондаанд...

Тазарв ҳар дафъа аз кору амали одамон ҳайрон мемонад; чаро инсонҳо ба заҳмату ранҷи худ беэътиноӣ мекунанд? Чаро обод мекунанду баъди чанд сол боз гашта онро вайрон мекунанд? Мурғи даштии пир гузаштаи авлодашро ба хотир оварда, афсӯс хӯрд, ки дар вақташ гапи модарашро нагирифту ин маконро тарк накард. Модараш мегуфт: Намебинӣ, чанд насли моро инсон хонагӣ кард? Ҳоло як авлоди мо хонагӣ шуда, дигар ба ҷангал намеояд. Чӣ хел? пурсида буд он вақт тазарв. Модараш ба қаҳр афтод, ки ана, ҳамон мурғон оқибат хонагӣ шуда, аз боли парвоз монданд. Ҳоло танҳо тухм карда метавонанду халос. Наход, моро ҳам хонагӣ созанд?

Кӯшиш доранд, ки хонагӣ шавем. Бин, аллакай ҳамроҳони мо баъзеашон дар қафас умр ба сар мебаранд. Одамон ҳоло ҳам ҳаракат доранд, ки ҳама намуди мурғҳоро хонагӣ ва мутеи худ созанд. Ҳар сол села-села мурғонро ба боғҳои ҳайвонот мебаранду сар медиҳанд. Оқибат онҳо дар паси панҷара, дар хориву зорӣ ҷон медиҳанд.

Тазарви пир, ки соҳиби таҷрибаи бой буд, ҳоло ҳам ба тавоноӣ, бузургиву доноии одамизод шубҳа дошт. Танҳо баъди ба лонааш баргаштан фаҳмид, ки хатои сахт карда будааст. Ӯ лонаашро холиву вайрон дида, фиғонаш баромад. Худро ба хоку санг зад, ҷароҳат ёфт, вале аз ҷӯҷааш нишоне наёфт. Дами субҳ тазарв ба анбӯҳи ангатзор парвоз карду яке нигоҳаш ба шикорчӣ афтод. Дид, ки ҷӯҷаи дӯстдоштааш дар кафаси шикорчӣ талвосаю беқарорӣ дорад. Ин вақт шикорчӣ намедид, ки чӣ тавр ҷӯҷаи мурғи даштӣ худро ба танаи қафас зада, роҳи наҷот мекобад.

Тазарв оқибати корро фаҳмид, донист, ки аз дасти бешафқати шикорчӣ халосӣ нест. Акнун ӯ танҳо ғами фарзанд, ҷӯҷаи навомӯхт ба сар дошт. Агар худашро нишон диҳад, яқин, ҳадафи тири шикорчӣ қарор мегирад. Тазарв девонавор баланду паст парвоз карда, яке овоз баровард. Ҷӯҷаи навомӯхт овози модарашро шинохту бесаранҷом

гашт. Худро ба чор тарафи қафас зада, аз ғояти тарсу ҳарос даҳонаш воз шуда, дилак мезад. Тазарви пир дар болои сари шикорчӣ тоб хӯрда, боз дур мешуд. Ӯ аз он ки ба чӯҷааш ёрӣ дода натавонист, ба худ печиду болҳояшро паҳн карда, фарши замин шуд. Селаи гунҷишкакон ин ҳолро дида, аз тарс шавқункунон парешон шуданд. Шикорчӣ афтидани тазарвро дида, аз шодӣ қафасро партофта, аз қафои паранда давид. Вақте ки шикорчӣ фашшаскунон, бо дами гирифта, забонаш ба комаш часпида нав ба тазарв наздик шуд, нохост мурғи худро мурда вонамуд карда аз ҷояш парида, ба дуртар парвоз кард. Шикорчӣ ҳанӯз умедашро наканда буд, ки боз аз қафои тазарв рафтан гирифт. Танҳо баъде ки тазарв тамоман нопадид шуд, шикорчӣ хатояшро фаҳмида, саросемавор ақиб гашт.

Шикорчӣ пакару маломатзада, афсӯсхӯрон ба қафас наздик шуда, чӯҷаи мурғро пайдо накард. Бо алам қафасро зада шикаста, худро танбеҳ дод. Яке дуртар дар сари теппа тазарвро бо чӯҷааш дид. Милтиқи бетирро песонда, аз замин санг гирифта, ба сӯи мурғон ҳаво дод. Акнун шикорчӣ дар миёнаи дашт ҳайрону лол чӣ кор карданашро намедонист.

Ин вақт тазарвҳо дар иҳотаи гунҷишкакон парвоз доштанд. Онҳо дигар аз шикорчӣ наметарсиданд ва сурудхонон ба манзили пештараи худ бармегаштанд.

## ТИЛИСМИ МОРОН

*Подшоҳи Франция Людовики XIV фармон баровварда буд, ки ҳар кас дар мамлакаташ морро кушад, ба ҷазои сахттарин гирифтор хоҳад шуд. Ин амри шоҳ солиёни зиёде амал намудааст.*

Рӯзҳои охир ҳаво якбора сарду хунук шуд. Аз пуштакӯҳ рӯ ба рӯ шамоли сахт мевазид ва ҳавои барфолуд буттаю баргҳои хазонро дар осмон бозӣ доронда, сипас дар як ҷо ғарам мекард. Дигар дар бешазори миёнаи кӯҳҳо, ки пур аз

арчаҳои худрӯй аст, ҷонваре наменамуд. Шояд аз таъсири хунукӣ ҷангал нафаси сард кашида интизори гармиҳо буд.

Мори пир имсол нақшаашро дигар кард. Охир, морҳо, одатан, дар фасли сармо ба хоби зимистона мераванд. Лекин мори пирро ҳич хоб намебурд. Ӯ ҳайрон буд, ки чаро насли морҳо хоби зимистонаро фаромӯш кардаанд, ё пештар насли морҳо зиёд буд, андешид вай. Ҳатто мо ҳокими мутлақи кӯҳу даман фазову қазо будем. Хислату сифатҳои мардонаи морона, ҷонсахтии морона, айёри морона ба оламиён маълум аст. Магар ба заҳри моён садҳо ҷомҳои шоҳонро заҳрогин намекарданд!

Ҳоло мор танҳо мондааст. Хазинабонии кони тилло ба дилаш задааст, ӯ ҳайрон аст, ки чаро одамон ҳайвонотро бераҳмона шикор мекунанду аммо аз сирру асрори табиат бехабаранд. Намедонанд, ки дар зери ана ин тепа ганҷ ниҳон аст. Гурзае вохӯрд. Мори пир аввал хост, ки ба вай ҳамла кунад, баъд ба хотираш расид, ки ҳеҷ гоҳ морҳо ба ҳамҷинсони худ ҳуҷум намекунанд.

Аз ҳаракату ҷуссаи нотавони мор раҳмаш омад, ки пурсид:

– Аз куҷо меоӣ?

– Аз алафзори Полвонтуғай.

– Он ҷо морҳо зинда мондаанд?

– Не, ҳамаамонро қир кардаанд!

– Барои чӣ?

– Одамон аз рӯи нодонӣ кӯрмор гӯён нест мекунанд, гӯё барои табобат. Охир, ин мулк аз қадим маҳалли зисти мори чипору гурза буд-ку.

– Барои одамон чӣ фарқ дорад. Дар назари онҳо мор мор аст.

– Наход барои табобат шуда кӯрмор шикор кунанд, ҳа?!

Мори пир худашро тоб дода, бо алам гуфт:

– Замонҳои аз ин вазнину мушкилтарро дар ёд дорӣ? Ба мо сахт бераҳмӣ мекарданд, зеро барои одамон морҳо рамзи бадӣ буданд.

Мори гурзаро хунукӣ, шамолу барф таъсир кард, ки ноилоҷ афзуд:

– Чаро хоб намекунӣ, охир, фасли зимистон мо бояд хоб

кунем.

– Эй сода, хоб дар куҷост, аз тарси шикорчиҳо осуда нестам…

Аз дуроҳаи теппа яке суроби одамон пайдо шуд. Мори пир шикорчиро шинохт.

– Аз дасти ин одам дар бешазор на кабк мондаасту на суғуру рӯбоҳ.

Гурза аз тарсу ҳарос бо мори пир наздик шуда зорӣ кард:

– Биё, пинҳон шавем, аз бало ҳазар.

Аммо аллакай дер шуда буд, шикорчиҳо онҳоро диданд. Шикорчии бераҳм дасти шогирдашро дошта бо ҳайрат гуфт:

– Дар умрам аввалин маротиба дар зимистон морҳои зиндаро мебинам. Чаро онҳо хоб нестанд? – тааҷҷуб кард ӯ.

– Ҳоло тарозуи табиат вайрон шудааст.

– Корат ба табиат чӣ…

– Ин гапи ман не, олимон гуфтанд, – аз тарс гуфт шикорчии ҷавон.

– Биё, беҳтараш, морҳоро шикор мекунем.

– Хосияти хуб надорад. Дар хунукӣ ба ҳавои кушод баромадани морҳо фоли бад аст, пирам!

Шикорчии пири бераҳм зери буттаи шикастаеро камингоҳ карда, милтиқашро ба даст гирифт.

Ҷавон дид, ки зориву таваллояш фоида надорад, паҳлуи пираш ҷой гирифт. Охир, ӯ барои шикори харгӯш баромада буду ҳеҷ гумон надошт, ки бо мор дучор мешавад. Аслан ӯ аз мор ҳеҷ намеҳаросид, зеро нағз медонист, ки то ба мор зиён нарасонӣ, ҳамла намекунад ва захр ҳам намезанад.. Вале морҳо хазандаҳои бисёр доно ва қасосгиранд. Ривоят мекунанд, ки Бибӣ Хонуми овозадор ба хотири ба наздиконаш захр нарехтан бозори азимеро ба сари ағба кӯчондааст. Аммо мор, ки ҷуфтӣ буду аз ҷуфти худ ҷудошуда, барои қасос ба шохи таккае печида то бозори навсохт омада, қасосашро аз қотили ҳамроҳаш мегирад…

Ҷавони шикордӯстро тарсу ваҳм фаро гирифт. Ӯ акнун

дарақ-дарақ ларзида базӯр худашро нигоҳ дошт, пешомади бадеро ҳис кард, ки домани шикорчии пирро дошта зорӣ кард:

– Биё, баргардем. Аз баҳри мор гузар. Охир, шикори мор ба сарамон ягон бадбахтӣ меорад.

Шикорчии калтариш авзои ларзони шоргирдашро дида хандид:

– Чӣ, дар эзорат тар кардӣ, ҳа. Шикору кӯҳгардӣ осон нест, дидӣ, хунукӣ очаи зоратро нишон медиҳад.

– Биё, аз ин ҷо равем. Харгӯш шикор кунем, бас аст.

– Худат рафта харгӯш ёб, фаҳмидӣ, фисини беақл. Наход нафаҳмӣ, ки Худо ба мо додааст, дар ин зимистон морро дидем. Канӣ, як шикор карда бинем, чи – бо ифтихор афзуд шикорчии пир. – Охир, пӯсташ ба сад дард даво ҳаст-ку…

Мори пир умри дароз дидааст, ҳатто ӯ кай зоида шуданашро дар ёд надорад. Ӯ хамеша мезист ва посбони ҷавоҳирот, хазина буд. Дар тӯли ин солҳо таҷрибаи бой андӯхтааст. Солору ботамкин аст. Ӯ солҳои охир аз вохӯрӣ бо одамон дурӣ меҷуст. Ӯ айёмеро, ки тамоми мовaрои замин, мақбараву аҳромҳо бо кулли ганҷу ҷавоҳироташон мансуби морон шуда буданд, нағз дар хотир дошт. Акнун ӯ аз чӣ метавонист битарсад! Зеро аз мори доно ҳама доим тарсу ҳарос доштанд.

Гурза дид, ки мори доно оромиро аз даст дода, нохост аз се як қисми баданашро рост карда, бо шушҳояш ҳавои сардро ҷамъ кард. Гарданаш якбора васеъ шуда фишшос зад. Мор ба осонӣ таслим шудан намехост. Ӯ буду шуди заҳри қотилашро ғун карда қай карданӣ буд – заҳр дар мори зираки пир лаболаб аст, худи мор азм дошт, ки болои хазинааш дароз кашида, абадӣ хомӯш гардад. Аммо ахиран аз нияташ гашт, ҳоло якравии одам ғазабашро овардааст. Акнун сабру тоқати мардонаро аз даст додааст. Фаҳмид, ки шикорчӣ аз роҳаш гаштан намехоҳад. Чӣ илоҷ, сазои сараш. Муҷаддадан мор атрофашро назар кард, аз хунукии барфи сафед чашмонаш биҷиррос зад. Ӯ сахт печутоб хӯрда ба ҳамла омода шуд. Мор бо хашму ғазаб ба худ печиду даҳони даҳшатангезашро

калон кушода ҳаворо дам мекашид.

Шикорчӣ оқибати корро фикр накарда, мили камонашро ба сӯи мор рост кард. Дид, ки мор ҳам натарсида сӯяш мехазад. Мор наздик шуд. Рост хеста, баданаш печутоб хӯрд, мори азиме, ки ғафсии он мисли андозаи питон, аждармор буду ранги зайтунӣ дошт ва дар тамоми баданаш хатҳои сиёҳ ба чашм мехӯрд, қадашро якбора боло кард. Шикорчӣ аз куҷо медонист, ки дар рӯ ба рӯяш охирин султони хазандагон шоҳмори хазинабон истодааст.

Мори азимҷусса ғӯли бадхулқ аст, ки аксаран ба маҳзи дидани рафтори ноҷои инсон ба ӯ ҳамла мекунад. Чолоку нотарс аст ва заҳраш дар даҳ сония бузургтарин ҷонварро аз пой меафтонад. Шоҳмор ягона морест, ки фикр мекунад, зеро мағзи инкишофёфта дорад, ҳатто ӯ охирин маротиба ба одам рӯ ба рӯ шуда фишшос зада ӯро огоҳ кард, ки аз сари роҳаш дур шавад.

Лекин шикорчӣ аз ин таҳдиди мор чизеро пай набурд, балки бо ҳавас куланги милтиқро зер кард. Шоҳмор ба ҳаво ҷаста ҷисми захмини худро болои душманаш партофт. Ҳамлаи ногаҳонии мори тирхӯрда тамоми бадани шикорчиро фаро гирифт. Аз неши мор мардаки ҷонсахт ғарқи хун гашт. Акнун шикорчӣ ҷон меканд. Дар як дам ранги рӯяш сиёҳ гашта, сару баданаш варам кард.

… Ҷангалбони ҳамроҳаш дар бораи тарзи ҳаёти морҳо нақлу ривоятҳори бисёре медонистааст. Ин ҳикояташ маро тамоман сеҳру афсун кард. Билохира нақли охирин шоҳмор ҳушу ёдамро дигар кард. Ӯ дид, ки дар ҷангал мисли раҳгумзада гаштаам, нохост садо кард.

– Ба ту чӣ шуд, ҳа? Охир, ба поёнии беша расидем ку.

– Бобо, ин нақлат рост аст ё…

– Чӣ хел? Ҳоло ҳам мегӯянд, ки дар ким-куҷоҳои Полвонтуғай ҳамон хазинаи ҷавоҳирот пинҳон мондааст…

– Тақдири морон чӣ?

– Ҳа, қариб фаромӯш кунам, бачам, аломати пирӣ-да. Ҳамон вақт мурдаи шикорчиро шогирдаш ба деҳа овардааст. Баъди гӯру чӯб мегӯянд, ки аз қабраш мори бадҳайбате баромада, тамоми аҳли хонааш, зану бачаҳои

марҳумро заҳр зада куштаст, қасос гирифтааст.

Мо бо ҳамроҳии мӯйсафеди ҷангалбон Полвонтуғайро давр зада баромадем. Дар роҳ ман дигар ҳарфе назадам, балки хомӯшона атрофро назора доштам. Аз тамошои долу дарахтони сафедпӯш сер намешудам.

Ҷангалбон ҳолати маро дида пурсид:

– Чаро якбора хап шудӣ, гап намезанӣ.

– Нақлат дар бораи морҳо сахт тасирам кард.

Мӯйсафед ба фикр фурӯ рафта гуфт:

– Дар бораи тилисми морон гӯй, – ва боз афзуд. – Шояд ин ривоят ҳақиқате дошта бошад, шояд, – ва маҳзунона китф дарҳам кашид. Роҳравон ба хотири ҷангалбон чизе расид, ки шодона гуфт:

– Дар поёнтари беша чашмаи мусаффое ҳаст, зимистон ҳам обаш ях намекунад. Дар дохилаш морон ҳаст, онҳо бо моҳиён якҷоя зиндагӣ доранд.

Шавқи ошноӣ бо чашмаи оби зулол моро дарунтари бешазор бурд. Ду тарафи роҳу пайроҳа аз хучу себи ёбоӣ пур аст. Буттазори хазонгаштаи анбӯҳ зери барф мондаст. Ана, дар ҳамин ҳалқаи буттазор чашмаи мусаффоеро дидам. Аз чашма ҳавр мебаромад. Дар дохили оби соф моҳичаҳо шино доштанд. Паҳлӯи онҳо ду-се мори обӣ ба ҳам печида гӯӣ ишқварзӣ доштанд. Ман дар бораи морҳои чипор, тирмор, фишормор, афъӣ, кубро нақлҳои бисёре медонистам. Аммо тамошо кайфияти дигар дошт. Мори обӣ гулобии сурхтоб ва сараш холи сиёҳ дошт. Мори обӣ безаҳр аст. Онҳо рақскунон ба нонрезаҳои рӯи об партофта дармеафтоданд, морон бо навбат рақскунон нон мехӯрданд. Муҳаббату дӯстдории морҳои обӣ самимию зебо буд. Дар зери об онҳо якдигарро оғӯш кашида ба мо чашмакӣ мезаданд. Ман аз ишқварзии онҳо чашм намекандам, аммо ҳушу ёдам ҳамоно ба марги шоҳи морону хазинаи пурасрор банд буд. Хаёле тилисми морон дар ин бешазори афсонавӣ боқӣ монда буд, ки дигар майли тамошои бешазор надоштам. Ҷангалбон дид, ки ман дигар маҷоли қафо гаштан надорам, оҳиста пичиррос зад:

– Рафтем, дар ҷангал тилисм бисёр аст, рӯз бегоҳ шуд.

– Не, тилисми морон дигар аст, он туро ҷоду мекунаду ба дуриҳо, ба манзили шоҳи хазандагон – мори хирадманд мебарад.

## ЧИЛМАНГӮШТАК

Ҳафтаи охир якбора ҳаво сард гашт. Барф беист борида шамолу тундбод лаҳзае ором намегирифт. Шаби дароз борон шиддат гирифт. Чилмангӯштак таъғийр ёфтани ҳаворо интизор набуд, ки ноилоҷ сарашро таги теф намуда, хост андае аз борон паноҳ ёбад. Аммо аз куҷо? Қанотакони кайҳо таршудаву бадани сардгаштааш аҳволашро ба танг овард. Панҷаҳои хурдакакаш сӯзиш доштанд. Аз лонаи титу парешон ва овезонаш, ки дигар ҳеҷ ӯро ҳифз намекард, дуртар парид. Ҳис кард, ки дигар вай қудрати парвоз карданро ҳам надорад. Аздусар дар ин сардӣ мемирад…

Акнун мехост гуруснагиашро фаромӯш кунаду ақаллан сарпаноҳе ёбад. Аммо дар ин торикӣ ва боронгарӣ ҷои хилват ёфтан магар осон аст. Оқибат таги баргҳои шохи чанорро ҷои нисбатан қулай донист. Ҷисми хурдаки чилмангӯштак дар таги барги паҳни чанор меларзид. То субҳ хоб карда натавонист. Аз фарти сардӣ панҷаҳояш дигар қудрати мувозинати ӯро нигоҳ доштан намекарданд. Лекин чилмангӯштак ба сардӣ ба осонӣ таслим намешуд. Балки торафт дарунтари баргҳо паноҳ мебурд. Танҳо гуруснагӣ бештар аҳволашро ба танг меовард.

Акнун борон шиддат гирифта буд. Чилмангӯштак як илоҷ карда, аз таги барги паҳн дур намешуд. Баргро гоҳе шамол меларзонд ва аз зӯрии донаҳои борон меларзид. Худоё, аслан ҳамааш гуноҳи худам. Сухани модарамро гӯш накардам. Онҳо ҳанӯз айёми гармиҳоӣ ин маконро тарк карда буданд. Аммо мани гапнодаро маҳмадоноӣ кардам, онҳоро фиреб додам. Фикр кардам, ки худам танҳо зимистонро паси сар мекунам. Аз селаи парандаҳо қафо мондам, андешид чилмангӯштак. Аз ин фикру ёдҳо боз ғуссааш боло гирифт ва дарди танҳоӣ гиребонгираш шуд. Худоё, муноҷот кард чилмангӯштак, магар дар табиат мо

дигар дастгиру мададгор надорем. Наход ман дигар модару хоҳаронамро набинам. Аламаш кард ва аз дарди зӯр қариб буд, ки аз шохи дарахт ба поён афтад.

Чилмангӯштак ба барг ҷафстар шуда ором гирифт ва ба атроф назар духт. Дар хонаи рӯ ба рӯи чанор чароғ месухт ва суроби одамон менамуд. Ҳа, ба онҳо осон, зеро инсон доною кордон аст, онҳо дар хонаҳои гарм фароғат доранд. Чилмангӯштак аз фарти гуруснагӣ парида назди тиреза омад. Дар сардӣ базӯр дар паҳлударии тиреза нишаст. Бо умеди ёфтани дон ё ғизое хеле атрофи тирезаро кофт аммо чизе пайдо накарду ноилоҷ монд. Ин дам яке соҳиби хона тирезаро бапарвоёна кушоду нафаси тозае кашида хамёза кард. Аз тамошои боронгарӣ ва дидани парандаи хурдҷусса тааҷҷуб кард. Мардак чашмони махмурашро калонтар кушода боз ба чилмангӯштак зеҳн монд.

Худоё, тавба, ин парандаи бесоҳиб чи мекофта бошад. Ҳой, ту магар хоб надорӣ. Рав ба лонаат баргард. Аз ин гуфтугӯ чилмангӯштак чизеро нафаҳмид. Аввал фикр кард. ки шояд мардак ғамашро мехӯраду барояш мушти гандумеро арзонӣ медонад. Ё ба хонаи гарм роҳаш медиҳад. Аммо ғайричашмдошт вай бо шаст «хунук» гуён тирезаро пӯшид. Чилмангӯштак ба тақдираш тан дод ва баргашта боз таги барг омад. Панҷаҳои чун ресмон борику ҷуссаи хурдакакашро боз таги тефаш карда, хост лаҳзае ба сукут равад. Ин дам нақли модарашро ба хотир овард: …Як замоне  дар ҷангалаки зебое селаи парандагон бо ҳам озодона мезистаанд. Ҳама баробар будаанд. Озодӣ ба дилашон задаасту хостанд, аз миёни худ сардор интихоб намоянд. Бо ин мақсад аввал ҷамъомад барпо намудаанд. Сипас, машварат карда дар интихоби сардор сари як мақсад наомадаанд. Яке ба ин вазифа бургутро, дигаре уқобро ва сеюми бошаро пешниҳод намудааст. Барои интихоби сардори парандаҳо баҳсу мунозира шудааст. Дар охир ба хулосае омадаанд, ки миёни парандаҳо пойга барпо созанд, ва парандаи ғолибро сардори худ интихоб намоянд. Ин таклифро онҳо одилона шумурданд. Дар пойга аз ҳамаи кунҷу канори ҷангал парандагон ҷамъ омадаанд.

Ғайричашмдошт ба марра нахустин шуда чилмангӯштак расидааст. Ғолибияти парандаи хурдакаки назарногир қаҳри парандагони ваҳшиву саҳроиро овардааст. Мурғони ваҳшӣ ва тезчангол пинҳонӣ ҷамъ омадаанд. Нахуст зоғи сиёҳ баромада бо танзу киноя гуфтааст:

Айб нест, ки ҳамин як парандае ки «чил ман гӯшт» дорад сардори мо интихоб гардад. Мурғони дигар ҷангалҳо ба ҳоли мо механданд. Қар-қар ман ба ин асло розӣ шуда наметавонам...

Ҳой, зоғи наҳс, ин қадар ғаво накун, гуфт кабутари ёбой. Магар намебинӣ ки дар ҷамъомади мо уқоби далеру бошаи нотарс ҳузур доранд. Биёед, аз онҳо якеро сардори худ интихоб намоем.

Дуруст мегӯяд кафтар. Охир, чилмангӯштакро одамон ҳам кам мебинанду боз ба вай номи ҷинқарча мондаанд, яъне вай сусту беирода ҳаст, – гуфт мурғи тазарв. Аммо қоида, қоида ҳаст, охир, чилмангуштак дар пойга ғолиб омадааст. Ягон роҳи дигар ёфтанамон лозим аст, то ки вай наранҷад. Тазарв каме ором шуда якбора нидо кард:

– Ёфтам, охир, худи чилмангӯштак парандаи хеле содаву одӣ ва зудбовар аст. Уро фиреб мекунем, – гуфт, айёрона тазарви доною оқил ва ҷониби уқоби пир таъзим кард.

Пагоҳӣ дар ҷамъомад баъди уқоб айёрона тазарв сухан кард. Вай аз рӯи маслиҳати пешакӣ чилмангӯштакро хеле таъриф карду гуфт:

Ман як таклиф дорам: Чилмангӯштак ту агар дарахти на росту на каҷро пайдо кунӣ, он вақт сардори мо интихоб мегардӣ.

Чилмангӯштаки сода, ки аз таги дили онҳо хабар надошт, таклифашонро рост гумон карду шартро қабул намуд. Ва ҳамон рӯз тарки беша карда аз пайи ёфтани дарахти «на росту на каҷ» гардид. Баъди рафтани чилмангӯштак парандаҳо ба ҳоли вай хандида, сипас миёни худ сардор интихоб намудаанд. Бо таклифи тазарви тамаллуқкор уқоб сардор интихоб шудааст. Гӯё аз ҳамон давра то ҳанӯз чилмангӯштаки саргардон дарахти «на росту на каҷ»-ро ҷустуҷӯ дорад…

Аввали субҳдам боронгарӣ монд ва атроф равшан шуд. Чилмангӯштак аз навдаи чанор фуруд омада, хост шикамашро сер кунад. Охир, ноилоҷ аз пайи ёфтани ғизо шуд. Лекин дар ин сардӣ пайдо намудани ғизо осон нест, аз дил гузаронд чилмангӯштак. Ҷастухезкунон паст парида базӯр бо панҷаҳои нозукаш ба шохчаи навдаи беди пир часпид. Медонист, ки ин ҷо аз бед кирмҳо мерехтанд, вале ин даъфа чизе пайдо накрд. Чилмангӯштак бо минқорчааш таги пӯстлохи дарахтро кофт, аммо чизе набуд ва ӯ дилтанг шуду ноилоҷ монд. Чилмангӯштак дигар қуввати парвоз надошт, вай зуд-зуд ҷастухезкунон шафати ҳавлӣ, назди одамон омад. Он ҷо бачаҳо бозӣ доштанд.

Дуртар яке чашмаш ба донаҳои гандуми рехта бархӯрд. Дар ин ҳавои сард касе амали савоб намудааст, фикр кард чилмангӯштак ва бе ҳеҷ ибо ба донаҳо минқор заду онҳоро балъид. Донаҳо дар гулӯяш руст шуданд. Ӯ хурсандона онҳоро фурӯ бурдан мехост Каме нафаси ором кашид ва фаромӯш кард, ки атрофро назорат кунад. Ин дам нохост писараке якбора болояшро бо матои сиёҳе пӯшонд. Чилмангӯштак имкони фирор кардан наёфту қанотак зад. Чилмангӯштак оҷизона овоз баровард. Писарак бо шитоб ӯро байни кафҳояш дошт.

– Оҳ, чӣ парандаи хурде будааст. Уро хона мебараму дар қафас мемонам. Вай бо шаст ошёнаи чорум баромада, чилмангӯштакро ба падараш нишон дод.

– Инро аз куҷо ёфтӣ, ҳа писарам, – гуфт падараш?

– Дар берун барои гунҷишкҳо дон пошидам омаду ба даст афтод.

– Гурусна будагист, бачам… Падару писар гандуму нонреза оварданд. Аммо дигар чилмангӯштак чизе намехӯрд. Аввалин маротиба одамро аз наздик медид. Намедонист онҳо чӣ ният доранд. Аз тарсу бим худашро ба кунҷи қафас зада хомӯш буд.

– Хаёлам, ин булбул аст, – гуфт писарак.

– Не, булбул дар ин ҳавои сард инҷо чӣ кор мекунад, - гуфт мардак. Пас, ё намадгардак ё чархресак аст. Тавба, ҷуссаи хурдаш мисли гунҷишк асту вале бовиқор, бин,

ҳатто гандумро назараш намегирад.

– О, дар поён зорӣ як дона гандум буду инҷо гарданшахӣ дорад, аҷиб!

– Бачам, озодӣ барои паранда ҳам ширин аст. Акнун вай дар қафас аст, дилаш дигар чизе намехоҳад.

Чилмангӯштак дар қафас музтар монд. Ҷисми кучакаш акнун месӯхт. Наметавонист роҳат кунад. Ҳарчанд ҳавои хона гарм буд, аммо чилмангӯштак азоби алиме дошт. Сарашро аз зери тефаш берун карда, роҳи наҷот мекофт. Қафасро нахустин маротиба медид ва аз ин ҳунари одамизод дар шигифт монд. Хаёл кард, ки писарак ӯро сар медиҳад. Охир, чилмангӯштак дар кафи дасти вай аввал гармиро ҳис кард ва надонист, ки писарак барои дилхушиаш ӯро ба дом афтондааст.

Ҳоло чилмангуштак худашро ба чор тарафи қафас зада ноилоҷ монд. Ҷисми хурдакакаш афгору заифар гашт. Ӯ дар қафас охирин қувваашро ҷамъ кард ва талош намуд, ки берун барояд. Минқорчааш аз куд-куд заданҳо кунд шуд ва парҳои нозуки болчааш рехт. Гандумҳои дар гулӯяш монда роҳи нафасашро бастанд. Ӯ базӯр дар кунҷаки қафас оромиш ёфт. Вале аз зӯрии дарди нобаҳангом якбора калавида афтид. Дасту почак зад. Ҳини ҷонканӣ чилмангӯштак вопасин маротиба овоз баровард. Чик-чик кард ва дамаш дарун зад.

Рӯзи дигар падару писарак ҷисми беҷони чилмангӯштакро бепарвоёна аз қафас берун карда партофтанд. Дар майдон, дар ҳавои кушод чилмангӯштаки сода мехобид. Вале ҳанӯз аз шоху барги чанор об мерехт…

## ЗАРГУЛДОР ВА БАҲОР

Заргулдор аз барвақт омадани фасли баҳор хурсанд шуд. Акнун ӯ бо бачаҳояш дигар хунук намехӯрад. То баргаштан ба ин диёри сарсабз чӣ қадар азоб кашид. Кӯҳу дара, роҳу бероҳаи дарозеро тай кард. Дар он кишварҳо тобистон – айёми гармиҳо ҳукм дошт. Аммо заргулдорро хумо-

ри баҳору наврӯз дар сар буд. Ӯ хаёлан парвозкунон худро дар миёни гулу буттаҳо медид. Оқибат баъди талошҳои зиёд ба бешаи шинос фуруд омад.

Заргулдор даррав аз паи сохтани лона шуд. Чор тараф парида алафу хасбеда ҷамъ кард. Ҳангоми парвоз ба машомаш ҳавои тоза расида, аз бӯи алаф, гулбуттаҳои баҳорӣ роҳат дошт. Заргулдор аз насими форами кӯҳистон маст шуда, бол афшонд, бо нӯлаш алафҳои хушкидаро дошта, парвозкунон ба навдаи дарахти пир нишаст. Дарахти пир дар назараш сершоху навда ва шамолпаноҳ тофт. Баҳорон, ки доим тундбоду шамол мевазад, ин ҷо макони орому сокит аст, аз дил гузаронд Заргулдор. Дар болои навдаи андаке хамидаю сершохаю ҷо-ҷо шикаста мисли ришта хасро гузошт. Алафҳои ҷамъкардаашро болои ҳам чида хуб минқор зад. Хеле заҳмат кашид.

Лонаи сабадчамонанд аллакай нимтайёр шуд. Заргулдор парида болои навда нишаст, то каме роҳат кунад. Акнун лонаи овезон мисли сабадчаи пури бутта миёни шоху панҷаи дарахт ҳамоил гашт. Бӯи мушкбези ҷангал, дарахтони ғарқи гулу қабои сабзгуна ба бар карда басо писандаш омад. Чашмонашро пӯшида, ба фикр фурӯ рафт. Эҳ, агар ин дам дар бараш ёри бовафояш заргулдори нарина мешуд, чӣ қадар хушбахт буд. Хаёле ӯ аз дуриҳо овози шиноси заргулдорро шунид. Дӯсташ аз миёнаи шоху баргҳо овоз баровард. Бо дарду ҳасрат суруд хонд. Охир ҳар баҳор онҳо дар ин ҷангал ишқварзӣ доштанд. Заргулдор мафтуни овози ёраш шуд. Яке овоз қатъ шуд ва ҷои нағмаи заргулдор садои мағшуши зоғу аккаҳои бераҳм баланд гардид. Ӯ фаҳмид, ки ба назараш тофтааст. Охир, заргулдори нарина дар роҳ – ҳангоми парвози дарозмуддат дар ҳифзи оилааш ҳалок шуд…

Он рӯзи наҳс – ҳини бозгашт онҳо бо гурӯҳи лочинҳо бархӯрданд. Як лочини тезчангол рост ба хуҷум гузашт. Дар осмони нилгун муборизаи сахт шуд. Заргулдори нарина пай бурд, ки аз ин лочинҳои гурусна ҷон ба саломат бурдан гумон аст. Як илоҷ карда, бо имою ишора дӯстдоштаашро фаҳмонд, ки фирор кунанд. Бо роҳи фиреб

заргулдор поёнтар бол кушода, нопадид шуд. Лочинҳо заргулдори наринаро миёнагир карда минқор заданд. Панҷаҳои сахти лочин тани нозуки заргулдорро хуншор кард. Чашмони заргулдори нарина кӯр шуданд. Ӯ дигар чизеро дида натавонисту якбора сарозер шуд. Заргулдор аз гӯшае ҳамаи ин манзараи мудҳишро тамошо дошт, аз сустию, нотавонӣ хориаш омад. Бо дидаи ашкбор ноилоҷ онҳоро тарк гуфт.

... Акнун ба кадом ҷониб парвоз бикунам, охир солҳои пештар ҳар як ҷонвару паранда манзили алоҳидаи худашро дошт. Ягон ҳайвон қонунҳои табиатро вайрон намекард. Аз парандагон ҳам касе ҳад надошт, ки ба мавзеи бегона парвоз кунад. Ҳар ҷонвар дар ҳамон гӯшаи ба худаш тааллуқдошта шикор мекарду халос, аз дил гузаронд заргулдор. Аммо ҳоло чӣ, баъзе ҷонварон ҳам аз одамон ёд гирифтаанд, ки оромии якдигарро халалдор месозанд ё баъзан дар манзили бегона шикор мекунанд.

Вақтҳои охир аккаву зоғҳои шумхабар манзили заргулдорро хароб карданд. Онҳо намехоҳанд, ки ин парандаи афсонавӣ озодона зиндагӣ кунад, наслашро калон созад. Дар ин фасл боз шумораи шикорчиён ҳам афзудааст. Лекин заргулдори зебо аз дигар чиз сахт ҳарос дорад. Ӯро рафтори морҳои гушнаи беша сахт ба ташвиш овардааст. Соли гузашта ду маротиба мори сиёҳе ба лонааш ҳуҷум кард. Қариб буд, ки бачаҳояшро тамоман аз даст диҳад.

Ҳоло вай болҳояшро кушода ноаён парида, рӯи шоххҳои баланди арчаи худрӯе фуруд омад. Дар ин ҷо каме ба атроф, хомӯшии муҳит гӯш дода, самти ҳаракаташро муайян кардан хост. Бо қалби пурбим назди бачааш баргашт. Заргулдорчаи хушранг дар атрофи лонаи навдаи дарахти пир беист равуо дошт. Ӯ аллакай бол бароварда, тариқи парвоз омӯхта буд. Бисёр мехост, ки мисли очааш – заргулдори зебосанам дар беша парвоз кунаду атрофро хубтар бинад. Бо парандаҳои дигар шинос шавад, табиатро омӯзад. Охир, дар ин хел фасли зебои сол – баҳор дар лона танҳо нишастан чӣ маънӣ дорад? Заргулдорча хост худсарона парвоз кунад, ки модараш пайдо шуд.

– Ҳа, куҷо меравӣ? – аз ӯ пурсид модараш.

– Дар лона танҳо нишастан ба дилам зад. Тамошои бешазор меравам.

– Якравӣ накун, ҳоло ту хурд астӣ, агар яке ба даст зоғ ё море афтӣ, ҳалок мешавӣ!

– Зоғ чӣ хел паранда ҳаст, ки ба мо душманӣ дорад? – тааҷҷуб кард заргулдорча.

– Зоғ шумхабар асту бахил, овози хуб надорад, умре ба мо душман аст, – афзуд заргулдор. Боз чизе ба хотираш расид, ки бо овози андаке хаста илова кард: – Бачам, Худо аз мор нигоҳ дорад. Агар мабодо ба дасти вай афтӣ, яқин, ҳалок хоҳӣ шуд.

Заргулдорча ҳамоно якравӣ дошт. Модараш дид, ки дигар роҳ нест, гуфт:

– Хайр, майлаш, парвоз кун, аммо эҳтиёт бош!

Заргулдорча бол кушод. Қатори ниҳолҳоро гузашта, ба буттазори наврусta фуруд омад. Вай бо панҷаҳои борику зебояш рӯи буттаҳо, алафҳои баҳорӣ ҷастухез карда, бо минқораки маҳинаш гулҳоро мепалмосид. Бӯи гулҳои сиёҳгӯшу лола, бойчечак, хайриву зардак хушаш омад. Ӯ бехабар аз олам дар зери нурҳои офтоб қанотак зада овоз баровард:

«Ман дух-та-ри сӯфӣ,
Ман дух-та-ри сӯфӣ»…

Овози форамаш зуд ба атроф паҳн шуд. Дар як дам овози заргулдор то ба дуриҳо рафт. Зоғи сиёҳи наҳс аз хобаш бедор шуда заргулдорчаро пайдо кард. Ба хонишу овози форами заргулдорча нафраташ омад. Дар назараш паранда боз зеботар намуд. Хеле ба қаноти зардчаю хушрӯи ӯ нигоҳ кард. Оқибат ба нигоҳи заргулдорча тоб наовард, ки афзуд:

– Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, эй нодон!

– Ту худат кистӣ, ношуд!

– Ман шоҳи парандагонам, шоҳи ҳамин беша!

Хандаи заргулдорча омад. Аммо сир бой надода гуфт:

– Чӣ хел, магар бо ҳамин ҷуссаи хунуку сиёҳ?..

– Эй, «Ман духтари сӯфӣ», гуфта аз худ нарав.

Заргулдорча чизеро пай бурд, ки гуфт:

– Ту магар зоғи сиёҳкор нестӣ?

– Инро ба ту кӣ гуфт, ҳа?!

– Модарам.

Зоғ ба қаҳр омада нохост ба ҳуҷум гузашт. Ӯ тефҳояшро тилтонда ба ҳаво бархост ва рост ба сари заргулдорча фуруд омада минқор зад. Парандаи навомӯхт якбора мувозинаташро гум карда қариб буд, ки якпаҳлу афтад. Заргулдорча бо азоб болҳои рангорангашро афшонда бо тамоми қувваташ парвоз кард.

– Мо ба ту чӣ бадӣ кардем, эй зоғ? Ҳамаи мо парандаемку, – зорӣ кард заргулдорча. Чаро мо якдигарро нест мекунем?

Аммо зоғ ин суханҳоро намешунид, балки пайваста ба заргулдорча дармеафтод. Ӯ охирин қувваю мадорашро ҷамъ карда, маъюсона бол зад, ба боло ҳаракат кард, то аз чанголи зоғи сиёҳ халос хӯрад. Бо душворӣ, азоби алим муяссараш шуд, ки оқибат худро аз таъқиби зоғ раҳо созад. Куҷо рафтанашро худ намедонист, вале парвоз карду парвоз ва болои дарахти пири беша фуруд омад. Рӯи шохаҳои дарахт модарашро диду андаке ором шуд. Вале ҳоло ҳам аз тарсу бим меларзиду ҳарос дошт. Модари рамузфаҳмаш фаҳмид, қанотҳои кандаю хунолуди бачааш ғамгинаш кард. Модар хомӯшона болҳои бачаашро паҳн карда, нӯл зад. Баъд ӯро таги теф карда афзуд:

– Дидӣ, ки беша чӣ ҳол дорад?

– Модарҷон, ҳамааш нағз, баҳор, атроф сабз, аммо зоғҳои сиёҳ маро таъқиб карданд.

– Дигар асло танҳо ба тамошо марав, фаҳмидӣ. Заргулдорча бо аломати ризо худашро ба оғӯши модар афканд. Заргулдорчаро хоб бурд. Ӯ дар бағали гарм боз баҳор, бешаи сабзро дид…

Ана, ҳамон рӯзу шаб дар бешаи Полвонтуғай овози маҳину гуворои заргулдорчаро яке шунидам. Оҳистаоҳиста пеш рафтам. Пайраҳаи шинос маро дарунтари беша бурд, зери поям алафҳои баҳорӣ садои паст мебароварданд. Бо эҳтиёт миёни лухзорро убур кардам. Болои сарам

селаи парастуҳо парвозкунон гузашта рафтанд. Дар танаи дарахте эзорсурхак туқ-туқ-туқ дошт. Ҳоло бисёр мехостам, ки боз ҳамон овози зебои заргулдорро шунавам. Медонистам, ки заргулдорро зарғилдоқ, залғам, шоҳрух ва духтари сӯфӣ ҳам мегӯяд. Парандаи биҳиштӣ аст, вале афсӯс, ки умри хеле кӯтоҳ дорад. Ҳоло дар табиат хеле кам боқӣ мондааст…

Ба таги дарахти пир омадаму яке чашмам ба лонаи сабадчамонанди заргулдор афтод. Дидам, ки онҳо дар лонаи худ роҳат доранд. Аз он ҷо гоҳ-гоҳе овози аҷиби заргулдор меомад. Вай суруд мехонду гӯё ин дам касеро наздаш даъват дошт. Ё маҳбуби барвақт аз даст додаашро меҷуст, ки нолишкунон мехонд:

«Ман дух-та-ри суфӣ…»

Тамошои ин манзара ба хотирам ривояти қадимаеро овард. Гӯё замоне ин заргулдорбачаҳо пару бол баровардa, ба падару модари худ мегӯянд:

– Оча, барои чӣ қанотҳои мо мисли болу пари шумо зебо нест?

– Падар, мо кай соҳиби ҷомаи рангине мисли шумо мешавем?

– Камтар сабр кунед. Ҳамин ки ба кишварҳои гарм сафар кардем, ҳамаи шумо соҳиби ҷомаи домодӣ мешавед, дар фасли баҳор бошад, арӯсҳои нозанини худро пайдо хоҳед кард, мегӯянд волидайн.

Ин ривоят то ҷое ҳақиқат ҳам дорад. Охир, заргулдорчаҳо дар баҳор болу пари садранг, мисли ҷомаи домодӣ доранд-ку, аз дил гузарондам ман.

Ин дам нохост аз лонаи сабадчамонанд овози имдодталабонаи заргулдор баланд шуд. Фаҳмидаам, ки агар ба сари паранда мусибат ё хатаре таҳдид кунад, онҳо бо тамоми овоз ғирев мебардоранд. Чашмам яке ба танаи дарахт афтод. Манзараи ҳузноваре буд. Мори калони хокистарранге ҷӯҷаи заргулдорро фурӯ мебурд. Мор фишшос кунон ҳалқа мезад, пеш мехазид, печутоб мехӯрд. Мор якбора луқмаашро фурӯ бурда, боз ба лонаи заргулдор ҳуҷум кард. Хост оча заргулдорро фурӯ барад. Дарозии мор аз

якуним метр зиёдтар буд. Мори бадҳайбат думашро моҳирона ба шохе печонда буд, то наафтад. Мор ҳар замон сарашро болою поён мекарду тоб мехӯрд, аммо намеафтид.

Ман аз дидани ин манзара аввал карахт шудам. Сеҳру афсуни мор буд ё тарс, ки чӣ кор карданамро надонистам. Мор печутобхӯрон хост заргулдорро ҳам фурӯ барад. Ин дам ба ҳайрат омадам. Медонистам, ки ин мори безаҳр асту чӯҷаи парандаю қурбоққа, малаху ҳар гуна ҳашаротро мехӯрад. Охир, дар ин вазъият мор ҳам мехоҳад зинда монаду заргулдор ҳам. Оҳ, қонунҳои табиат чӣ қадар сахт будаанд. Лекин дигар фурсат набуд. Якбора морро нишон гирифтам. Мор ҷонҳавлона як печутоб хӯрду поён афтид. Ман аз тарс надонистам, ки ҷуссаи мор куҷо шуд. Аз таги дарахти пир хеле дур рафтам. Зеро ҳоло ҳам ҳайбати мор аз пеши чашмам дур намешуд…

Заргулдор аз марг наҷот ёфт. Ӯ яке болои сарам дар лаби наҳр, миёни дулоназори ёбоӣ пайдо шуд. Акнун овози заргулдор дигар хел ба гӯш мерасид. Вай дар рӯзи гарми офтобии баҳор якбора ғамдор шуд. Хаёле дигар вай «ман дух-та-ри сӯфӣ» намегӯяд. Балки нолааш аз ҷудоии лахти ҷигараш буд, ки дар фасли баҳор ӯро гум кард.

## ҶОНСАРАК

Аввали тобистон туғайзори шафати пуштакӯҳ якбора сахт гарм шуд. Аз найзор, ки буттаҳои луху қамиш онро пӯшондааст, ҳаври гармсел вазида, гӯё атрофро месӯзонд. Ниҳолҳои нимсӯхтаю хазонгаштаи ҳавз хушку урён гашта, дар коми гармии тоқатфарсо печутоб мехӯрданд. Дигар дар туғайзор ҷонзоте пар намезад. Танҳо буми ҷонсарак монда буду халос. Вале ӯ ҳам қудрати ба фазои озод париданро надошт, зеро рӯзона намедид. Ҳоло бум фикр кард, ки агар ҳамин хел интизорӣ кашад, яқин, аз гармии зиёд мемирад. Ин дам буми ҷонсарак базӯр нафас гирифта, комак мезад. Оби даҳонашро бо сад азоб фурӯ бурда, сабр менамуд. Акнун аз лонааш, ки дар вайронаи пуштакӯҳ воқеъ аст, наме-

тавонист берун барояд!

Охир чӣ хел ҳам берун шавам, ки чашмонам ба рӯшноӣ одат накардаанд, аз дил гузаронд буми ҷонсарак. Ӯ аз рӯшноӣ, дамидани офтоби оламтоб сахт ҳарос дошт. Яке берун равам, яқин, дучори ҳамлаи ягон дарранда хоҳам гашт… Оҳ, чӣ қадар мушкил аст нобино будан ва музтару дастнигар шудан… Чаро ҳамаи парандаю чарандаи рӯи замин рӯзона мебинаду мо, бумҳо не? Ҳа…

Дигар ӯ қудрати фикрронӣ кардан ҳам надошт, ки ҷонсарак шуд. Худро беихтиёр чор тараф зада роҳи халосӣ кофт. Оқибат гармии ҷонсӯз ӯро батамом пахш карда сусту беҳол ва афгор намуд. Ноилоҷ ҷонсарак берун ҷаста, парвозӣ шуд. Вале надонист ба кадом самт бол кушояд. Охир, буме, ки рӯзона якбора нобино мегардад, чӣ кор ҳам карда метавонад? Буми ҳаросон ҳини парвоз яке бо каргаси пире бархӯрд. Каргас душмани деринаашро зуд шинохта, бо тамоми қувваташ бумро ҷангол зад, сипас ба замин хобонд. Акнун лошахӯр ба сару тани бум минқор мезад. Мехост чашмони зебояшро кофта гирад. Буми нобиногашта аввал сарфаҳм нарафт, ки ба доми кӣ афтодааст. Танҳо баъди муқобилияти сахти каргас аз рӯи одати ирсӣ пайхас кард. Якбора аз нияти бади каргаси пир огоҳ шуд, ки роҳи халосӣ кофт. Аммо аз зӯрии дарду нотавонӣ намедонист чӣ кор кунад. Агар фирор накунам, аздусар аз дасти ин лошахӯри бераҳму тезчангол ба ҳалокат мерасам.

Эҳ, агар шаб мешуд, дар торикӣ вайро бо як зарба аз пой меафтондам. Вале ҳоло чизеро намебинам, оҷизам. Бум бо азоби алим худро оқибат аз панҷаи тези каргас халос карда, якбора дар анбӯҳи найзор паноҳ бурд. Акнун буми ҷонсарак шомро интизорӣ дошт. Захмҳои баданашро бо минқораш тоза карда пай бурд, ки таги тефаш хунолуд гаштааст. Музтар монд, дигар илоҷи раҳоӣ нест, то торикӣ нафарояд, ӯ озодона ҳеҷ коре карда наметавонад.

Буми ҷонсарак базӯр нафас мегирифт. Дар талвосаи ҷон буд, ҳалқаш хушк гашт. Захмҳои баданаш сӯзиш дошт. Дигар чорае надошт. Ӯ дар танҳоӣ дилгир шуда боз модараш – буми донои рамузфаҳмро ба ёд овард. Хотираи модар

ғаму андӯҳашро дучанд кард. Буми дар ҳайратмонда ғам хӯрд ва оҳи сарде аз синаи пурдард кашида ба сарнавишти талхи оилаи бумҳо лаънат хонд…

Гӯё замонҳои қадим бумҳо рӯзона ҳам озодона парвоз доштанд. Ҳазрати Сулаймон, ки забони парандаҳоро медонист, бо бумҳо дӯстӣ дошт. Нағз медонист, ки бумҳои зирак аз ҳамаи дигар парандаҳои дигар дида ҳушёр ва босадоқатанд. Рӯзе шоҳи олам аз Сулаймон чил машк об талаб намуд. Обе, ки он не дар само ва не дар замин бошад. Ҳазрати Сулаймон дар пайдо намудани ин миқдор об оҷиз монд. Баъд фикр карда ба хулосае омад, ки ин мушкилотро танҳо буми ҷонсарак ҳал карда метавонаду халос…

Ба шоҳини тезчангол ва булбули хушхон амр шуд, ки бо ҳар роҳе бошад, бумро пайдо карда, ба даргорҳи ҳазрати Сулаймон ҳозир созанд. Шоҳин ва булбул вақтро ғанимат дониста, ба ҷустуҷӯи бум баромаданд. Онҳо лонаи бумро аз вайронае ёфтанд. Аммо буми доноро аз лонааш берун кардан осон набуд. Булбул дид, ки илдоҷе нест, ба сурудхонӣ даромад. Булбул чунон нағмасаройӣ дошт, ки дигар ҷуку ҷондори марғзор шефтаю шайдои овози ӯ гаштанд. Буми рамузфаҳм аз лонааш садо кард, ки эй булбул, ман ҳеҷ гоҳ фирефтаи овози ту нахоҳам гашт, аз лонаам низ берун намешавам.

Булбул ноилоҷ гуфт:

– Чаро?

Бум гуфт:

– Ҳамроҳи ту шоҳини тезчангол низ ҳаст?

Булбул нағмаю зорикунон гуфт:

– Шоҳин ҳамроҳи ман нест. Танҳоям.

Буми ранҷида афзуд:

– Эй булбули шӯрида, метарсам боз аз дасти ту ба доми шоҳину каргас наафтам. Булбул посухи рад дода, бо ишваю ноз овозашро баланд кард. Ин дам буми ҷонсарак дар ҳавои нағмаю ишваи булбул сармаст шуда, яке сарозер ба замин афтод. Шоҳин аз болои дарахт ҷаста, дар як дам бумро зери чангол намуда, ба ҳаво бардошт.

Буми сода танҳо дар назди ҳазрати Сулаймон ба худ омад ва аз асли воқеа огоҳ шуд. Бум ба Сулаймон арз кард, ки чил аспро он қадар давонанд, ки хуб арақ кунанд. Он гоҳ чил машк обро аз арақи бадани онҳо метавонанд ба даст оранд. Ба ҳазрати Сулаймон ин маслиҳат писанд афтод. Ӯ барои миннатдорӣ ба бум чашмони зебои халқамонанд бахшид. Акнун чашмони тиллоранги бум медурахшиданд. Бум бехабар аз пешомади шӯраш хурсандӣ дошт. Танҳо каргаси лошахӯр дам ба дарун зада ҳасад бурд. Ҳазрати Сулаймон ин рашку ҳасадро пай бурд ва бумро назди худ даъват карда, ба ӯ инъомҳо бахшид ва гуфт:

– Эй буми зебочашм, минбаъд танҳо гаштанат хавфнок шуд…

Ҳоло буми ҷонсарак он нақлро ба хотир оварда ҳайрон шуд. Тааҷҷуб кард, ки имрӯз ҳам, баъди гузаштани садсолаҳо дигар забони онҳоро одамизод намедонад…

Бум дами бегоҳӣ, ҳамин ки пардаи торикӣ фаро расид, боз фаъол гашт. Ӯ ҷонҳавлона аз найзор берун баромада, болафшон шуд. Дар ҳавзи беша таваққуф намуда, баъд хуб об нӯшида ташнагиашро шикаст. Акнун дар торикӣ атрофро хуб медид. Чор тараф бол кушода, аз баландӣ пуштакӯҳро назора кард. Яке чашмонаш ба каргаси роҳгуме афтод. Каргаси телба бепарвоёна устухонеро зери пояш дошта, минқор мезад. Бум ноаён бол кушода, якбора тир барин аз фазо поён фуромад, ба каргас дарафтод. Каргас дар торикӣ чӣ кор карданашро надонист, мувозинаташро гум карда, сарозер шуд. Ӯ дар торикӣ ҳаргиз ба бум муқобилият нишон дода наметавонист, балки аз тарсу ҳарос хост зери буттаҳо паноҳ барад. Буми нотарс каргасро бо панҷаҳои гирояш сахт зер карда якбора боло парид, хеле парвоз карда, баъд бо виқор тӯъмаашро сар дод.

Бум баъди талошу набарди шабона дар лонааш фароғат дошт. Гӯшти каргас ба тану ҷонаш оромӣ бахшид. Баробари рӯз шудан боз бум ба хилватҷӯӣ рафт. Акнун боз бегоҳиро интизор шудан лозим аст, андешид бум. Рӯзи дароз дар лона бекор нишастан мушкил аст, охир. Худоё, ин

кор то кай идома меёбад, ҳа. Чаро чунин тақдири шум насиби мо бумҳо шудааст… Агар дар хамон аҳди қадим ҳазрати Сулаймон ба мо бумҳо чашмони зебо намебахшид, хубтар буд. Ана, оқибати ҳамин чашми зебо боиси хорию бесоҳибии мо, бумҳо шуд. Акнун мо рӯзона тамоман нобиноем, танҳо шабгардӣ насиби мо ҳасту халос. Моро одамон парандаи наҳс мегӯянд. Чаро? Охир мо ба онҳо ҳеҷ бадие накардаем-ку…

Рӯзона аз қарибиҳои пуштакӯҳ яке нохост овози одамон ба гӯш расид. Паранда ҳайрон шуд. Бум пешомади бадеро ҳис карда, дарунтари лонааш паноҳ бурд. Овози одамон торафт наздик шуд. Бум надонист, ки даҳмардаи миёнсол бо ҳамроҳии писараш подаро ба ҷониби вайрона барои чарондан овардааст. Бум, гӯё нафас намекашид, ноҷунбон меистод. Ин дам яке бачаи даҳмарда овоз баровард:

– Падар, нигоҳ кун, чӣ хел парандаи аҷиб.

Даҳмарда яке ба буми ҳаросон нигаристу бо дили нохоҳам афзуд:

– Бачам, нарас, ин бум аст. Бумро парандаи бехосият мегӯянд!

– Чаро бехосият будааст, ҳа?

– Намедонам, гӯё аз вай танҳо бадбахтӣ мерасаду халос.

– Чӣ хел? Охир, вай парандаи беозор ҳаст-ку…

Писарак бумро бардошта ба хаймаи сари роҳ овард. Акнун даҳмардаҳо бо ҳавас парандаи зебои гӯшдарозро тамошо доштанд. Писарак аз бозёфташ шодӣ мекард. Ҳар замон ба чашмони зебои бум нигариста, завқ мебурд…

– Падар, чаро бум ин қадар чашмони зебо дораду боз рӯзона намебинад?

– Гуфтам- ку, наҳсу бехосият аст, беҳтараш, дуртар бурда сараш деҳ. Аздусар аз вай некӣ намебарояд!

– Не, ман бумро калон мекунам.

Падар дид, ки писараш якравӣ дорад, ихтиёрат, гӯён баромада рафт…

Бегоҳӣ подабонҳо шалпару лакот рамаро ҷамъ карда ба қутан даровsecurityанд.

Даҳмарда аз қафои гову мол давида хеле монда шуда

буд, дохили хайма шуда дароз кашид. Ӯро даррав хоб бурд. Писарак то дер бо бум саргарм шуд. Парандаро навозишкунон хобаш бурд. Дар торикӣ бум аз нав қувват пайдо карда, хост боз ба лонааш баргардад, аммо ким-чӣ хел қувваи ноайёне ӯро аз роҳ боздошт. Дуру дароз ба писарак нигоҳ кард. Атроф хомӯш аст. Баъди ташвиши рӯзона даҳмардаҳо дар хоби нозанд. Рамаи гӯсфанд ҳам дам мегирад. Бум озодона бол афшонда хост дуртар парвоз карда, ягон тӯъмаи болаззатро сайд созад. Ақаллан муш ё харгӯшеро сайд созад.

Нохост садои пастеро шунид. Диққат доду зуд пай бурд, ки ин ҷо макони морон будааст. Дар як дам рамаи қутан безобита гашт. Рамаи гӯсфандон аз морон хӯсиданд. Як мори сиёҳи азимҷусса ба хайма торафт наздик шуд. Мори бадҳайбат рост сӯи хайма мехазид. Бум аз бӯи мор оромиашро гум кард. Ӯ нохост дар дами дар пайдо шуда бо панҷаҳои гирояш ба сари мор ҳуҷум кард. Мор фашшас зада дар миёни панҷаҳои сахти бум печутоб хӯрд. Мор дигар имкони халосӣ наёфта, боз садо баланд намуд. Ин дам яке мори дуюм, ки шояд нарина буд, ғайричашмдошт пайдо шуда, ба бум дарафтод. Хост бумро бӯғӣ кунад. Вале буми шабгарду тезбин бо як зарба мори дуюмро низ беҳол намуд...

Субҳ даҳмарда барвақт аз хоб хеста, хост қутани рамаро хабар гирад. Ин дам яке чашмаш ба буми саропо хунолуд афтод. Бум дар болои санги шафати хайма ноҷунбон меистод ва дар чанголаш ду мори мурда буд. Даҳмарда писарашро бедори карда «аз паси ман биё», гуфт. Писарак ин манзараи мудҳишро дида аз тарс пурсид:

– Ин морҳоро бум куштааст, ҳа…

– Бале, писарам, бум парандаи наҳс не, балки накӯкор будааст. Бин, ин ду мори заҳрнокро чӣ хел ба ҳалокат расонда, мову туро аз марг наҷот додааст!

– Офарин ба ту, буми зебочашм!

Баъди нисфирӯзӣ аллакай бум дар бағали писарак роҳат дошт. Бум хост ба соҳиби наваш одат кунад, меҳр бандад. Бисёр мехост одамизодро дӯст дорад. Худашро ба писарак

ҷафс карда, ҳатто нафаскашии ӯро эҳсос менамуд. Хаёлаш меҳри одам самимӣ тофт.

Серкаҳои пеши рама ба қутан наздик шуданд. Писарак дар назди хаймаи чӯпонӣ бумро болои санг гузошт. Бум дар болои санг ҳайкалвор истод. Чашмони зебо, тефҳои гулдори хушрӯй дошт. Бум хост меҳру садоқаташро ба писарак нишон диҳад, ки яке бехабар писарак нӯги дигари ресмони пояшро ба буттае сахт баст.

Бум аз ин муомилаи соҳиби наваш хафа шуд. Даҳмардаю писарак дар дохили хайма ҳазлу шӯхӣ доштанд. Бум аз ғалоғӯлаи онҳо чизеро нафаҳмид. Балки ин дам ҳушу ёдаш ба вайрона банд буд. Ҷонсарак шуд, хост аз банд раҳо гашта, ба вайронаи худ баргардад, аммо кӯшишаш бефоида анҷом ёфт…

Банд торафт пояшро мекашиду бум боз ҷонсарак шуда тоб мехӯрд. Ҷон меканд. Ҳеч овариаш намеомад, ки оқибат аз дасти ҳамин писарак бандӣ шудааст. Акнун интизор буд, ки кай писарак ӯро аз банд озод мекунад.

## ЗОҒЧАИ КАБУД

Зоғчаи кабуд дар наздикии деҳа ба дунё омад. Пештар шафати деҳа сербуттаю дарахт буд. Замини подачаро дошт. Дар киштзор ҳар гуна ҷонварро медидӣ. Зоғча нағз дар хотир дорад, ки марғзори болои деҳа макони булбулу кабк буд. Авлоди зоғчаи кабуд ҳам бемалол мегашт. Касе парандаҳоро озор намедод, вале солҳои охир якбора ҳаёт тағйир ёфт. Мардум талу теппаи шафати деҳаро низ ҳамвор карда хона сохтанд.

Зоғчаи кабуд аввалҳо ба кору бори одамон аҳамият намедод. Аммо пай бурд, ки модараш парешонхотир аст. Зоғчаи калонӣ, ки таҷрибаи зиёд дошт, чун тӯтии сабз миёни дигар ҷонварон фарқ мекард. Ӯ маъюсона болҳояшро тит карда, ба атроф дуру дароз хомӯшона нигарист. Зоғча парандаи зебои кабуд буд. Пару боли зебое дошт, рангаш сабз худи тӯтӣ барин. Зоғи калони

таҷрибадор дуру дароз ноҷунбон атрофро мушоҳида кард. Дигар аз пуштакӯҳ бӯи алафу торон, буттаю зирк намеомад, балки шамоли пасте бӯи каҳдуду овози баланду дағали одамонро паҳн мекард. Одамон машғули хонасозӣ буданд. Касе парвои мурғон надошт. Яке дарахт мебуриду дигаре лой андова дошт. Зоғи кабуд дуру дароз ба ҳолу аҳволи деҳа зеҳн монд, нигоҳаш хаста шуд, ки маъюсона болҳоро ҷамъ кард. Хост парида ба лонааш баргардад, ки чашмаш ба чӯҷааш афтод.

– Чӣ шах шудаӣ, магар наметарсӣ?

– Аз кӣ?

– Аз одамон!

– Онҳо ба мо чӣ бадӣ кардаанд?

– Эҳа, охир ҳамин одамон набуданд, ки ҷангалзорро ба хок яксон карданд.

– Дар ҷои ҷангал боғу хонаҳо пайдо шуд.

– Аввалҳо лонаи мо дар шохи дарахти шамшод ё дулонаю фарк буд. Ҳоло чӣ? Аз тарси одамон зери буттаи шӯлашу янтоқ паноҳ мебарем. Магар ин ҳам зиндагӣ шуд?

Зоғчаи кабуд аз нақли модараш фаҳмид, ки пештар заминҳои канори деҳа дар ҳолати табиӣ буд. Дар найзору қамишзори серлуху бутта мурғҳои даштӣ, тазарву кабк села-села мегаштанд. Харгӯшу гавазнҳои чамбаршох сари ҳар қадам вомехӯрд. Баъд аз тарси трактору ҳой-ҳуи одамон, шикорчиён ҷонварони ёбоӣ ин макони зеборо тамоман тарк карданд. Шояд онҳо дар кӯҳҳо паноҳ бурда, амон ёфта бошанд! Худо медонад.

Яке зоғи кабуд фарёд кашид. Дид, ки як одам ба онҳо наздик шудааст, бо таҳлука чӯҷаашро баландтар фарёд кард. Дер шуд. Вай санг андохта бо чӯби калони дасташ зоғи кабудро пеш кард. Чашмаш яке ба парандаи хушранги кабуд афтод, якбора аз паи доштани вай шуд. Зоғчаи кабуд тарсида аз зери буттаи шикастае берун шуда ҷониби найзор давид. Мардак фаҳмид, ки дар майдони кушоди найзор парандаро дастгир намудан осон нест. Ӯ бо шаст аз паи зоғчаи кабуд сур кард. Ҳар тарафе мегурехт, аз пасаш таҳдид мекард. Ӯ бо шаст боло парида, миёни баргҳои да-

рахти танҳое руст шуд. Гумон кард, ки мардак ӯро надидааст. Лекин марди айёр чӯбдастаи дарозеро дар фазо бозӣ доронда, якбора ба шоху навдаи дарахт зад. Зоғчаи кабуд яке сарозер шуд. Аз зарби сахти чӯб панҷааш лат хӯрда чашмонаш сиёҳӣ зад. Оқибат зоғчаи кабуд таслим шуд. Ночор сарашро дар зери қанотҳояш пинҳон карда ба тақдираш тан дод.

Одам аз бозёфти худ хурсанд шуд. Парандаро болои кафи дастҳояш гирифта хуб зеҳн монд.

– Худи тӯтӣ барин будааст-ку! Чӣ хел паранда бошад, ҳа– афзуд вай.

Ба паранда дурусттар нигоҳ кард. Хароб, пойҳояш дароз, думу қанотҳояш сабзгуна, нӯлаш хокистарранг.

– Худи мурғони афсонавӣ барин, – нидо кард вай. – Боз нагурезад, ҳа, – роҳравон афзуд: – Бурда ба муаллими деҳа нишон медиҳам, канӣ, фаҳмам чӣ хел паранда буданаша.

Зоғчаи кабуд худашро дар бағали мардак бад ҳис кард. Аввалин маротиба ночор монд. Дигар қудрати парвоз надошт. Пояш аз дард месӯхт. Аз бӯи бади либоси мардак ғашаш меомад. Боз тааҷҷуб кард, ки ин мардаки бераҳм ӯро бӯғӣ дорад. Ақаллан намемонад, ки озод нафас кашад.

– Маро куҷо мебурда бошад, ҳа!– фикр кард зоғчаи кабуд. Ин дам нақли модараш ба хотираш расид. Дарк кард, ки модар дуруст мегуфтааст. Аз одам халосӣ нест.

Мардак бепарвоёна пойҳои зоғчаи кабудро сахт фишурд. Зоғча тарсид, ҷонсарак шуд. Ба мардак овоз дод, хост зорӣ кунад – охир аз ман чӣ бадӣ дидай, ҳа…

Аммо мардаки бераҳм парвои талвосаи ҷони зоғча надошт.

Сари роҳи кӯчаи аввалини деҳа нохост аз рӯ ба рӯяш муаллим баромад.

– Акаи Бегалӣ, – хурсандона нидо кард.

– Муаллим, Худо туро расонд!

Ӯ ба рангу рӯи парида, ҳаяҷони мардак зеҳн монда бо тааҷҷуб гуфт.

– Тинҷӣ ҳаст, акаи Бегалӣ.

– Ҳа, тинҷӣ. Бин, чӣ хел мурғаки зебо ёфтаам.

– Ёфтаӣ ё шикор кардӣ, ҳа?

– Не, муаллим, ёфтам.

Муаллим ба парандаи бечора нигарист. Баъд онро гирифта ба замин сар дод. Пойҳои зоғчаи кабуд беҳису карахт шуда буданд, ӯ дигар қудрати парвоз кардан надошт, ки якбора ба рӯи замин афтод. Қанотҳои зебояшро ҷунбонду лангида-лангида аз ҷояш хест. Ҳаросон ба чор тараф нигоҳ кард, аз тарс меларзид.

– Чаро парандаи бегуноҳро озор додӣ, ҳа?

– Озор надодам, ба Худо, аз алафзор ёфтам. Хушрӯй будааст. Хостам фаҳмам, ки чӣ ном дорад.

Муаллим нигоҳи маломатборашро аз акаи Бегалӣ наканда бо қаҳр гуфт:

– Ин парандаи нодир зоғчаи кабуд аст. Вале аз касофатии ту баринҳо дар табиат кам мондааст.

– Дар куҷо лона мегузорад?

– Аввалҳо дар шохи дарахтон, ҳоло дар таги алафу зери сангҳо. Пештар калонсолҳо вайро тӯтии сабз ҳам мегуфтанд.

Дили муаллим ба ҳоли табоҳи парандаи беозор сӯхт. Барои наҷоти зоғчаи кабуд роҳ ҷуст. Ба акаи Бегалӣ муроҷиат кард:

– Ака, биё, парандаро сар деҳ, аздусар дар дасти ту оқибат мемурад.

– Не, тӯтии сабз ки бошад, хона мебарам, дастомӯз мешавад.

– Не, ин корро асло накун. Зоғчаи кабуд бояд озод бошад. Дар шароити хона дилтанг шуда, оқибат мемурад.

– Ҳич балош намешавад, охир чорто кабк дорам-ку, бо онҳо унс гирифта мегардад.

– Кабк дигар аст, аммо зоғчаи кабуд ба қафасу одамон одат накардааст.

Акаи Бегалӣ гарданашро каҷ карда мушхандае намуда афзуд:

– Аҷаб одаме шумо, муаллим, ғами ҳамин як мурғакро ҳам мехӯред. Мурад, сазои сараш. Як зоғча-да. Кирои гап не!

– Чӣ хел? Охир, ин парандаи хеле нодир асту ба Китоби сурх дохил шудааст.

– Хозир ин олимони мо ҳамаи ҷуку ҷонварро ба Китоби сурх даровардаанд. Гӯё дар дунё кори дигар намондааст, ки Китоби сурх гӯён дигар шикорро ҳам манъ кардаанд.

Муаллим дид, ки ба акаи Бегалӣ суханҳо, панду ҳикмат таъсир надорад. Якбора чизе ба хотираш расид, ки бо боварӣ гуфт:

– Акаи Бегалӣ, зоғчаи кабуд парандаи наҳс аст мегӯянд.

– Чӣ хел, ҳозир таъриф кардӣ-ку, – гуфт бо тааҷҷуб вай.

– Одамони умрдида мегӯянд, ки зоғчаи кабуд ба хона касофатӣ меовардаст? Ҳатто дар рӯҳи зоғчаи кабуд аҷина ҷой гирифтааст мегӯянд.

Оқибат суханҳои муаллим ба акаи Барот таъсир кард, ӯ якбора маъюс гашта бо нобоварӣ ба паранда нигоҳ кард, тарсу бим якбора зераш намуд, ки гуфт:

– Муаллим, рост мегӯӣ? Ин паранда аст ё рӯҳи ягон аҷина, ки бо зебогиаш одамро фиреб медиҳад…

Акнун зоғчаи кабуд дар ҳавлии муаллим мезист. Зоғча ба аҳли хона зуд унс гирифт. Дилаш аз одамон гарм шуд. Фаҳмид, ки дар дунё одамҳои хуб ҳам будаанд, ана, бин, ҳар саҳар писари муаллим ба вай обу дон медиҳад. Вақте ки «зоғча, зоғча» гӯён садо мекард, вай парида меомад. Зоғча бо писарак сахт унс гирифт, ки аз кафи дасташ омада обу дона мехӯрд. Аз пасаш мерафт. Барои зоғча зиндагии одамон аҷиб буд. Вай аз кору бори одамон тааҷҷуб дошт. Атроф обёрӣ мешуд. Одамон ниҳолшинонӣ карда, атрофро тахту ҳамвор менамуданд. Касе фикр надошт, ки зоғҳои кабуд куҷо рафтанд. Зоғчаи кабуд оҳиста-оҳиста ба атроф одат кард, ҳатто дигар аз касе наметарсид. Агар аз замин кирм ё дона меёфт, минқорашро кӯфта садо медод.

Муаллим шаҳр рафту нигаҳбонии зоғчаи зебо пурра ба зиммаи писарак афтод. Акнун доим ӯ бо паранда буд. … Писарак як бегоҳӣ зоғчаи кабудро дохили қафаси калони холӣ кард. Зоғчаи кабуд аз ин рафтори писарак ҳайрон шуд. Охир, ӯ ба қафас одат накарда буд. Зоғча якбора бандӣ шуд. Акнун фаҳмид, ки ҳамаи меҳрубонии одамон,

ҳатто писарак дурӯғ будааст. Дар қафас хафаю малул аз байни роғҳои чӯб музтарона овоз меандохт. Мехост ба озодӣ барояд.

Дид, ки писарак бо ҷӯраҳояш озодона бозӣ дорад, ҳатто мурғҳо, майнаҳо озоданд, зоғчаи кабуд бетоқатона худро чор тараф мезад. Дилаш дигар обу дон намехост.

Пагоҳӣ писарак «зоғча, зоғча» гӯён фарёд кард. Диду шунид, ки аз дохили қафас базӯр овози маъюсонаи зоғча баромад. Ӯ тамоми шаб гуруснаю ташна дохили қафас хобидааст. Зоғча аз дасти писарак дон нахӯрд, балки ранҷидагӣ барин бо алам садо кард.

Писарак хатогиашро фаҳмид. Донист, ки барои зоғча низ озодӣ аз ҳама болост. Зоғчаро дар қафс ҷой дода муҳаббати дӯсташро якбора аз даст дод. Писарак боз зоғчаро зораву тавалло намуд, бахшиш пурсид, аммо ҳамааш беҳуда. Дигар он зоғчаи пешина набуд. Ӯ гуноҳи дӯсташро набахшид. Оқибат бо дили кашолу ғамгин зоғчаро аз қафс бароварда сар дод.

– Рав, ба манзилат баргард.

Паранда гӯё оҳи сабуке кашида, аз суханони писарак чизеро фаҳмид, ки аввал ба лаби ҷӯй парида об нӯшиду баъд якбора ҷониби пуштакӯҳ парвоз кард. Писарак аз паси зоғчаи кабуд фарёд кард, баргард гуфт, аммо дигар барнагашт.

Писарак ғамгинона хона омад.

Падар, ки аз асли воқеа чандон огоҳ набуд, пурсид:

– Зоғчаи кабуд куҷост?

– Парида рафт, бевафоӣ кард.

– Бевафоӣ не, балки қаҳрӣ шуд.

– Чӣ хел?

– Писарам, охир, парандаҳо ҳам ба баду нек сарфаҳм мераванд. Беадолатии ту зоғчаро сахт хафа кардааст. Охир, ман таъкид карда будам, ки ҳаргиз зоғчаро ба қафас наандоз.

– Падар чӣ кунам, ки ин таъкиди шуморо фаромӯш кардам, – гунаҳгорона гуфт писарак.

– Ана, ҳамин хел, зоғчаи кабуд парандаи нозук аст, ин

рафтори туро набахшид!

Зоғчаи кабуд дигар ба ҳавлӣ барнагашт…

Имсол баробари поён ёфтани сардиҳо як села парандагон болои деҳа пайдо шуданд. Миёни онҳо зоғчаи кабуди афсонавӣ ҳам метофт. Парандаҳо як овоз андохта боз ба ҳаво хестанд. Зоғчаи кабуд ҳавлии писаракро шинохт. Дудила шуд, шояд бармегашт, аммо дар пешайвони хона боз ҳамон қафаси наҳсро овезон диду якбора аз қафои селаи парандагон ба ҳаво хест.

Акнун зоғчаи кабуд болзанон бо овози фораме месароид. Дар хонишаш ҳам оҳанги ғам буду ҳам шодӣ…

## ГАВАЗН ДАР ДОМ

*«Агар гавазнҳо баланд фарёд зананд, шамолу тундбод шуда, тирамоҳ ҳаво сард ва хунук мешавад».*

(*Аз ривоят*)

Имшаб Ризвони шикорчиро хоб набурд. Аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гашта, хост худашро базӯр ба хоб андозад. Нашуд, ки нашуд. Аз дидааш хоб парид.

– Сабаби ҳамаи ин асабонияту ноором̄ӣ ҳамон Ҷалоли сайёд. Агар бегоҳӣ нақли ҳамон гавазни чамбаршохро намекард, шояд ҳоло бароҳат хобам мебурд…

– Эҳа, гавазни зебоеро дидам, аз болои ағбаи оҳугузар чунон баназокату хиромон мерафт, ки мисли ғизолони шӯху сармаст.

– Наход, боварам намеояд, – шӯхи пиндошт ин гапро Ризвони шикорчӣ. Охир дар ин мавзеъ гавазн он тараф истад, ҳатто кабк намондааст-ку…

– Ҳа, албатта, аз дасти ту барин шикорчиҳои беинсоф! – тундӣ кард Ҷалоли сайёд.

– Чӣ, ту магар шикорчӣ нестӣ?

– Мо ҳам шикор мекунем. Аммо мисли ту тамоми ҷуку ҷондорро аз як лав намепарронем! – хитоб кард Ҷалол.

Ризвони шикорчӣ каме ранҷидагӣ барин сарашро хам карда якбора гуфт:

– Хайр, давоми нақлатро гӯй. Макони вай гавазни охирин куҷо будааст?

– Куҷо мешуд, мавзеи оҳугузар-да.

– О, ман ба он ҷойҳо даҳҳо бор рафтаам, вале ягон хел гавазнро мушоҳида накардаам. Наход нақлат рост бошад, ҳа…

Акаи Ҷалол дид, ки вай якбора беқарор шуд, ҳатто нигоҳаш дигар шуд, чашмонаш бозӣ дошт, ноилоҷ афзуд:

– Ака, илтимос, аз пайи гавазн нарав, охир, мо ҳам шикорчӣ. Агар ҳамаи ҷонваронро нест кунем, оқибаташ чӣ мешавад, ҳа?

Ризвон айёрона худашро ба нодонӣ зада гуфт:

– Ба Худо қасам, ки гавазнро шикор намекунам…

… Дар ин нисфишабӣ аздусар дигар хобам намебарад. То субҳдам ба шикор баромадан лозим, – аз дил гузаронд Ризвон. – Яке бахт омад кунаду гавазнро ёбам! Вале қасами додаам чӣ мешавад, ҳа?.. Хайр чӣ, як қасам будааст-да. Дунё чаппа намешавад-ку. Дами саҳарӣ кӣ рафтанамро мебинад. Ҳеҷ кас.

Дар рӯшноии чароғ ба милтиқи думила тир ҷой кард. Корди тези шикориашро ҳам ба борхалтааш ҷой намуд ва дурбину тирдонро аз назар гузаронд…

Вақте ки Ризвони шикорчӣ аз ҳавлиаш берун шуд, ҳавои тирамоҳӣ сарду хунук буд. Ӯ аз дохили хонаи гарм ба ҳавои кушод баромаду дарав ҳис кард, ки шамоли тирамоҳӣ бӯи барфу борон дорад. Тез-тез қадам зада, аз деҳа дур мешуд. Мехост касе ӯро набинад. Сояаш аз паси пуштаҳои каҷу килеби кӯҳӣ як пайдо шуда боз нопадид мешуд. Қарибии субҳдам ӯ ҳарчи тезтар дараи хирсонро гузашт. Ҳис кард, ки дар ин қадоваи кӯҳистон худаш танҳо аст. Аз оромии кӯҳу пушта завқ бурд.

– Акнун дигар касе монеъ намешавад. Худам мондааму ҳамин ҷангалистон. Ман шоҳи ҷангалам, ҳа, – нидо кард Ризвони шикорчӣ. Овози хунуки ӯ ба кӯҳҳо бархӯрда акси садо дод.

Аз паси арчаи кӯҳӣ селаи мурғони даштӣ рамиданд. Бошаи телбае манзилашро тарк карда парвоз кард. Танҳо рӯбоҳи зарде ин манзараро дида, ҳайрон шуд, ки одам чӣ мекобад?

Ризвони шикорчӣ на рӯбоҳро диду на фирори ҷонваронро мушоҳида кард, балки дар сар танҳо шикори гавазнро мепарвариду халос.

Ҳавои қади дараи оҳугузар аҷаб софу тоза буд. Худованд дар кӯҳистон чӣ муъҷизаҳое офаридааст. Пайраҳаи кӯҳӣ рост поён мефуроянд. Дулонаву бушол, ниҳолони олучаҳои кӯҳӣ урён гашта, дар шохчаҳои хамида меваҳои олуча хушк шуданд. Ризвони шикорчӣ он қадар ҳаваси тамошои табиат надошт. Балки намедид тирамоҳ чӣ манзараҳои нотакрор дорад… Ӯ батаъҷил аз миёни дарахтон гузашта, шоху навдаҳои сари роҳро шикаста мерафт. Навдаи себи кӯҳиро шикаста, охирин себаки дар шох мондаро гирифта, дар либосаш пок карду газид.

Аҷаб таъми болазатте, – худ ба худ гуфт ӯ. Чаро дар вақташ мардум ин ҷойҳоро тарк карда, ба таҳдашт кӯч бастанд. Ҳамин хел мавзеъҳои зеборо монда, ба шаҳр, ба дуриҳо рафтан чӣ маънӣ дорад, ҳа…

Баъди чанд соати беист роҳ гаштан Ризвони шикорчӣ ҳис кард, ки монда шудааст, аммо ӯ ҳеҷ майли дамгирӣ надошт. Балки бо аҷала пеш мерафт. Ким-чӣ хел қуввае ӯро ноаён дарунтари кӯҳсор тела медод.

… Ӯро танҳо якбора тағйирёбии ҳавои сард ҳушёр кард. Нафаси ҳавои хунук, ки аз болои кӯҳҳо мевазид, нохост шамоли сахтеро овард, тундбоду майдаборон фазои атрофро пахш карда тирамоҳи зумуррадгунро ба коми худ гӯё фурӯ бурдан мехост. Шохаҳои урёни дулонаю ягон-ягон чормағзҳои кӯҳӣ ба шамол тоб наоварда мешикастанд.

Ризвони шикорчӣ якбора рӯ задани чунин боду ҳавои хунукро интизор набуд, ки яке сари калобаашро гум карда, аз пайи ёфтани камингоҳ шуд. Дар як дам атрофро аз назар гузаронда, зери ниҳоли тоқаи дулонаро интихоб кард. Дар пояи дулона санги суфамонанди бадҳайбате мехобид. Ана камингоҳ, ҳамин ҷойи мувофиқ будааст, аз дил гузаронд

Ризвон.

Таги дӯлонаро тоза карда, шоху навдаҳои шикастаро болои ҳам чид. Баъд пушти товасанг хазида, ҷойи хобашро ҳам ёфт. Борхалтаашро чун болишт болои алафу буттаҳо монда, бафурҷа нишаст.

Шамоли тирамоҳӣ ҳамоно бошаст мевазиду ҳаво торафт тиратар мешуд. Нафаси ҳавои сард ба ӯ ҳам таъсир кард. Агар дар хонааш мешуд, ҳоло Ризвон дарав чойи сиёҳ нӯшида, худашро ба ҳафт қабат кӯрпа мепечонду дам мегирифт. Вале ин лаҳза хаёли вай танҳо ба гавазн банд буд. Мехост ҳар чи тезтар бо ин ҳайвони нодир рӯ ба рӯ шавад.

Аз камингоҳ атроф, дараи оҳугузар чун дар кафи даст метофт. Ризвони шикорчӣ қади дараро наззора дошт. Шамол девонавор дар талу пушта чанг хезонда, пайроҳаи оҳугузарро гоҳе мепечонд, вале баъди чанде боз ҳаво рӯшан шуда атроф хомӯш мешуд.

Асрори табиат ҳайратовар аст. Як дам бод асту борон, як дам ҳавои софу беғубор, аз дил гузаронд Ризвони шикорчӣ. Ба ин хел кишвар ҳайронам, – афзуд Ризвони шикорчӣ. Ҳатто боду ҳавояш якхел нест. Ана, дар телевизион дидам, ки дар дунё ҳастанд давлатҳое, ки тамоми фасли сол гармӣ ҳукм меронад, аммо дар мо чӣ? Тобистон поён нашуда, дар тирамоҳ боронгарӣ, ба таври худ муҳокима мекард вай.

...Ризвони шикорчӣ аз ҳеҷ чиз розӣ нест, вай ҳатто бо қонунҳои табиат ситеза дорад. Бо дили нохоҳам ба поёнтари дараи оҳугузар зеҳн монд. Дид, ки дар ҷойи шамолпаноҳ суғуре аз лонааш берун баромадааст. Ҷонвари лаванд гурусна буд, ки аз лонааш торафт дур шуда, ба буттазори хушкида даромад. Дар миёни алафҳои паҳнбарг паноҳ бурда ҷумбуҷул дошт. Шояд аз хоидани бехи решаи буттаҳои гулхор сер шуд, ки аз алафзор оҳиста баромад. Аз чизе мекебид, ки ба чор тараф нигоҳ карда, баъд роҳашро давом дод.

Ин дам нигоҳи Ризвони шикорчӣ ба бошаи тезпарвозе бархӯрд, ки болои дара парвоз дошт. Боша суғурро дид, ки яке сарозер шуд. Суғури дар ғафлатмонда нохост сояи бо-

шаро диду хост чапғалат дода фирор кунад. Аммо то лонааш роҳ дур буд. Дар атрофи холӣ сарпаноҳ наёфт. Ночор қафо баргашту боз миёни алафзор даромад. Бошаи рамузфаҳм худро бошаст ба миёни буттазор зада ба таври ҳайратовар суғурро ба панҷааш гирифт. Суғур як овози бадарде кашида, хомӯш монд. Суғур аллакай дар миёни пойҳои тезчанголи боша ҷонканӣ дошт. Боша торафт боло парвоз карда, дар паси кӯҳҳои Дараи хирсон нопадид шуд.

Эҳ дунё-е, ҳатто ҷуку ҷондор ҳам ба худ душман дорад. Боз мегӯянд, ки шикор хуб нест. Агар мо шикор накунем, аздусар ҳайвонот, ана, ҳамин хел якдигарро нест мекунанд-ку, – андешид Ризвони шикорчӣ…

Ӯ аз тамошои шикори боша монда шуд, ки ба фикр фурӯ рафт. Фикру хаёлаш боз пойбанди гавазн шуд. Кай гавазнро медида бошам, ҳа? андешид Ризвон. Ё Ҷалол маро фиреб додааст. Э, не, вай ин хел одам не, ҳамеша ҳаққи гапро мегӯяд. Боинсоф ҳам ҳаст. Охир, дар шикори якҷоя борҳо дидаам, ки кабку хирс ё ҷонварони майдаро асло намепаронад. Ин хел шикорчиҳои раҳмдил ҳоло ангуштшуморанд. Ҳатто солҳои охир Ҷалол милтиқ ҳам ба дасташ намегирад. Қариб тарки шуғл намудааст. Аммо ман чӣ? Эҳа, то мурданама ин шуғла хор намекунам! Ҳа, ман Ҷалол не, балки Ризвонбой. Ана, очаи дилхоҳ ҷонвара дар чашмаш нишон медиҳам, лоф мезад дар дил Ризвон. Чӣ, магар бекор шинӣ, рӯзат мегузарад, ҳаргиз не! Охир, деҳа ба кӯҳсор наздик, ҷои кор ҳам нест, ҳамин шикор мондаасту халос. Ин дафъа, агар насиб кунаду гавазнро парронам, соҳиби як бандча пул хоҳам шуд. Охир, гӯшташ ба сад дард давост мегӯянд-ку… Бурда дар бозори шаҳр мефурӯшаму боз як моҳи дигар истироҳат мекунам.

… Ин дам Ризвони шикорчиро танҳо ҳавои сарду шамол бесаранҷом мекард. Ӯ ҳар гоҳе, ки ба атроф чашм медавонд, таги дилаш сиёҳ мешуд. – Наход ҳаво муътадил нашавад, то кай шамол мехезад, ҳа. Баъзеҳо афсона бофтаанд, ки гӯё боду ҳавои кӯҳсор ҷонваронро паноҳ мекунад ё гӯё дар тундбоду сардӣ ба шикор баромадан хосияти хуб надоштааст. Вале ман ба ин афсонаҳо асло боварӣ надо-

рам. Охир, бо дар хона нишастан шиками кас сер намешавад, ба таври худ хулоса кард ӯ.

... Суръати шамол тадриҷан каме суст шуд, ки майдаборон аз боридан монд. Акнун Ризвони шикорчӣ мехост бо дурбин пайраҳаи борики кӯҳиро дурусттар бинад, ки яке шамол овози ғайриодиеро бо гӯшаш расонд. Ӯ ҳушу ёдашро як ҷо ҷамъ карда, ба садои номаълум гӯш дод:

– И-у-у-ур-ур-ур...

Шамол овозро боз ҳам наздик кард.

– И-у-у-ур-ур-ур-...

Барои Ризвони шикорчӣ ин овоз андаке шинос намуд, аммо ҳоло нафаҳмид, ки ин овози кадом ҳайвон аст. Фарқ накард. Дар қади дара хирс ҳаст, аммо ин ба овози хирс ё гург монанд нест...

...Ҳа, ҳа. Аз ин бозёфти худ як қад парид. Албатта, ин овози гавазн аст. Акнун ӯ хурсандӣ дошт. Ҳатто надонист, ки дар қади дара як худаш танҳо асту хандаю шодияшро касе намебинад. Акнун дилаш пур гашту ҷониби овоз бо дурбин нигарист. Хеле синча кард.

Дар миёнаи резасангҳо гавазни афсонавӣ пайдо шуда, ба атроф дуру дароз нигоҳ кард. Ризвони шикорчӣ ба шохҳои калону тобдода ва бадани холдори ҷонвар нигариста, қариб аз ҳуш равад. Ба ӯ бадани нақшини гавазн ҳай форид. Худи худаш. Ҳа, Ҷалол рост мегуфтааст...

Дар болои товасанги пайроҳаи оҳугузар гавазн орому осуда метофт. Гоҳе сарашро ҷунбонда, нухшор дошт. Ризвони шикорчӣ гурбавор аз таги дулона берун шуда, гаваккашон паси харсанги пушта пинҳон шуд. Хору буттаҳои шӯлашу гулхор ӯро панаҳ кард. Ризвон ба гавазн хеле наздик омад. Дигар имкони пеш рафтан надошт. Боз яке ҷонвар пайхас нашавад. Охир, гавазн ҳайвони оддӣ нест, балки аз рӯи шунидам, зуд бӯи одами бегонаро ҳис мекунад, аз дил гузаронд шикорчӣ.

Сайёд аз анбон равғани хирс бароварда ба сару рӯяш молид. Дигар ягон ҳайвони зирак, ҳатто гавазн ҳам наздик буданамро асло ҳис намекунад.

Ризвон хеле боэҳтиёт пештар хазида, сари гавазнро ни-

шон гирифт. Гавазни чамбаршох осуда буд. Вале нигоҳи хастааш ба дуриҳо дӯхта шуд. Шикорчӣ пай бурд, ки гавазн аз чизе тарсу бим надорад, балки танҳоӣ, ёди кӯҳу дара ӯро домангир аст. Ин дам шикорчӣ нафаҳмид, ки гавазн пешомади сахтеро дарк кардаасту ғам мехӯрад. Зеро гавазн аз асрори табиат хуб огаҳӣ дошт. Қонунҳои табиатро медонист. Аммо шикорчӣ аз асрори табиат, розҳои он бехабар буд. Мақсади ӯ танҳо ба даст овардани гавазн буду халос.

Гавазн хеле ба дуриҳо нигариста, нохост фарёди баланде кард. Нӯлаи бадарди гавазн дар кӯҳҳо аксандозӣ карда, ба фалак печид. Аз фарёди сахти гавазн гӯшҳои шикорчӣ қулф заданд. Ризвон якбора бетоб шуд. Ин ҳодисаро интизор набуд, ки якбора сари калобаашро гум кард. Аз паси пуштакӯҳ яке чангбоди сиёҳе хеста, хасу хошокро ба ҳаво хезонд. Акнун нишон гирифтани шикорчӣ ҳам мушкил шуд. Аммо вай ҳаргиз сайдашро аз даст доданӣ набуд. Базӯр қоматашро рост карда, гавазнро нишон гирифт. Шикорчӣ куланги милтиқро зер карду яке қабзаи алафи зери оринҷаш лағжид ва тир хато хӯрд. Гавазни захмин нӯлаи ҷонкоҳе кашида ором шуд. Ҳайвон нагурехт, балки бо ҳасрат душманашро кофт ва аз дурӣ чеҳраи хунуки одамро дид. Воқеа барои шикорчӣ ғайричашмдошт буд. Ӯ аввалин маротиба дид, ки ҳайвон намегурезад. Шикорчӣ боз як тири дигар парронд. Гавазн нидои даҳшатборе кашид, печу тоб хӯрд, дасту пой зада бо шоххояш ба санг бархӯрд. Шикорчӣ аз ҷой саросемавор ҷаста сӯи товасанги оҳугузар давид.

Овози имдодталабонаи гавазн қади дараро ба ларза овард. Якбора ҳаво тағйир ёфта, тундбод ба гирдбоди даҳшатноке мубаддал гашт. Ғайричашмдошт борони майда ба барфреза табдил ёфт. Ин дам шикорчӣ самти ҳаракаташро гум кард. Хеле давида оқибат ҳис кард, ки роҳгум задааст.

Эҳ, ин шамолу борони падарлаънат аз куҷо пайдо шуд, ҳа. Омада-омада дар ин вақти ҷонканӣ барфу борона бин-а, ё товба, афзуд шикорчӣ. Наход, ман, шикорчии таҷрибадор роҳро гум кунам. Охир, товасанг дар ҳамин надикиҳо, ана, дар ҳамин дунгӣ буд, ку… Ё, наузанбиллоҳ, ё ман девона

шудаам, э, не…

Дид, ки сари дунгӣ холисту аз гавазн ному нишоне нест.
– Ё, тавба… Куҷо шуд ин лаънатӣ? Наход мурдаашро набинам? Охир, ду тир хӯрд-ку, андешид шикорчӣ.

Атроф торафт хунуку сард шуд. Акнун беист барф меборид. Шикорчӣ инашро чашмдор набуд, ки музтар монд. Дасту пой хӯрд. Чашмонашро молида атрофро дурусттар синча кард. Не! Аз раъям намегардам! Бояд ҷисми мурда ё зиндаи гавазнро ёбам. Охир, чӣ хел ба деҳа дасти холӣ бармегардам?!

Хост болотари дунгӣ барояд. Аммо роҳгардӣ барояш торафт мушкил мешуд. Барф атрофро пӯшонд. Пастию баландӣ сап-сафед. Шикорчӣ сафедиро чашми дидан надошт. Дигар чизеро намедид. Ҳама ҷо сап-сафед…

Ризвони шикорчӣ ноилоҷ монд. Хост қафо баргардад. Пайроҳаи оҳугузарро убур карда, ба роҳи кӯҳӣ барояд. Аммо дигар маҷоли роҳгардӣ ҳам надошт. Дасту дилаш сард гашт. Муттакое наёфт, вале ҳис кард, ки ҳоло ҳам нӯлаи гавазн дар бехи гӯшаш ғуввос дорад. Шикорчӣ базӯр даму нафасашро бароварда аз тарс худ ба худ гуфт: «Ло ҳавла ва ло қуввата илло билоҳил-алийил-азим».

Ризвони шикорчӣ дар ҳалқаи кӯҳпораҳо, шахҳои девсурат танҳо монд.

Рӯз бегоҳ мешуду борон ва барф мерехт. Сайёд умре дар ҳамин кӯҳу дара ин хел ҳавои сарду хунукро асло дар ёд надошт. Акнун дар қади дараи сафедпӯш ҷонваре наменамуд. Танҳо сари шохи дарахти шикастае калмурғи бӯре минқорашро ба навда кӯфта шодӣ дошт. Паранда аз барфрезӣ роҳат мекард. Гоҳе овози пасте бароварда болҳояшро меафшонду боз ба шикорчии музтар нигоҳ мекард. Гӯё Ризвони шикорчиро мешинохт, ки ӯро мепесонд. Шикорчӣ калимаашро гардонд…

Барф меборид. Дар фасли тирамоҳ одамон, ҳатто ҷуку ҷондор боридани чунин барфу боронро дар қӯҳистон дар хотир надоштанд…

Вақте ки гирдбоду чангбод ором гирифт, аллакай гирду атрофи дара зери барф пинҳон шуда буд. Дигар на гавазн

метофту на суроби Ризвони шикорчӣ. Кӯҳистони барфпӯш нафаси сард мекашид. Вале аз оҳугузар болотар ҳанӯз ҳаво шаммае гармӣ дошт…

## ТОВУСАКИ БИҲИШТӢ

Товусаки биҳиштӣ дар қӯшашохи дулонаи пир лона гузошта буд. Лонаашро бо лифи маҳини растанӣ устокорона печонда буд, ки он ба чашм наменамуд. Беруни лонаро бо тори анкабут, ки аз миёнаи буттазор ҷамъ карда буд, мустаҳкам намуд.

Охирҳои моҳи май атроф сабзпӯш ва ниҳолҳо ғарқи мева буданд. Бӯи алафу гиёҳҳои табиӣ ба товусаки биҳиштӣ хуш омад. Аз он ки маҳз ин гӯшаи табиатро макони зисти худ интихоб намудааст, аз худ розӣ буд.

Ӯ бори дигар дохили лонаашро аз назар гузаронда, ором гирифт. Пас аз заҳмати тӯлонӣ товусаки биҳиштро хумори парвоз гирифт, ки болчаҳояшро паҳн карда, боло парид. Аз буттазор гузашта ба боғи серниҳоле фуруд омад. Фазои ин макони хилват ба ӯ фараҳу шодӣ бахшид.

Ба хотир овард долу дарахтони ҳамешасабзи кӯҳистонро. Он айёмеро, ки ҳамроҳи ҳамҷинсонаш аз ҳавои бешазори сабз нафас мегирифту ҳаёти осудаҳолонае дошт. Чаро ӯ, товусаки биҳиштӣ, ин мавзеъро ба хотир наовард. ?

Охир маҳз ҳамин мавзеъ солҳо паноҳгоҳи оилаи товусакҳои биҳиштӣ буд ва онҳоро аз чашми бад ҳифз мекард. Товусак суханони модарашро ба хотир овард:

– Эҳтиёт шав, бачам, товусакҳои биҳиштӣ, хеле кам мондаанд. Моро шикорчиён думпараст ва пашшахӯрак ном бурда, беҳуда озор медиҳанд. Агар моро парандаҳои тезчангол дунбол кунанд, боке нест. Як илоҷ карда халос мешавем. Аммо дод аз дасти шикорчиён, онҳо моро ба хотири як лаҳза шодию хурсандии худ қариб ба ҳадди нестӣ расонидаанд.

Товусаки биҳиштӣ минқорашро ба шохи ниҳол соида, лаҳзае чанд дар ҳамин вазъ қарор гирифт. Нигоҳаш ба ду-

ми дарозаш афтод. Сипас, чик-чиккунон болҳои нозанинашро такон дод ва парида болои гулхор нишаст...

Дар замонҳои қадим товусак думи кӯтоҳе доштааст. Ба ин парандаи хурдакаки назарногир мурғони дигар писханд зада, масхарааш мекарданд. Барои парандаҳо думи зебову болу пари хушранг мояи ифтихор буд. Аммо ҳар гоҳе вай пайдо мешудаст, аввал аккаи бахил мегуфтаст:

– Ана, товусак, вай як умр дар ҳасрати дум мегардад, кӯтоҳдум!

Баъд аккаю зоғ якҷоя шуда, ӯро аз лонааш меронданд. Боре зоғ ба акка мегӯяд:

− Қарр-қарр, биё товусакро фиреб диҳему лонаашро ситонем.. Онҳо ба лонаи товусак омаданд. Зоғ таҳдид кард:

– Ҳой, товусаки бадбахт, беҳтараш, ин маконро тарк кун! Дар лонаат дигар ман тухм хоҳам гузошт.

– Дуруст, рост мегӯяд, – гуфт акка, – ин макони мост, баромада рав!

Товусак ин ҳолро дида ҳайрон шуд, музтару ғарибона зорӣ кард.

− Ман ба Шумо чӣ бадӣ кардаам?

− Ҳеҷ бадие накардаӣ, аммо ин макони зоғон асту сурудхонии ту ба мо намефорад. Баъд ранги мо сиёҳ асту ту бо болу пари рангаи ҷилодорат фарқ мекунӣ …

Товусак ноумед шуда ноилоҷ ба назди хазрати Сулаймон, ки забони ҷумла мурғонро медонист, омад. Сари таъзим фуруд оварда баъди салому алайк гуфт:

– Ё Сулаймон, аккаю зоғ лонаамро ғасб намуданд. Ман бе макону ҷой мондам, онҳо маро бедум гуфта таъна мекунанд. Ҳазрати Сулаймон, ки аз овози наҳси зоғу акка огоҳӣ дошт, дар ҳаққи онҳо дуои бад кард ва ба товусак фотиҳаи нек дод. Аз ҳамон рӯз товусак соҳиби думи дароз ва болу пари боз ҳам зебо шуд….

Вай болҳояшро калон кушодаву парида, рӯи дулонаи ошно фуруд омад. Дар ин ҷо каме ба атроф гӯш доду сипас, ба лонааш баргашт. Аз қисмати бачааш, товусаки хурдакак, ҳарос дошт. Ӯро солим дарёфта шод шуд. Товусчаи думдароз дар атрофи лона гаштугузор мекард.

Ба тозагӣ бол баровварда буду тариқи парвоз меомӯхт. Бисёр мехост, ки мисли очааш, товусаки зебосанам, дар боғ парвоз кунаду атрофро хубтар бинад. Бо парандаҳои дигар шинос шавад. табиатро омӯзад. Охир, дар ин фасли зебои сол-баҳор дар лона танҳо нишастан чӣ маънӣ дорад?. Товусча хост худсарона парвоз кунад, ки модараш пайдо шуд.

– Ҳа, куҷо меравӣ? –аз ӯ пурсид модараш.

– Дар лона танҳо нишастан ба дилам зад. Тамошои боғ меравам.

– Якравӣ накун, ҳоло ту хурд ҳастӣ, агар яке ба дасти зоғ ё бошае афтӣ, яқин, ҳалок мешавӣ!

– Зоғ чаро ба мо душманӣ дорад ? - тааҷҷуб кард товусча.

– Зоғ шумхабар асту бахил, овози хуб надорад, рангаш сиёҳ, умре бо авлоди мо душманӣ дорад, - афзуд товуси биҳиштӣ.. Боз чизе ба хотираш расид, ки бо овози андаке хаста илова кард:

– Насли мо хеле кам боқӣ мондааст, аз ин рӯ, одамон моро ба Китоби сурх шомил намудаанд.

– Китоби сурхаш чӣ?- бо ҳайрат гуфт товусча.

– Ҷонваронеро, ки дар табиат кам боқӣ мондаанд, ба Китоби сурх дохил мекунанд! -гуфт бо ҳасрат товуси биҳиштӣ.

– Чаро зоғу акка нею мо кам мондаем? - тааҷҷуб кард товусча.

– Маҳалли сукунати моро одамон танг карданд, дар мавзеҳои табиӣ хона сохтанд. Худат медонӣ, ки мо парандагони озодему мисли зоғон дар ҳар куҷо зиста наметавонем! Ғизои мо танҳо ҳашарот, яъне зарарасонҳои табиат аст, ба муҳиту табиат фоида меорем. Аммо ҳоламон танг асту авлодамон торафт кам мегардад.

Товусаки биҳиштӣ ҳилпиросзанон бол кушода, бо думи дарозаш мувозинаташро нигоҳ медошт. Дар баргу пояи ниҳолон нишаста ҳашарот меҷӯст…..

Товусаки биҳиштӣ бачаашро аз қафояш бурда, хост ҳамроҳаш дар боғ сайр кунад. Парвозкунон аз болои буттаҳо гузашта ба найзори анбӯҳ фуруд омад. Ӯ бо

панҷаҳои борику зебояш рӯи буттаҳо, алафҳои навруста ҷастухез карда, бо минқораки маҳинаш гулҳоро мепалмосид.

Аз бӯи буттаҳои доругӣ, алафҳои нодир хушаш омад. Бехабар аз ҳаводиси рӯзгор дар ҳавои серун қанотак зада, бачаашро навозиш кард ва овоз баровард:

Чик-чик, чик…

Чик-чик-чик…

Овози форамаш зуд ба атроф паҳн шуда, то ба канори боғ расид. Зоғи сиёҳи наҳс аз куҷое пайдо шуд. Ба ба хонишу овози хуши товусак нафраташ омад. Дар назараш, товусак боз ҳам зеботар шудааст. Хеле ба думи дарозу болҳои нафиси вай нигоҳ кард.

– Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, эй товусак!, - дод зад.

– Аз мо боз чӣ мехоҳӣ, эй нoшуд, -посух дод товусак.

– Ин боғ, мавзеи сукунати мост, ба ватани худат рав!

– Боғу роғ аслан манзили мо, парандагони биҳиштист, ҷои шумо макони нообoду хазон аст!

Зоғ аз ин муомила ба ғазаб омада нохост ба ҳуҷум гузашт. Бо хашму пархош тефҳояшро тилтонда ба ҳаво бархост. Ва хост ба сари товусак минқор занад. Товусаки аламдида мувозинаташро гум накард ва ҳарифашро чапғалат дода бо пойҳояш зарба зад. Зоғ ин ҳолатро интизор набуд, ки қар-қар кунон хост боз ҳуҷум кунад, аммо далерии товусаку бачаашро дида, аз нияташ гашт, фирор кард.

Товусак қанотҳояшро ғундошта, таги тефашро нӯл зад ва ғамгинона гуфт:

– Дидӣ, мо, товусакҳо, чӣ қадар душман дорем? Ҳоло замона нотинҷ аст. Боз азхудкунии заминҳою шикорчиён моро таъқиб доранд. Аз ин рӯ, эҳтиёт шав, боз ба дасти парандагони наҳс наафтӣ! …

Товусаки биҳиштӣ аз лонаашу бачааш дуртар рафт. Нахост, ки панҷаи захминашро бачааш бинад. Бори дигар ҷои захмхӯрдаро бо нӯлаш пок сохта, нерӯяшро ҷамъ намуду ба парвоз омад…

Дилаш пур буд, ки ягона бачааш зинда мондаасту на-

слашро идома хоҳад дод.. Акнун вай болои буттазори канори боғ фуруд омада буду гиёҳи шифобахшеро ҷустуҷӯ дошт. Товусаки биҳиштӣ гиёҳҳоро хуб мешинохт, ҳоло мехост, марҳами захмашро ёбад…

Чун бовар кард, ки рақибе таъқибаш намекунад, зери баргу пояи зарбутта рафт. Худашро ба танаи бутта молиш дод… Тадриҷан дар хеш неруи тозаеро ҳис кард. Мисли он ки аз нав ҷавон шуда бошад, сурудхонон сӯи фазо бол бикшод. Мехост, ҳарчӣ тезтар ба лонааш, назди бачааш бирасад….

## ШАҲПАРАК ВА РАНГИНКАМОН

Баҳор меомад ва акнун нахустин гулу себарга аз замин сар мекашид.

Сардиҳо гузашта, насими баҳорӣ бӯи гулҳои зардаку бойчечак ва сиёгӯшро меовард. Як –ду ҳафтаи охир боронгарӣ ҳам кам гардид ва бачаҳо дар кӯча гули сиёҳгӯш мефурӯхтанд. Акнун дар қатори одамон ҷонваракон, бахусус шаҳпаракҳо низ ба баҳор омодагӣ доштанд. Шаҳпаракчае аз дами саҳарӣ беқарорӣ дошт.. Модараш шаҳпаракчаро ором карданӣ шуда гуфт:

− Ором шав, ҳоло хунукиҳо дар пешанд, дур парвоз макун!

− Не, модарҷон якравӣ кард шаҳпаркча, охир, ҳаво гарм шудаасту бодом гул кардааст!

− Ин ҳамааш фиребо асту дилрабо, яке мебинӣ, ки абр меояду борон меборад, баъд бо болҳои тарат меафтӣ, – гуфт модараш. Аммо шаҳпаракча ҳамоно истодагарӣ дошт.

Шаҳпаракча ба осмони нилгун рамузгирона нигоҳ карду гуфт:

– Модарҷон, мехоҳам баромадани рангинкамонро бинам.

Рангинкамон баъди боронгарӣ мебарояд, камтар сабр кун гуфт модар.

– Чаро дигар ҷонварон озодона ба истиқболи баҳор ба-

ромадаанду маро иҷозат намедиҳӣ? – гуфт ранҷидахотирона Шаҳпаракча……

Ӯ аз бӯи гулҳои навруста ҳаловат бурда, бо нозу ишва болчаҳояшро алвонҷ дода, мехост парвоз кунад. Модараш, ки якравии шаҳпаракчаро медонист, оқибат ноилоҷ розӣ шуд ва гуфт:

– Бачам, эҳтиёт кун, боз ба дасти бачаҳо нафтӣ. Ҳоло атроф пури бачаҳои гулчину беадаб.

– Шаҳпаракча якбора болкушон парвоз кард. Болою поён парида. аз тамошои гулҳои худрӯи бойчечаку сиёҳгӯш завқ бурд.. Шаҳпаракча чор тараф парвоз карда, болои гулҳо менишаст ва мехост аз ширабаи онҳо ба сери бичашад.

Ин дам яке дар осмон рангинкамон пайдо шуд.. Атроф софу муаттар гашт ва борони майда тамоман монд. Шаҳпаракча хурсанд шуд ва сайёҳаташро идома дод.. Вай буттаи гулҳои наврустаро гузашта, хост болои нихоли бодом, ки акнун гул кардааст, нишинад.

Нигоҳи вай нохост ба ду писараке ки машғули гулчинӣ буданд, афтод. Бачаҳо бераҳмона гулҳои баҳориро аз бехашон канда шодӣ доштанд….

Шаҳпаракчаро сухани модар ба хотираш омаду афсӯс хӯрд, ки ба гапи модар гӯш надод, охир чӣ гуна ин бачаҳо бераҳманд аз дил гузаронд Шаҳпаракча, наход гулҳоро ҳамин тавр поймол созед, ҳа!

Акнун шаҳпаркча хафаву малал гашта, аз тарс хост қафо баргардад назди модараш равад.

Аммо бачаҳо ӯро мушоҳида карданд.

– Бин, чи хел шаҳпараки зебое будааст.

− Болҳояшро нигар, ким-чихел нақшу нигор доранд.

− Биё, ба ҳолаш гузорем аз доштани ин парандачаи зебо чӣ фоида аст? – гуфт яке аз онҳо.

− Дошта мегирем, хона бурда хушк мекунему баъд ба бачаҳо нишон медиҳем.

– Охир, убол аст шаҳпаракчаи беозорро куштану боз хушк кардан!

Шаҳпаракча суханони бачаҳоро шунида ба баданаш ларза афтод. Дигар чӣ кор карданашро намедонист. Аз

бетаҷрибагӣ роҳи хонаашонро гум кард. Чӣ хел модарамро ёбам, аз дил гузаронд шаҳпаракча ва ашкрезон аз гуле ба гуле парида роҳи халосӣ меҷуст.

Бачаҳо ҳамоно аз қафояш метохтанд. Бо чуби кулоҳдор ба шаҳпаракча ҳуҷум мекарданд. Бо куллоҳои худ ба вай наздик мешуданд. Шаҳпаракча ҷонашро ба каф гирфта мегурехт. Ӯ хеле ин тарафу он тараф парвоз карда сахт монда шуд, акнун базӯр мепарид.

Ин дам писаракаи калонӣ пайт ҷуста пинҳонӣ ба буттае, ки болои вай шоҳпаракча нишаста дам мегирифт, наздик шуда, нохост ба болои вай домашро партофт…

– Ана, ба даст афтод, – нидо кард вай хурсандона..

Акнун ҳарду болҳои вайро бо ҳавас тамошо доштанд.. Писарак шаҳпаркчаро базӯр кафи даст дошта, баъд қанотҳояшро паҳн намуд.

− Бин, чӣ хел зебост, қанотчаҳояш ҳарранга, сурху гулобӣ ва сабзгуна…

Писараки майдаҳакро боз раҳмаш омад, ки зорӣ кард:

− Биё, сар деҳ вайро. Мон озодона гардад дар табиат.

– Не, акнун ӯро даруни шиша андохта мебарем, – гуфт вай

− Шаҳпаркчаро базӯр даруни шиша андохтанд. Акнун вай бо қалби маъюсу ғамгин дасту почак мезад.. Шаҳпаракча дасту дилашро аз зиндагӣ шуста буд. Вай даруни зарф ғам мехӯрд, мехост озодона парвоз кунад, аммо ноилоҷ мемонд. Ӯ аз дил гузаронд, ки онҳо маро бераҳмона кушта баъд хушк мекунанд.

Аз дасти онҳо дигар илоҷи раҳоӣ нест!

Ин дам шаҳпаракча боз модарашро ба хотир овард. Дид, ки аз қафои модараш дар саҳрои васеъ парвоз дорад. Модараш ӯро навозишкунон аз шираю атри гулҳо ғизо медиҳад. Ӯ канори модар хушбахт аст. Мебинад, ки модар болҳояшро кушодааст, онҳо чунон зебову нақшин мебошанд, ки дар шулаи офтоб аксандозӣ доранд. Ин дам шаҳпаракча хост парвоз кунад, ки худашро дар дохили шиша дид ва хомӯшу бесадо гиря кард..

− Тезтар ҳаракат кун, ҳоло рангинкамон мебароянд, –

гуфт писараки калонӣ.

– Аз кучо ?

– Аз паси боронҳо…

Онҳо ба қуллаи кӯҳ нигоҳ карданд. Аз паси кӯҳ оҳиста-оҳиста тирукамон намудор гашт ва атроф аҷаб зебову гуворо гардид.

– Модарам мегуфт, ки тамошои Рангинкамон савоб аст, -гуфт писараки майдаҳак хурсандӣ намуда….

Бачаҳо саргарми тамошои рангинкамон буданд, ки яке шиша аз даст писарак афтида шикасту шаҳпарак озод гашт. Аз ин воқеа шаҳпарак ниҳоят хурсанд шуд. Вай акнун ба бачаҳо бо истеҳзо нигоҳ карда. сипас аз онҳо дуртар парвоз кард. Бачаҳо бо қаҳру ғазаб аз пушти шаҳпаркча беист давиданд, аммо беҳуда. Акнун шаҳпаракча медонист чи кор кунад. Вай рост назди модараш парида омад…

Модар шаҳпаракчаро каме озурдаву парешон дида гуфт:

– Ба ту чӣ шуд, шаҳпаракча, чаро дер кардӣ?

– Шаҳпаракча воқеаи ба сараш омадаро пурра ба модараш ҳикоя кард…

– Модар андаке ба фикр фурӯ рафта гуфт:

– Бачам, асло якравӣ накун ва бе маслиҳати калонсолон дур нарав.. Халос хӯрданат аз даст бачаҳои шум бошад як амри илоҳист. Туро Рангинкамон наҷот додаст.

Зеро рангинкамон аз авлоди шаҳпаракҳост ва ӯ ҳам мисли болҳои мо ҳафт ранг дорад…

Ин дам шаҳпаракҳо шукркунон аз болои гулҳои наврустаи баҳорӣ парида ба рангинкамон таъзим мекарданд. Офтоб бошад, торафт гармтар мешуду атроф рӯшантар.

Модарҷон магар рангинкамон камон дорад ?

– Не, ҷони оча, – гуфт модараш, танҳо худаш мисли камон шакл дорад.

Ин вақт боз борони майда майли боридан дошт.. Модару шаҳпаракча дар таги баргҳои бутта панаҳ бурданд.. Модар дар бораи баҳор ҳикоя дошт, вале ҳушу ёди шаҳпаракча ҳамоно ба ҳикояти рангинкамон банд буд…

# САРИ МОР

Дар талу пушта гулу гиёҳҳо, алафҳои худрӯй кайҳо зард гаштаанд. Ҳарчанд аз ҷониби қаторкӯҳҳо насими серуне ба атроф мевазад, вале ягон ҷонзоти ин гӯшаи фаромӯшшуда инро ҳис намекунад. Балки дар саросари водӣ гоҳ-гоҳе овози кабк ба гӯш мерасаду халос. Дар ҳаво бошад, бошае танбалона бол кушода, ба поён назар дорад. Дигар на хазандае ба чашм менамояду на ҷонваре.

Дар ин гармои чиллаи тобистон парандаю чарандаи қади дара то дами бегоҳӣ аз лонаи худ берун намебарояд. Даҳмарда ин нисфирӯзӣ ҳам подаро лаби наҳр хамбонда як ҷо ҷамъ кард. Акнун говҳо шикамсерӣ чаридаю хуб об нӯшида хоб буданд. Аз тинҷӣ, оромии пода дилпур шуда, чӯпон сипас рӯ ҷониби сангоб ниҳод.

Аз гармии тоқатфарсо гоҳо нафасгир мешуду як дил мекард, ки дам гирад: бало ба паси ҳамун сари сабилмондаи мор. Ҳамаи ин рост аст ё дурӯғ, кӣ медонад? аз дил гузаронд даҳмарда. Ба ҳар ҳол як бахтро озмудан лозим, андешид ӯ.

Ба дара фуромаду пойҳояш сусту бемадор гашт. Дар худ боз сустӣ, тарсу ҳарос ҳис карда ночор монд. Дар ҷояш нишаста ба чор тараф назар афканда, гӯш ба қимор шуд. Ҳама ҷо ором буд. Нохост хониши кабкҳо манъ шуду яке қир-қиру чирроси мор баланд гардид.

Даҳмарда аз рӯи таҷриба фаҳмид, ки дар ин наздикиҳо лонаи мор ҳаст. Аммо чӣ хел мор, аниқ карда натавонист.

Хайр, шояд чипор ё аъфӣ бошад, ё кубро, балки садои мори гурза будагист. Не, астағфируллоҳ, иллоҳо, гурза набошад…

Соли гузашта даҳмарда нахустин маротиба мори гурзаро аз наздик дид. Ӯ то ин дам морҳои ҳархелаи майдаи безарарро медонисту халос. Акнун дар паҳлуи харсанг мори бадҳайбате, ки қариб се метр дарозӣ дошт, меистод. Сари секунҷа ва чашмони хунполояш ба дили даҳмарда ваҳм андохт. Дигар аз ҷой намеҷунбид…

Гурза бо пайдо шудани уқоби тезчангол миёни алафу буттаҳо хазид. Парандаи мушоҳидакор ба ҷои аввали мор наздик шуда, болафшон нигоҳи барқворашро аз алафзор наканд. Дар гармӣ дид, ки мор хишшос карда, дар якҷо тоб мехӯрад. Уқоб хеле давр зада, яке аз боло сарозер шуда, худашро лундавор миёни алафзор зад. Ин дам талошу мубориза миёни уқобу гурза сар шуд. Уқоб бо панҷаҳои гирои тезаш ғайри чашмдошт аз миёни мор чанг зада ба ҳаво бардошт. Дид, ки аз чашмони мор хун мерезад, лекин гурзаи кӯршуда асло таслим шуданӣ набуд. Бадани сиёҳчатобу рангаи мор дар офтоб медурахшид. Мор ба уқоби гурусна заҳр зад, ки баъди муқобилияти зиёде аз чанголаш хато хӯрда, сарозер поён афтид. Мори кӯршуда ҷонҳавл миёни сангҳо хазида, гум шуд. Уқоб аз нияташ нагашта боз поён хамбид. Ҷуссаи бақуввату босалобати уқоб дар лонаи мор пайдо шуда, бо хашм тухмҳои майда-майдаи рангаро бо панҷаҳояш зада шикаст…

Даҳмарда то ин дам кабку бузҳои кӯҳиро бисёр сайд кардааст. Ҳатто дар ин кӯҳу дара ҷонварон аз паи қадами шуми вай несту нобуд шуда, боқимонда ин манзилу маконро якумрӣ тарк кардаанд. Ва даҳмарда мондаасту подааш ва ҷару ҷангали холӣ. Аз бозе, ки дар табиат ҳайвонот қир шуд, даҳмарда оромиву осоиш надорад, саломатияш ҳам он қадар хуб нест. Шояд танҳоӣ дилгираш кард, ки вақтҳои охир тарсончаку буздил шудааст. Аввалҳо на аз ҳайбати хирс парво дошту на аз хуки ёбоӣ. Кордаш болои равған, подаро ба ҳоли худаш монда фақат кораш шикор буду халос. Акнун мехоҳад шуҳрати пештараашро барқарор созад, тарсу ҳаросро аз дилаш дур карда, боз домани шикорро сахт қапад…

Барои амалӣ намудани нияташ назди чанд мулло рафт, дуо гирифт, худоӣ, назру ниёз кард, нашуд. Хост боз табобат кунад, ки нохост сари мор ба хотираш расид. Дар ҷавонӣ шунида буд, ки сари мор мисли тӯмори балогардон хусусияти шифоӣ дорад. Сари морро ҳам гӯё ҳамчун пӯсти мор агар тӯмор карда ҳамроҳат гардонӣ, ҳама корат бобарор мешудааст ва аз ҳама муҳимаш, нотарсӣ ёри кас ме-

гаштааст. Даҳмарда аз морҳои заҳрдор мисли фишормору афъӣ, кубро сахт ҳарос дошт. Танҳо мехост, ҳарчи тезтар ягон мори безаҳреро мисли чипору кӯрмор ба даст дарораду сарашро гирифта тӯмор кунад. Гумон дошт, ки он вақт албатта аз ин ташвишҳо халос мегардад.

Дами нисфирӯзӣ, дар ҳавои гарм атроф ба ҳукми хомӯшӣ афтод. Даҳмардаи одаткардаро боз хониши селаи кабкчӯҷаҳо ба худ овард. Хост то пайдо кардани мор ба шикори кабк машғул шавад…

Дид, ки дар баландӣ селаи кабкҳо қив-чувкунон бепарвоёна равуо доранд. Даҳмарда милтиқашро тайёр карда, зери бушолеро камингоҳ кард. Алафҳоро зери каш гирифта, куланги милтиқашро кашида омода шуд.

Одатан, дар ин мавсим кабкҳои ба шӯр омада, дар сар ҳавои ишқу висол доранд. Кабкҳои нар ҷуфти худро пайдо карда, якдигарро бо хонишу овози дилангези худ меҳрубонӣ, навозиш мекунанд. Аз қаҳ-қаҳи онҳо атроф ба базмгоҳ табдил меёбад, дигар кабкҳо низ думболи онҳо нағмасароӣ мекунанд. Даҳмарда интизор мешавад, ки кай онҳо наздик меоянд. Ӯ медонад, ки кабкҳо мasти ҳавои мушкбези кӯҳсоранду арбадакунон ба ҳамдигар минқор мезананд. Ин дам кабке аз паси буттаи худрӯй баромад. Даҳмарда нишон гирифта бехато кабкро парронд. Ҷисми пурхуни кабк, ки дар як пой ду пих дошт, дар пеши пои даҳмарда питиррос мезад. Даҳмарда камонро як сӯ монда, кабкро пар канда, оташ гиронд…

Баъди хӯрокхӯрӣ ягон соати дигар интизор шудан лозим, албатта, мор пайдо мешавад, аз дил гузаронд даҳмарда. То бегоҳ як илоҷ карда сари морро ёфтан лозим. Ӯ аз бекорӣ аз кисабағалаш қурутеро бароварда ба даҳон андохт. Шӯрии қурут даҳонашро мазза дод. Ӯ қурутро нашикаста бо ҳавас мемакид. Яке овози қирроси мор ба гӯш расид. Даҳмарда ҷонҳавлона аз пушти харсанг гузашта ба лаби гулҳавз нарасида чашмаш ба мори холдори нақшини дарозе афтид. Даҳмарда аввал гаранг шуд. Сахт тарсид. Охир, ӯ намедонист кадом навъи мор дар пешаш истодааст. Фарқ накард, хаёл кард, ки мори чипорро вохӯрдааст.

Агар чипор бошад, албатта безаҳр будагист. Вай пештар медонист, ки мори чипор дар тобистон пӯст мепартояду дар ҳамин моҳ ба худ ҷуфти муносиб меҷӯяд.

Хайр, ҳар чӣ бодо, бод, ҳоло ки мор танҳост, онро паррондан лозим, набошад, ҷуфташ боз аз пасам мешавад…

Аз ҳамон рӯзе, ки даҳмарда соҳиби тӯмори сари мор шудааст, कораш, дар ҳақиқат, бобарор асту хеле шердил низ гаштааст.

Лекин даҳмарда шабҳои дароз азоби гӯр мекашад. Рӯзона ба ину он андармон шуда, чӣ хел гузаштани вақтро намефаҳмад. Вале акнун аз шаб, аз торикӣ сахт метарсад. Шаб ки шуд, хобаш мепарад. Боз ба ҷои овози кабк чирроси морро мешунавад. Қариб ҳар шаб мор хоб мебинад.

Морҳо рақскунону бозикунон дар атрофаш ҳалқасон печида чиррос мезананд. Даҳмарда аз чирроси морҳо тарсида аз хоб бедор мешавад. Хаёле дар банди дасташ ба ҷои тӯмори сари мор, ҷондори сиёҳи чашмкалоне бо дандонҳои хунолуд мехазад…

Имшаб боз хоб дид. Дид, ки сиёҳӣ атрофашро ҳалқасон печонда ҷояшро ба рӯз доданӣ нест. Дуртар нохост чашмаш ба мори калони бадҳайбате бархӯрд. Мор аз ҷояш барҷаста, сарашро ҷунбонда забончаашро баровардааст, мехояду аз ду бари лабаш хун ҷорист. Мор болои сараш омада ҳалқа зад.

Даҳмарда ба худ омада дид, ки аз тарс дарақ-дарақ меларзаду хунук мехӯрад. Ин вақт морҳои дигар низ ба шӯру қиём омада гирдашро ҳалқасон мепечонанд. Мазмун, ба ҳамдигар мефаҳмонданд, ки даҳмарда омадааст, даҳмардае, ки сари морро тӯмор кардааст. Даҳмарда чорғов шуда берун баромад. Ҷонаш ба танг омада, нафасгирияш мушкил шуда буд. Дар берун хост тӯморашро гирад. Аммо аз банди дасташ мори сиёҳе чиррос зад. Ҳуш аз сараш париду додгӯён бедор шуд. Фаҳмид, ки то ин тӯмори зормонда дар банди дасташ аст, дар хобаш ӯро морҳо ором нахоҳанд монд.

Бо ҳамин ният хост имрӯз тӯмори сари морро бурда дар пушта, дуртар аз алафзор партояд. Шояд он вақт аз ин

хобҳои даҳшатнок раҳоӣ ёбад…

Даҳмарда тӯмори сари морро бо ҳарос кушодан хост. Банди дилаш ларзид, тӯмор ғалтид, базӯр як илоҷ карда худашро нигоҳ дошт. Тӯморро боз дар кафи дасташ соида гарм кард, баъд бӯй кашид, тӯмор ҳанӯз бӯи мори зинда дошт. Пас онро миёни кафаш гирифт, то сирру асрори тӯморро ақаллан ҳозир дарк созад. Вале аллакай дер шуда буду даҳмарда илоҷи хатоияшро наёфт. Чунгурак нишаст, хест, гумон кард, ки дар гулӯяш сӯзан дармондааст. Даҳмарда дар атроф чизеро надид, сараш аз гармии зиёд чарх зад. Нав тӯморро мепартофт, ки кафи пояш сӯзиш кард. Дид, ки мори нақшине аз пеши пояш майли дур шудан дорад.

Кӯшиш кард, чӣ гуна будани ин морро муайян кунад, аммо пеши чашмаш сиёҳӣ зад, арақ ба тамоми вуҷудаш давид, дар тобу таб сӯхт. Хост фаҳмад, ки морони дигар метобанд ё не, надид. Ҳеҷ чизро надид ва чун ҷуволи пури коҳ якпаҳлу миёни буттаҳо афтид…

## ДАР ТУҒАЙЗОРИ ҚАШҚАҚУМ

Туғайзори қисмати биёбонии Қашқақум мавзеи хеле табиӣ ва афсонавӣ мебошад. Релефи вай тағийрёбанда буда, тобистони бисёр гарму тамуз дорад. Сафари ман ҳам ба фасли тобистон рост омад. Аз дами саҳарӣ андак боде мевазид, шояд боди афғонӣ буд, ки дар худ танҳо гармселро меовард. Қарибиҳои нисфирӯзӣ дар нишебии Полвонтуғай ба майдони саксавулзор расидам, ки тамоман манзараи дигаре рӯ ба рӯям пайдо шуд. Атроф регзори бедолу дарахт ва иқлими хушку шӯразамин ба чашм метобаду халос.

Майдони Саксавулзор доман паҳн кардааст. Ногуфта намонад, ки Саксавул растании биёбонист ва ватанаш аслан соҳилҳои халиҷи Форс мебошад. Дар иқлими мувофиқ саксавул метавонад, хуб сабзиш ёфта то 5-10 метр қад кашад. Солҳои охир бо иқдоми муассисаи давлатии ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшавандаи Агентии ҳоҷагии ҷангал аз нав майдони саксавулзоро зиёд намуданд. Дар айёми

гармсел ва гармии баланд танҳо зери сояи буттаи Саксавул оромгоҳи асосии ҷонварон ва ғизои онҳо мебошад. Соатҳои дароз дар майдони беканор қадам мезадам. Хаёле аз ҷониби кӯҳҳои Хоҷақозиён бод гармии тоқатфарсоеро меовард. Даҳонам хушк шуда, мадорам торафт кам мешуд, аммо ҳиси кунҷковию шавқи тамошои дашт намегузошт, ки аз роҳам баргардам. Гоҳ-гоҳе садои ваҳмангезеро мешунидам ва мушоҳида кардам, ки ба зери буттаҳои саксавул мору сангпуштҳо хазида, худро аз гармиҳои тамуз паноҳ мекунанд. Дар майдони Саксавул сусмор (тимсоҳи биёбонӣ) бисёр аст, онҳо аз гармии зиёд ҳазар накарда, болои регзор бепарвоёна ҳаракат доранд.

Нохост аз пайраҳаи муқобил (ҷирон) ғизол пайдо шуд. Аввалин маротиба ин ҷонвари зеборо аз наздик дидам. Бахт ба рӯям хандид, аз дил гузарондам ман. Охир, дидани ғизоли нозанин орзӯи деринаи ман буд. Ғизол ҳайрон буд ва нигоҳи тааҷҷубоварашро аз ман намеканд. Шояд волидайнашро гум карда буд, ки ҳаросон-ҳаросон ба атроф назар медӯхт. Ман ҳам аз ҷоям наҷунбида ба ғизоли афсонавӣ нигоҳ доштам. Чашмонаш афсунгар метофт.

Шояд ғизол боз чанд лаҳзаи дигар ин манзарaро назора мекард, аммо якбора бесаранҷом гардид. Ман аз шитобкорӣ яке суратгиракро баровараданӣ шудам, ки ғизол рамид ва аз тарс ҷониби анбӯҳи саксавулзор фирор кард. Дар як дам ғизоли нозанин ғайб зад. Боз майдони саксавулзор монду гармии тоқатфарсо.

Танҳо дами бегоҳӣ тадриҷан ҳаво муътадил гардид. Акнун насими сабуксайре ба атроф мевазид, вале ҳанӯз ҳам аз туғайзори дарёбод бӯи гармсели дашти беканор ба машом мерасид. Аммо ман дигар чизеро пайхас намекардам ва ҳушу ёдам ба ғизоли рамида банд буд. Аз дил мегузарондам, ки ғизол модарашро пайдо карда бошад? Кошкӣ.

## СУСМОРИ ШИРХӮР

Як бегоҳӣ аз дарвозаи мамнӯъгоҳ баромада атрофро

тамошо доштам, ки як марди калтариши қоқинаи туркман пайдо шуд. Ногуфта намонад, ки дар мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» ва атрофи он мардуми туркман солҳост, ки кору зиндагӣ доранд. Мо бо ҳам вохӯрӣ кардему дидам, ки мардак бо як забони ширин аз мамнӯъгоҳ ҳикоят дорад.

– Муаллим, шумо дар бораи мамнӯъгоҳ менависед, ҳа!

– Бале, оҳиста гуфтам ман. Чӣ буд?

– Не, ҳеҷ чиз, – якбора китф дарҳам кашид мусоҳибам ва яке табассумкунон гуфт:

– Муаллим шумо албатта эчкамарро медонед, ҳа!

– Албатта, охир, ки намедонад сусмори хокистаррангро? Биёбони мамнугоҳ пур, ку!

– Ин хазанда ҳам солҳои охир хеле кам шудааст, – гуфт бо таассуф марди туркман ва афзуд: – Солҳои пештар эчкамар дар ҳавлиҳои мо мегашту ба гову мол, бузу гӯсфандон ҳуҷум карда, шири онҳоро мемакид.

– Чӣ хел бо тааҷҷуб гуфтам ман. Ва марди туркман чунин нақл кард:

– Мо дар ҳавлиямон як модагови чамбаршох доштем ва ризқу рӯзии хонадон аз пӯшти вай буд. Модагов ҳар сол ба хонаамон шири фаровон медод ва гӯсолаҳояшро калон карда мефурӯхтем. Хулоса таъмини рӯзгори хона, бачаҳо аз ҳисоби ҳамин гови бахосият буд. Чӣ шуд, ки ҳамон тобистон аҳволи модагов якбора бад шудан гирифт. Акнун модагов торафт харобу лоғар шуда, шираш камтар мешуд.

Модарам маро наздаш ҷеғ зада бо ҳасрат гуфт:

– Магар аҳволи гови бечорaро намебинӣ, пусту устухон шудааст, ҳайвон, увол аст, ягон илоҷашро ёфтан лозим аст!

Ман аз ин муомилаи модарам ҳайрон шудам. Модарам аз нофаҳмии ман пай бурд, ки гуфт:

– Охир шири говамонро ҳамон зормондаи эчкамар мехӯрад, намефаҳмӣ?

–Чи, хел. Наход эчкамар шир хӯрад, – тааҷҷубам омад. Модарам боз таъкид кард, ки аз пайи назорати модагов шавам, намонам, ки шири вайро эчкамар хӯрад, вагарна кӯдакон бе ғизо мемонанд.

Рӯзи дароз аз пайи модагов гаштаму аммо чизеро пайхас

накардам. Танҳо рӯзи дигар аз дурӣ дидам, ки модагов дар ҷояш мехкӯб шудагӣ барин намеҷунбад. Наздик омада шоҳиди манзараи даҳшатноке гардидам. Ҷонвари бадҳайбате ки мисли калтакалос хокистаранг буд, чор пойи дошт, вай бо ду пойи пешаш ба пистони модагов чапидааст, нохуну ангуштонаш мисли кафи дасти инсонанд. Эчкамар аз зери шиками модагов думи дарозашро ба ду пойи қафои гов ҳалқа карда, ҳаш-ҳаш дошт. Аввал модагов аз пайдо шудани эчкамар бесаранҷом гашт, муқобилят нишон дод, аммо аз тарси нохунҳои эчкамар буд. ки акнун гов ноилоҷ ором гардид.

Дидам, ки эчкамар синаи модаговро кашида мисли гӯсола шир мемакид. Ин эчкамари ҳақиқӣ буд ва моҳирона шир мемакид, аз лабу даҳонаш ягон қатра шир намераехт. Ман аз тамошои ин ҳолат гӯё сеҳру ҷоду шуда карахту беҳис, шах шудам. Танҳо овози модарам маро ба худ овард.

Ҳой, чи гап шуд, мемурӣ овозата барорӣ?!

– Оча, ин ҷо биё, эчкамар говамонро мемакад. Модарам омада ин манзараро диду ҷонҳавлона нидо кард:

– Бачам, зуд бош, таёқро гиру якҷо эчкамарро пеш кунем. Охир, гови бечора дар азоб мондааст. Мо дукаса ба эчкамар ҳуҷум кардем, вай ҷонвари сарсахти омӯхта парвое накарда бо думаш моро таҳдидкунон базӯр шиками серашро кашолакунон аз модагов дур мешуд. Хостам бо таёқ ба сари эчкамар фурорам, ки бо думаш ба пойҳоям зарба зад. Аз ин таҳдиди ногаҳонии эчкамар сахт тарсидам.

Эчкамари таҷрибадор нохост якбора байни буттаҳои саксавул даромада ғайб зад. Баргашта дидам, ки модари бечораам пистонҳои говро тоза карда бо ҳасрат эчкамаро дуои бад дорад:

– Эй забонат хушк шавад ҷонвари ношуд. Ризқу рӯзии кӯдаконамро кам кардӣ! Баъди як ҳафтаи тарбия ва табобати модагов, боз шири говамон зиёд шуд ва модарам хурсандона онро медӯшид ва ҳар замон таъкид мекард, ки аз эчкамар эҳтиёт шавем.

# ВОХӮРӢ БО ГУРБАИ НАЙЗОР

Ҳар гоҳе ки мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» равам, аввал аз мавзеи зебои Дарёкул дидан мекунам. Охирҳои моҳи сентябр буд, ки ман мамнӯъгоҳ омадаму рост Дарёкул рафтам. Дарёкул, бешубҳа, муъҷизаи табиат аст. Ин кӯли васеъ макони моҳиёни нодир, мисли белбинии амурдарёӣ, зағорамоҳии мӯйлабдор, лақамоҳӣ мебошад. Дар шафати кӯл манораи барҳавое сохтаанд, ки аз болои он тамошои атроф ба кас як ҷаҳон таассурот мебахшад. Дар обу атрофи кӯл парандагони бисёре сукунат доранд. Шинокунии мурғобиҳои ваҳшӣ садои хониши моҳихӯраку парандагони мавсимӣ ба атроф taнинадоз мегардад ва мисли як мусиқии гуворое дар фазои нилгуни «Бешаи паланон» мепечад.

Гурӯхи мо барои наворгирӣ поёнтар фаромад ва дар соҳили кӯл наворбардор машғули банаворгирии парвози мурғобиҳо гардид. Наворбардор моҳирона камераашро миёни қамишзор руст карда, аз гӯшае атрофро наворбардорӣ дошт. Парандагон ҳануз ӯро мушоҳида накарда буданд, ки села-села чор тараф парвоз намуда, бо садои баланди худ якдигаро нидо доштанд. Ин дам дар фазо якбора се-чаҳор моҳихӯрак пайдо шуданд. Онҳо моҳирона худро ба қаъри об зада ба тарзи фавқулодда моҳӣ шикор мекарданд.

Дидам, ки моҳихӯрак парандаи хеле чолоку рамузгир будааст, ки бо як ҷасорати бепоён худро ба об зада моҳӣ медорад. Нохост парандаҳо наворбардоро ошкор намуданд, ки якбора аз ҷой ҷаста ба осмон парвоз карданд ва кӯл боз холӣ монд.

Парандагон ба кӯли дигар фирор намуданд. Чашми ман яке дар шафати қайиқ миёни луху қамишзор ба ҷонвари гурбамонанде афтод. Аввал фикр кардам, ки саг аст, баъд дурустар дидам, ки нутрия –муши обӣ будааст. Муши калони обӣ бо панҷаҳои хурдакакаш рӯяшро шуста боз дохили об шуд. Вай оҳиста –оҳиста шино карда қад-қади лух-

зор поёнтар рафтан мехост.

Нутрия ҷонвари хеле нодир аст. Ватани аслии вай Амазонка буда, номи испаниияш нутрия буда, дар забони лотинӣ «Коипу» будааст. Аввалин маротиба нутрияро ба «Бешаи палангон» соли 1949 аз ҷумҳурии Озарбойҷон овардаанд. Ҳамон сол як миқдори онҳоро ба кӯлу обҳои мамнӯъгоҳ сар додаанд ва барои парвариши онҳо хоҷагиҳои алоҳида низ ташкил карда будаанд. Баъдтар муши обӣ-нутрия дар мамнӯъгоҳ ба таври васеъ паҳн гардид.

Ҳаво акнун муътадил мегашту парвози парандаҳо идома дошт. Дар осмони нилгуни беша ягон-ягон парандагони тезчангол пайдо гашта, болафшонӣ доштанд. Як уқоби морхӯр аз боло кӯлро гӯё назора дошт, ки нотарсона нигоҳи зираконаашро аз дашт намеканд, шояд туъмаи навбатиашро меҷуст. Ин дам яке дидам, ки дуртар лухзор меҷунбад. Дарав пинҳон шудаму пайи бурдам, ки ҷонвари номаълуме миёни қамишзор ҳаракат дорад. Наворбардоро ба хомӯшӣ даъват кардаму фаҳмондам, ки ин манзараро низ ба навор гирад. Албатта, ба наворгирии чунин ҳолатҳо хеле мушкил аст ва ба наворбардор лозим меояд, ки соатҳои дароз истодагарӣ, сабру таҳаммул кунаду чунин лаҳзаҳоро сабт созад.

Ин ҷонвари номаълум гурбаи найзор будааст ва каду басташ худи гурбаи хонагӣ барин аст ва хеле чаққону ваҳшӣ буда, метавонад бо панҷаҳои гирояш ба ҳар ҷонвар ҳамла кунад. Гурбаи ваҳшӣ аз пайи доштани нутрия будааст, ки торафт ба вай наздик мешуд. Вай аз бехи ҳар луху буттаи обӣ ноаён мегузашт ва нигоҳи барқворашро аз туъмааш намеканд. Шоял гурбаи найзор хеле гурусна монда буд, ки ғайричашмдошт якбора аз миёни лухзор ҷаста худро болои нутрия ҳаво дод. Нутрия-муши обӣ ҳам мувозинаташро гум накарда, барои фиреб додани душманаш худро ба об афканд. Зери об фурӯ рафтани нутрия гурбаро сахт хашмгин намуд, ки вай ҳам чолокона худро шинокунон ба нутрия расонд. Дидам, ки гурбаи найзор дар об ҳам оббозу далер будааст. Гурба аз об баромад, вале дар даҳонаш ҳанӯз ҷисми нутрия дасту почак мезад...

## ХУКИ ЁБОӢ

Мавсими баҳорон ва тобистон меҳмони «Бешаи палангон» будам. Дар ин моҳҳо мо аз туғайзори мамнӯъгоҳ барномаҳои телевизионӣ сабт кардем. Дар ин давра бисёр мехостам, ки ҳайвоноти ваҳшӣ ва нодири бешазоро аз наздик бубинам, аммо чунин имконият нашуд. Моҳи сентябри ҳамон сол боз «Бешаи палангон» омадам. Ҳаво ҳоло ҳам дар бешазор тафсон буд. Роҳу пайраҳаҳои қумзор ва лухзору алафҳои хушкида ба назар мерасид. Рӯзона дар дашт ҷонваре пайдо нашуд. Танҳо гоҳ-гоҳе дар осмон парандагон сайр доштанд ва аз кӯлҳо садои беисти парандагони обӣ ба атроф паҳн мешуд.

Бегоҳӣ маро дар мавзеи «Тарзан» дар хонаи ҷангалбон ҷои хоб доданд. Худи ҷангалбонро дар як дам хоб бурд. Вай милтиқашро ба оғӯш гирифта чунон сахт ба хоби фароғат рафта буд, ки ҳатто овозҳои гуногуни шабонаи ҳайвонотро намешунид. Албатта, ҷангалбон сахт монда шуда буд. Аммо маро хоб намебурд. Овозҳои аз атроф расида ҳавлангез менамуданд ва аз ҳама бадаш ин буд, ки маро нақли рӯзонаи ҷангалбон ба хотир расиду оромиямро гум кардам, дигар хобам намебурд. Хоначаи тангу торики бечароғ ва овози шағолон манро гӯё нафасгир мекард.

Ба хотирам таъкиди ҷангалбон расид: «эҳтиёт шав, боз шабона ғӯли биёбон омада дасту поятро набандад. » Шояд вай маро тарсондан мехост ё ҳазл карда буд. Лекин дар торикии нисфишабӣ хоҳу нохоҳ дар дилам тарс пайдо шуд. Овози шағолони гурусна ва дайду аз чор тараф ба гӯш мерасид. Овози гирямонанди онҳо гӯё маро тамасхур доштанд. Аз дил гузарондам, ки шабона дар миёни ҷангал хоб кардан осон набудааст. Ва худро сарзаниш кардам, ки таклифи сардори мамнӯъгоҳро гӯш накардаму ба марказ нарафтам, набошад он ҷо орому осуда ва бехавф истироҳат мекардам.

Ғайричашдошт акнун садои овози шағолу ҷонварони

номаълум аз наздик ба гӯшам расид. Ҳатто хаёлам, ки садои поймонию фих-фихи ваҳмангези меҳмони нохондае низ торафт наздик мерасид. Оқибат маҷбур шудам, ки ҷангалбонро аз хоби ноз бедор созам. Ҷангалбон ин хел ҳодисаҳоро бисёр дидааст, ки бепарвоёна аз ҷояш нимхез шуда афзуд:

– Тарсидӣ?

– Не, – базур гуфтам ман!

– Набошад чаро хоб намекунӣ?

– Росташро гӯям баъди ҳамон нақли деву аҷинаат хобам намебарад.

Ҷангалбон қоматашро рост карда, шамъро фурӯзон кард ва оромона гуфт:

– Дар бешазор кору зиндагӣ кардан осон нест. Бояд мисли ҷонварон пуртоқату ором бошӣ. Ман дар рӯшноии шамъи хира дидам, ки ҷангалбон рамузгирона табассум дорад. Вай андаке хомӯш монда сипас чунин гуфт:

– Ба вай афсона бовар накун, бисёриҳо ба ин афсона бовар карда дар беша шабона хоб намекунанд. Вай боз андаке ба атроф гӯш андохта гуфт:

– Ташвишат беҷо не, имшаб шағолон хеле наздик омадаанд, бин, мисли кӯдак гиря доранд. Ҷангалбон дарро кушоду берун баромадем. Посе аз шаб гузашта буд ва моҳтоб атрофро равшан мекард. Мо ҷониби саксавулзор қадам мезадем, ки яке ҷангалбон аз роҳ бозистод ва оҳиста гуфт: – Ҷониби чакалакзор нигоҳ кун. Ман ҳаросон ҷониби буттазор чашм афканда дидам, ки галаи шағолон ҳайвони бадҳайбатеро миёнагир намудаанд. Ҷангалбон милтиқашро аз китфаш гирифта, тир ҷой кард ва маро паси буттае бурда гуфт:

– Аз инҷо мушоҳида намудан беҳтар, агар моро пайхас кунанд, зуд фирор мекунанд.

– Онҳо чи хел пайдо шудаанд ва кадом ҷонваро ғофилгир кардаанд?

– Баъзе шабҳои моҳтобӣ шағолон ҳамин хел гала шуда ба шикор мебароянд, хаёле онҳо маст шудаанд, ки уллоскашон имшаб ба ҳамин хуки ёбой дарафтоданиянд. Дар

бешазор хуки ёбой бисёр аст. Ман медонистам, ки онҳо асосан аз таҳдиди кафтор ва шикорчиён метарсанд. Соли гузашта (бараконер) шикорчиеро хуки захмин ба ҳалокат расонда буд.

– Моҳҳои сентябр хукҳои ёбои ба чакалакзор омада, аз меваи буттаҳои ёбоӣ ва ҷиғда мехӯранд, гуфт ҷангалбон ва бо таасуф афзуд:

– Акнун хуки ёбой дар ҳалқаи шағолони гурусна афтидааст. Шағол, бешак ҳайвони зираку ҳушёр будааст. Онҳо атрофи туъмаи худ давр зада мавриди қулайи ҳуҷумро интизорӣ доштанд. Хуки ёбоӣ базӯр ҳаракат мекард. Шояд сад килограмм вазн дошт, ҷонҳавлона мехост ҳарчи тезтар аз дасти шағолон халос шавад. Шояд дигар ҳайвони бечора гуруснагиашро фаромӯш карда, ин дам танҳо дар халосии ҷони худ буд.

Ҷангалбон дигар сабрашро аз даст дод, ки шағолеро ба нишон гирифт. Садои ногаҳонии тир дар як дам шағолонро парешон кард. Дар буттазор на хуки ёбоӣ монду на шағолони чашмгурусна. Танҳо аз буттаҳои саксавул дуртар шағоле нолишкунон дар хоку хун метапид.

## ДУҒДОҒ

Дар фасли баҳор тамошои «Бешаи палангон» аҷаб лаззате дорад. Беша ғарқи гулу буттаҳои рангоранги сарсабзу ниҳолакони пургул мегардад. Дар ин фасл ман хониши парандагону мушоҳидаи ҳаёти мурғони ин гӯшаи афсонавиро бисёр дӯст медорам. Мо бо ҳамроҳии наворбардор қадқади бешазор роҳу пайраҳаҳои сабзро тай карда, аз пайи таҳияи барномае аз ҳаёти парандагони баҳорӣ будем. Барои як лаҳза сабт намудани паранда ё манзарае лозим меояд, ки соатҳои тӯлонӣ атрофро давр занӣ ва дуру дароз ҷонваронро мушоҳида созӣ. Ҳангоми аз мавзеи шикоргоҳ гузаштан мо парвози парандагони нодир – уқоби морхӯр ва мурғони обиро мушоҳида намудем. Ду-се тазавро низ дидем, ки баробари бо мо рӯ ба рӯ гаштан миёни буттазор

пинҳон шуданд. Азбаски онҳо хокистарранг буданд, дигар миёни алафзор ёфтанашон мушкил аст. Лекин аллакай онҳо дар обективи кинокамера афтида буданд. Дар соҳили чапи кӯли калон лухзору ҷиғдазор ва туғайзори нопайдоканоре тӯл кашидааст.

Аз ҷониби найзор шамолаки серуне мевазид ва гоҳ-гоҳе хониши пасту гуворои парандаи номаълуме ба атроф паҳн мешуд. Дар найзор аввалин маротиба тасодуфан бо дуғдоғ дучор омадем. Дуғдоғ парандаи хеле нодиру зебост. Беҳуда ӯро дуғдоғи хушрӯяк ном намебаранд. Дуғдоғ дар шохчаи баланди буттае нишаста бепарвоёна нағмасароӣ дошт. Овози маҳини вай аҷаб гуворо танинандоз мегашт. Почакҳояшро ба навда кӯфта, болчаҳояшро тит карда таги тефашро нӯл мезад.

Ин дам нохост сусмори бадҳайбате забончаашро бароварда ба бутта наздик шуд. Вай қасди дуғдоғ дошт, ки ноаён хазида, ба бутта расид. Думашро ликонда- ликонда, каллаи калони пачақашро боло бардошт. Мехост дуғдоғи содаро дар як дам фурӯ барад. Сусмор беҳол шуд ё пинҳон шуда, сайдашро интизорӣ намудан хост, ки оромона ба замин хоб рафт. Аммо нигоҳашро аз дуғдоғ намеканд.

Дуғдоғи хушрӯяк бехабар аз қасди сусмор аз як шохча ба шохчаи дигар парида, сурудхонӣ дошт. Яке садои таҷҳизоти банаворгирӣ дуғдоғро ҳушёр кард. Моро дидан замон якбора аз бутта ҷаста, ҷониби алафзор парвоз кард. Ман изҳори норизогӣ кардам, ки лаҳзаи қулайро аз даст додем, аммо наворбардор хурсандона гуфт: Хайрият дуғдоғи хушрӯяк наҷот ёфт Ин дам дидем, ки сусмор лаб лесида, кебида-кебида ҷуссаи вазнинашро кашолакунон аз зери бутта дур мешуд...

## ДАРЁКУЛ

Дар мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» зиёда аз бист-кӯлҳои хурду бузург ба мушоҳида мерасад. Кӯлҳо ба худ таърих ва сарнавишти аҷибе доранд ва ҳатто номҳои онҳо хеле асрорангез мебошанд. Омӯзиши онҳо, албатта,

аз ҳаводиси гузашта ҳикоят хоҳад кард. Шакли табиӣ ва ҷойгиршавии кӯлҳо ҳайратангез мебошад. Ин кӯлҳо айёми фасли тирамоҳу зимистон моломоли парандагони мавсимӣ мегарданд. Фазои кӯлҳоро селаи парандагони дурпарвоз мисли қувон (Баклан), лаклаку турнаҳо, моҳихӯракҳо фаро мегиранд. Дар ин фасли тирамоҳи заррин барои зимистонгузаронӣ аз Хитой, Покистону Афғонистон парандагон ба «Бешаи палангон» меоянд. Зеро иқлими муътадили беша барои зимистогузаронии онҳо мувофиқ аст.

Мо аз манораи баланд парвози турнаю моҳихӯракҳоро тамошо доштем. Баъди тамошо ман аз ҷангалбон хоҳиш намудам, ки қайиқро диҳад, то дар миёнаи Дарёкӯл аз наздик расми лаклаку моҳихӯракҳоро гирам. Ман қайиқи кӯҳнаро бо дастаҳои чӯбин базӯр мерондам. Аввал аз пайдо шудани қайиқ парандаҳои обӣ ҳаросида ба дигар кӯл фирор намуданд, аммо моҳихӯракҳо шикори худро идома медоданд. Онҳо шикоро дар баҳрҳои бузури хориҷа омӯхтаанд, ки нотарсона аз осмони нилгун чун балои ногаҳонӣ фуруд омада, ғайричашмдошт худро ба қаъри кӯл мезаданд. Об пош хӯрда моҳиён ба чор тараф шино мекарданданд. Аммо моҳихӯрак аз қаъри об моҳирона дар нӯлаш моҳие берун мешуд ва хурсандона болафшон дар фазои кӯл сайр мекард. Садои қиву ҷуви моҳихӯракҳо ба қалби бошандагони кӯл даҳшат оварда буд.

Ман акнун машғули суратгирӣ будам, ки қайиқ ба чизе сахт бархӯрд. Дурусттар бинам, лаққамоҳии муйлабдоре будааст. Алъон пӯшташ намудор буд. Лаққамоҳӣ шояд аз 70-80-килограмм зиёдтар вазн дошт, ки коҳилона шино мекард ва дар пастобӣ обро бурида шалаппосзанон мехост ба поёнтари кӯл шино кунад..

Ман ба чӯбдастам ба пӯшти моҳии калон зарбаи сахте задам. Аммо моҳӣ он қадар ин зарбаро ҳис накард, танҳо норозиёна худашро силтав дода сахт ҷунбонд. Қайиқ мувозинаташро гум кард, агар боз ба моҳии азимҷусса муқобилят мекардам, шояд ба қаҳр омада, қайиқро чаппа мекард.

## ҶАНГИ ХОРПУШТ БО МОР

Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон», ки макони ҳайвоноту парандагони нодир аст, ҳар гуна ҳодисаю воқеъоти аҷибро дидан аз эҳтимол берун нест. Зеро мамнӯъгоҳ барои сукунати ҷонварон хеле қулай ва ором мебошад. Боре охирҳои тобистон аз шаҳри Душанбе рост ноҳияи ҳамонвақтаи Ҷилликул, ҳоло Дӯстӣ, ки мамнӯъгоҳ дар ҳудуди он қарор дорад, омадам. Баъди нисфирӯзӣ бо ҳамроҳии ҷангалбони шинос вориди бешазор шудам. Ин даъфа мехостам аз туғайзор дидан кунам. Барои ба туғайзор расидан лозим меомад, ки дашти саксавулзору тафсонро гузарем.

Аз майдони регзор мегузаштаму аз муҳити атроф ва гулу буттаҳои гуногуни ёбоӣ, ки аллакай зарду хазон гаштаанд чашм намекандам. Дар шоху навдаи долу дарахтони санҷид, ҷиғда, газу буттаҳои худрӯй ягон-ягон лонаҳои вайронаву назарногири парандаҳо ба назар мерасид. Роҳравон яке садои номаълуми хиш-хишмонанде ба гӯшам расид. Ба атроф назар давонда, дуртар хорпушти танҳоеро дидам. Аз наздик аввалин маротиба хорпуштро дидам. Медонистам, ки хорпуштро хорҳояш ҳимоятгари ҷисму ҷонаш мебошанд ва хорҳояш ҳар гуна мору ҷонваро аз пой меафтонанд.

Ин дам яке хорпушт бесаранҷом гашт. Ин хавотирии вай аз пайдо шудани мори бадҳайбате будааст. Хорпушт морро мушоҳида карда бошад ҳам, аз ҷояш наҷунбид. Мор мехост хорпуштро, ки сари роҳаш баромадааст, маҳв кунад. Ё ягон нақшаи дигар дошт, ки ночор ба хорпушт ҳамла кард. Аз ҷояш барқ барин ҷаста худро ба болои хорпушт афканду садои имдодталабонае баровард. Мор аз хорпушт муқобилияти сахт дид, ки ғунча шуда ғел хӯрд ва ба ҷастухез даромад. Акнун мори бечора аз кардааш пушаймон буд. ки роҳи аз чанги хорпушт халос шуданро меҷуст. Хорпушт лунда шуда ба мор ҳамоно зарбаҳои

ҷонкоҳ мезад. Мор даҳонашро калон кушода, ягон ҷойи хорпуштро зарар дода наметавонист. Ҷои газидаи хорпушт сӯзиш доштанд, ки мор торафт беҳолу бемодор мешуд. Мор тамоман аз зарбу газиданҳои хорпушт аз худ рафта буд. Аз чашмони мор хун мерафт, шояд кӯр шуда буд, ки нотавону нимҷон худашро аз хорпуштак дур карда, миёни буттаҳо панаҳ бурд. Хорпуштаки далер як худашро тилтонда, ҳолати аввалаашро гирифт ва ғолибона роҳашро идома дод.

## САНГПУШТИ ХОКИСТАРРАНГ

Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» як намуди сангпушти хокистарранг ба қайд гирифта шудааст. Вай бештар дар найзору туғайзор ва регзори ҳудуди мамнӯъгоҳ хеле бисёр вомехӯрад. Баҳорон аз хоб бедор шуда, бештар ғизояш алафу буттаҳои ёбоӣ мебошанд. Охирҳои моҳи август чун ҳамеша айни гармиҳои тафсон дар мамнӯъгоҳ мебошад. Дар ин фасл дар регзор бештар бо мору сангпӯшт ва мушу сусмор вохӯрдан мумкин аст.

Охири ҳафта мо дар мавзеи «Тарзан» дуртар ба ҳодисаи аҷибе рӯ ба рӯ шудем. Дар ҳаво уқобе беист давр мезад. Парандаи зирак гоҳе болою гоҳе поин шуда, чизеро меҷуст. Нигоҳи барқворашро аз регзор намеканд. Ҳар як бутта, хазандаю чаранда аз назараш пинҳон намемонд. Ин ҳолатро дида ҳамроҳи ман ҷангалбони таҷрибадор гуфт:

– Аз афташ, сайдашро пайдо кардааст, шояд ин дам мурғ ё сангпуштеро ба чанголаш мегирад. Бо дурбин дидам, ки сангпушти калоне аз миёнаи тали рег поёнтар мефуромад. Вай оҳиста-оҳиста мехазид, ки яке дар болои сари худ душмани ҷонияш уқоби тезчанголро мушоҳида карду якбора лунда зада аз болои хомаи рег ғелид. Уқоб мувозинаташро гум карда чангол зад, аммо бефоида сангпушт поёнтар рафт.

Уқоб боз боло парида болҳояшро васеъ кушод ва сайр кард. Акнун вай нигоҳи хашмолудашро аз тали регзор намеканд. Пайдо шудани сангпуштро интизорӣ дошт. Мо низ

маҳтали анҷоми воқеа шудем. Укоб хеле ҷасур метофту асло аз мақсадаш дил канданӣ набуд ё шояд гурусна монда буд, ки таъқибашро идома дод.

Уқоб даврзанон яке боз сайдашро мушоҳида карду беқаророна ба нишон гирифт ва лунда шуда мисли тири аз камон ҷаста сарозер поён шуд. Дар як мижа задан худашро ба сангпушт расонду онро чанг зада ба ҳаво хест. Ба умқи осмон бол кушод. Сангпушт дар зери панҷаҳои уқоб монд. Уқоб хеле давр зад ва мағрурона сангпӯшро ба поён ҳаво дод. Мо гумон кардем, ки сангпушт ба санге бархӯрда мешиканаду ғизои уқоб мегардад. Аммо ғайричашмдошт сангпушт ба болои регзор афтида, боз ба ҳаракат даромад ва ҷонҳавлона худашро ба таги саксавулзор расонда нопадид гардид.

Акнун уқоби мағрур боз сайдашро ҷӯё буд. Болафшонӣ мекарду паси ҳар сангу буттаро меҷуст, аммо аз сангпушт нишоне наёфта маҳзунона парвозашро давом медод....

## МОРИ ТУХМДӮЗД

Дар бораи ба лонаи тазавру дигар парандагони беша сар халондани морҳоро шунида будам. Мегуфтанд, ки морон дар мавсими тухмгузорӣ ба лонаи парандагон ҳуҷум карда, тухмҳои онҳоро медӯзанд. Дар фасли тобистон бештар лонаи тазаврҳоро вайрон карда тухм мекобанд. Ногуфта намонад, ки тазаври тоҷикӣ зеботарин парандаи беша ва ҷумҳурӣ мебошад. Ҳоло дар Тоҷикистон, танҳо дар «Бешаи палангон» шумораи бештари тазавр ба мушоҳида мерасад. Кормандони мамнӯъгоҳ, Муассисаи давлатии Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда роҳҳои зиёд намудани тазаврро пеш гирифта, алҳол дар қитъаҳои алоҳидаи мамнӯъгоҳ парваришгоҳҳои онро ташкил намудаанд ва бо роҳи сунъӣ мехоҳанд насли ин парандаи зеборо нигоҳ доранд. Дар шафати Вахш ва мамнӯъгоҳи овозадор ҳар замон фарёди тазаврҳои наринаро шунидан мумкин аст.

Тазаврҳои нарина садои «Их-их... кха-кха»-и аҷибе баровара ҳамҷинсони худро баланд нидо мекунанд.

Тазавр тухмҳояшро хеле моҳирона зери буттаҳо руст мекунад, ки ёфтани онҳо мушкил аст. Тазаврҳо дар ҳолати пайхас намудани одами бегона баланд парвоз карда дар як дам худро пинҳон мекунанд. Тазаврҳо дар туғаи ҷиғдазор панаҳ мебаранд, зеро душмани асосии тазаврҳо ба ғайр аз мору сусмор ва муши обӣ боз худи одамизод мебошад. Бисёриҳо тазавро барои гӯшти лазизаш бераҳмона шикор мекунанд.

Боре ман шоҳиди он шудам, ки морҳои мамнӯъгоҳ аввал тухми тазаврҳоро пайдо мекардаанд. Ин воқеа чунин ба амал омад.

Дар рӯзҳои гармои тобистон аслан тазаврҳо нисфирӯзӣ дар лона ё зери буттаҳо панаҳ бурда, танҳо бегоҳӣ бо оғози салқин шудани ҳаво ба ҳавои кушод мебароянд. Он рӯз як мори хокистарранги ғафсу дароз аз ҷабри гармӣ базӯр нафаскашон ба буттаи ҷиғда наздик шуд. Он ҷо лонаи тазавр будааст. Ин дам дар лона тазаври модина ҳам набуд. Мор фурсатро қулай дониста, хост тухмро якбора фурӯ барад. Ман интизор шудам, ки мор чӣ гуна тухмро мехӯрад. Мори доно лаб лесида, нигоҳи пуртамаъи худро аз лона намеканд. Вай хазида даҳони дар назар тангашро ба ду тараф дарронда, лабонашро ба тухм часпонда, баъд мехост тухмро фурӯ барад, ки боз зӯраш нарасид, зеро тухм калонтар буд. Мор бо машаққат нисфи тухмро фуру бурд. Ниҳоят зӯр зада, тамоми тухмро фурӯ бурду бо чашмони аз косахонаи сараш баромада, хост поён хазида фирор намояд. Мор шиками дамидаашро кашолакунон нав аз зери бутта дур шуданӣ буд, ки яке тазавр пайдо шуд. Доду фиғони тазавр ба осмон печид. Вай тазаври модина будааст, фиғонкашон парпарак мезаду халос. Вақте ки тазаври нарина ба лона расид, алаккай дер шуда буд. Зеро аз мори тухмдузд на пай буду на ҳайдар.

**АСРОРИ БЕША БИСЁР АСТ...**

Агар дар «Бешаи палангон» аз ду рӯз зиёдтар зиндагӣ, кунӣ шоҳиди даҳҳо ҳодисаву воқеоти нодир аз ҳаёти ҷонварону парандагон мегардӣ. Дар ин ҷо ҳатто ҳар ваҷаб хок шоҳиди безабони ҳаводиси рӯзгори ваҳшу тайир аст. Мегӯянд, дар мавзеи (Каралевсий) Шоҳон дар гузаштаи дур роҳбарони аввали Иттиҳоди Шӯравӣ ва шоҳи Афғонистон мулоқот намудаанд. Ҳангоми мулоқот гӯё дар назди онҳо ғизоли нозанину зебое пайдо шудааст. Дидани ғизол шоҳро ба ваҷд овардааст ва ӯ якбора камонро ҷониби ғизол рост карда, хостааст, ҷонвари зеборо парронад. Аммо ба ин амали шоҳ сарвари Москва монеъ гардидааст.

Гӯшаҳои дигари манӯъгоҳ Тарзан, Полвонтуғай − Хоҷақозиён, Дарёкӯл, Ҳалқакул низ ҳар кадом дорои таърихи бой ва нотакорор мебошанд. Аз «Бешаи палангон» шахсиятҳои маъруфи ҷаҳонӣ, адибону олимони хориҷӣ дидан намуда, ба олами набототу ҳайвоноти он баҳои арзанда додаанд.

Беша дар ҳалқаи рӯди Вахши саркаш гӯё ба хоби ноз рафтааст. Аз пасткӯҳи Хоҷақозиён насими фараҳбахше вазида, бӯи муаттари санҷиду ҷиғда, туранга, ширинбия, буттаи кавар ба машом меорад. Олами ҳайвоноти беша паланги туронӣ, гавазн, ҷейрон, гусфанди кӯҳӣ, гурбаи найзор сарвати бебаҳои ин мавзеи афсонавӣ мебошанд. Агар шумораи ҷонварон дар мамнӯъгоҳ зиёдтар гардад, шояд боз паланги туронӣ ба мавзеи «Бешаи палангон» баргардад.

Охир, ин бешаи овозадор як вақтҳо макони зисти баброн, паланги тӯронӣ буд. Ман ҳар гоҳе меҳмони»Бешаи палангон» шавам аз манораи баланди беша ба дуриҳо менигарам. Хаёлам, аз дуриҳо паланги тураниро мебинам. Паланг аз шафати руди Вахш гузашта миёни беша роҳ мепаймояд. Вай ин ҷо шоҳи ҳайвонот аст. Аз ягон ҷонвари дигар тарсу бим надорад. Танҳо аз инсон сахт дар ҳарос аст. Ҳоло вай бешаро орому сокит дидааст, торафт дарунтари беша равон аст. Ба ҷое, ки галаи ҷонварон, парандагони биҳиштӣ ӯро интизоранд...

## КАЛТАКАЛОСИ ПОЙДАРОЗИ ЗАРД

Дар табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон 49 намуди хазандагон ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 33-намудашро оилаи калтакалосҳо ташкил мекунанд. Дар регзори мамнуъгоҳ дар қатори сусмор калтакалосҳои гуногун, аз қабили Геккони туркистонӣ, Агама, Луччашмаки осиёгӣ ва Калтакалоси пойдарози зард ба таври васеъ паҳн гардидаанд. Солҳои охир шумораи калтакалосҳо дар табиат хеле кам шудааст. Сабаби камшавии он агар аз як ҷониб, торафт кам шудани замини мавзеи сукунати онҳо бошад, аз ҷониби дигар, назари бадбинонаи мардум ба гурӯҳи калтакалосҳо мебошад. Ривояту овоза ва афсонаҳои дурӯғин нисбати калтакалосҳо ҳаст, ки одамон аз ваҳму тарс ҳангоми дучор шудан ба калтакалос ё мор ҳатман аз пайи нест кардани он мешаванд, ки комилан хатост.

Гӯё ақидае ҳаст, ки агар инсон бо дасташ калтакалосро дорад, ба бемории пӯст(песӣ) гирифтор мешудааст ё ақидаи дигаре паҳн шудааст, ки агар калтакалос ба бадани инсон часпад, онро танҳо баъди сӯзондан аз пӯст ҷудо карда мешавад, ки ин ақидаҳо тамоман асоси воқеӣ надоранд.

Тарзи ҳаёти калтакалоси пойдарози зард хеле аҷиб мебошад. Ин хазандаи нодир бештар худашро пинҳон дошта, аз тарси уқобу сусмор аз лонааш камтар ба табиат мебарояд. Дар охирҳои моҳи май, ки ҳарорати ҳаво дар Бешаи палангон хеле баланд аст ва рӯзҳои тафсон шурӯъ мегарданд, пӯст мепартояд.

Ман аз дами саҳарӣ калтакалоси пойдарози зардро, ки аввалин маротиба медидам, зери мушоҳида қарор додам. Калтакалос он қадар калон набуд, балки баъди пӯстпартоӣ чашмаконашро чор тараф дӯхта аз атроф ҳарос дошт. Мехост аз дами лонаи кӯҳнаи регзор дуртар равад. Ташвиши калтакалос беҷо набудааст, лаҳзае нагузашта ногаҳон сусмори бадҳайбате пайдо шуд. Вай дар даромадгоҳи лонааш калтакалосро дида ба худ печид ва фишшосзанон ба сӯи вай ҳамла кард. Калтакалоси пойдароз баъди пӯстпартоӣ,

ки хеле сабук шуда буд, моҳирона ба як тараф тоб хӯрд. Сусмор шиками калонашро базӯр кашолакунон калтакалосро таъқиб намуд. Сусмор хост адаби вайро диҳад, ки бадхашмона калтакалосро пахш кард. Аммо калтакалоси зиракро пойҳои дарозу часпонаш наҷот дод. Вай бо ду пойи пешаш ба сару рӯи сусмор чангол зада худро аз банди марг наҷот дод. Сусмор дигар аз қафои калтакалоси пойдарози зард нарафта, аз нойлоҷӣ базӯр худашро ором карданӣ мешуд.

## БОҲТУР

*Табиат барои некӯкор шудан*
*имконият медиҳад.*
*Ин имконият ба туфайли фаъолияти*
*инсон воқеӣ мегардад.*
*Форобӣ*

Бомдодон дар ҳавои кӯҳистон сайр кардан кайфияте дорад: хосса, айёми баҳорон талу теппаҳои сабзранги деҳаро дида, дил аз шодиву фараҳ лабрез мегардад. Ба атроф назар мекуниву аз нодиракориҳои табиати фусункор ангушти ҳайрат мегазӣ. Аз миёни долу дарахтони қад-қади роҳ пуштаҳои пурлола мисли машъали дурахшон ба назар метобанд.

Баробари дамидани офтоб гулу себаргаҳои шаби дароз аз оби борон сершуда бо ишваву ноз сар боло мекунанд. Боди мулоими ҳанӯз сардакак тани нозуки онҳоро навозиш мекунад.

Аз миёни сабзазорон мегузарам. Баробари шарфаи по ва хишир-хишири сабзаҳои навдамида, гоҳ-гоҳе селаи гунҷишкон ба ҳаво парида муддате чархзанон болову поён мешаванд. Аммо селаи кабкон худро нишон намедиҳанд. Аз хавфе пай бурда худро дарҳол зери баргу пояи бутта, ё алафҳо пинҳон мекунанд. Онҳоро аз байни алафҳо пайдо кардан душвор аст.

Баъди хеле тамошо қадамзанон назди чашма меоям. Оби чашма андаке хушкида, атрофи он коҳидааст. Шояд замоне

онро устои гулдасте бунёд карда бошад, то мусофирон ташнагӣ шикананд. Лекин баъди солиёни дароз чашма намуди пештараашро қариб аз даст додааст. Новаи шикаста ва сангҳои паҳну парешони лаби чашма гувоҳи он буданд, ки чанд соли охир касе аз ҳоли он хабар нагирифтааст:

*Ток аз бекасӣ бар шохи чинор*
*Гӯӣ, тарсидаву дарпечида.*
*Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ*
*Рӯзу шаб гирякунон хушкида.*

Бисёр мехостам сангҳои чашмаи бобоиро аз нав чида атрофашро ба тартиб оварам, ки садои таҳлукаомези парандаҳо маро ба сӯи худ мутаваҷҷеҳ сохт.

Аз сари чашма болотар баромада ба манзараи аҷибе дучор шудам. Селаи гунҷишкон чириқ-чириққунон болои море парвоз доштанд. Мор ҷои рустшавӣ мекофт. Аммо намедонист куҷо хазад. Аз қиву ҷиви селаи парандаҳо сари калобаашро гум карда буд. Фашшосзанон ғел мехӯрд. Гунҷишкакон гоҳе поёнтар фуромада ба ӯ ҳуҷум кардан мехостанд.

Фаҳмидам, ки ин мори боҳтур аст, яъне, захрдору газанда нест. Аслан боҳтур ҳам мор аст, морест, ки тамоми баданашро холчаҳои хокистарӣ фаро гирифтаанд. Боҳтур чун дигар морон тезҳаракат нест, балки оҳиста-оҳиста ва хазида-хазида пеш меравад. Ӯ танҳо ҳашароти зарарrасонро мехӯраду халос. Намуди зоҳирии боҳтур, дарозию ғафсии вай ба дили кас ваҳм меандозад. Шахси аввалин бор бо боҳтур дучоршуда сахт тарсиданаш мумкин аст.

Аммо боҳтур бо ин ҳайбаташ базӯр ва беозор аз ҳуҷуми парандагон халос хӯрда, ба сӯрохие хазида пинҳон шуд. Вақте чашмони кӯри мори боҳтурро пеши назар оварда, худ ба худ ба хаёл мерафтам, аз нав ғавғои парандагон баланд шуд. Ин дафъа селаи гунҷишкон аз ҳад беқарору безобита мешуданд. Гӯё ба лонаи онҳо оташ афтода бошад, бо тамоми овоз фарёду фиғон мебардоштанд. Дурустар назар кардам, ки таҳлукаи парандаҳо беҳуда набудааст. Акнун як мори чипоре чӯҷаи гунҷишкакеро ба даҳон гирифта, оҳиста-оҳиста фурӯ мебурду боз чашмашро аз лонаи

гунҷишкони дигар намеканд. Ӯ чун мори боҳтур бафурҷаю ором набуд, балки бо як ҳаракати ҳайратовар, дар як мижа задан худро ба лонаи дигар расонд. Ду-се гунҷишкаки нав аз тухм баромадаро дар як дам фурӯ бурда, сипас бо хотири ҷамъ аз лона дур шуд…

Парандагон ҳамчунон фиғон доштанд… Аммо мани ҳайратзада ин гуна тазодҳои табиатро дар як вақт бо чашмони худ дида, хеле вақт ангушти ҳайрат мегазидам, ки чаро яке бошафқату беозор, дигаре бераҳму хунхор… Бале, чаро?

## ЗОҒИ КӮҲӢ

*Шодии дидан ва фаҳмидан*
*волотарин ҳадяи табиат аст.*
*А. Эйнштейн*

Зоғи кӯҳӣ парвозкунон болои талу теппаҳои на он қадар баланд давр мезад. Бол мекушоду ба атроф синчакорона нигоҳ мекард. Гуруснагӣ азобаш медод. Бисёр мехост, ки тӯъмаи ночизе, ақаллан лошаи гунҷишкеро пайдо намояд. Аммо ҳайҳот, дар ин пастиву баландиҳо чизе ба назар намерасид. Зоғи кӯҳӣ парвоз мекарду ҳушу ёдаш ба гузашта банд буд. Гушнагӣ ба хотираш давраи сериву пуриашро меовард. Охир, ӯ зоғи кӯҳист. Парандае, ки аз зоғи деҳоту иқлими гарм тамоман фарқ мекунад.

Зоғи кӯҳӣ замоне ҳокими мутлақи ин дашту даман буд. Зоғи кӯҳиро зиндагӣ, ҳаёти вазнини кӯҳистон ва ҷангу ҷидолҳои миёни ҷонварон маҷбур кард, ки хеле барвақт бо гург ошно шавад. Зеро медонист, ки бо кӯмаки чанголҳои тези гург метавонад соҳиби тӯъмаи муфт шавад. Ва ӯ бо гургони кӯҳистони ин ҷо зуд дӯстӣ пайдо кард: гургошно шуд. Зоғи кӯҳӣ дар фазои ин дара парвоз намуда, атрофро зиракона назар мекард: ҳамин ки нигоҳаш ба рамаи гӯсфандон ё чарогоҳи гӯсфандон меафтид, дарҳол гургро хабар мекард.

Оҳ, чӣ қадар гурги зӯру боқувват буд, гурге, ки зоғ

маҳалли зисти гӯсфандонро ба ӯ нишон медод. Вай ҳамроҳи гургони маст зӯзакашон ба рама дарафтода, гӯсфандонро бо шаст рабуда мерафт. Баъд ҳамон гурги нотарс зоғро ба «зиёфат» таклиф мекард. Зоғ пасмондаи онҳоро нӯл зада ҳаловат мебурд. Зоғи кӯҳӣ солиёни зиёде ба воситаи гургон ризқу рӯзиашро меёфт. Доим кӯшиш мекард, ки ҳар ҳафта барои шикори гургон маҳалли зисти чӯпону гӯсфандонро муайян созад. Вале вақт ноаён мегузашт ва рафта-рафта чӯпонҳо ин тарафҳо камтар меомадагӣ шуданд. Зоғ ҳам пир шуд ва бисёр ёварони худ–гургҳои нотарсро аз даст дод. Акнун ин тарафи кӯҳистон дар назар харобу валангор менамуд. Аввалҳо чӯпонҳо, ки бо аҳли оилаашон ба ин мавзеъҳо меомаданд, муваққатан хайма зада, атрофро бахусус чашмаҳоро, тозаю обод нигоҳ медоштанд.

Зоғи кӯҳӣ аз баландиҳо як ба чашмаҳои хушкидаву дарахтони шикаста нигоҳ карду дилаш таҳ кашид. Харобии табиатро нишони бадбахтӣ ва гушнагии худ донист. Акнун зоғи кӯҳӣ умедашро аз зиндагӣ тамоман канда буд. Гушнагӣ, пирӣ, қуввату дармонашро батамом хушк мекард.

Зоғи кӯҳӣ аз куҷо медонист, ки ӯ охирин парандаи ин мавзеъ аст. Аз авлоди вай дигар ҷонзоте намондааст. Хост ба деҳае, ки дар шафати кӯҳсор аст, парвоз кунаду ризқу рӯзиашро ҷӯё шавад. Аммо боз тарсид. Пеши назараш бачаҳои деҳа, мардум омаданд. Охир, одамони деҳот ӯро зоғи наҳс гӯён сангборон хоҳанд кард.

«Чаро онҳо маро бо зоғи одӣ дар як поя мегузоранд? Оё онҳо маро фарқ намекунанд?» аз дил гузаронд ӯ.

Зоғ бо ин андешаҳо ба қароре омад, ки аз муҳтоҷи одамизод шудан дида дар қӯҳистон, дар ин макони хомӯш мурдан сад бор авлотар аст!

Зоғи кӯҳӣ аз фарози теппа поён шуда, дар шохи дарахти пире, ки танҳо кундааш монда буду халос, нишаст. Шоху панҷаҳои шикастаи дарахт дар замин паҳну парешон мехобиданд. Зоғ болои дарахт хеле нишаставу дам гирифт. Ин

лаҳза яке чашмаш ба мурдаи гурге афтид, мурдаи пӯсидаро зуд шинохт. Бале, ин ҳамон гурге буд, ки як вақтҳо ба ҷони гӯсфандон қасд мекард. Ҳоло бо шиками даридаю пои шикаста мехобид. Зоғ дигар поён фаромада хеле ба лошаи гурги шинос чашм давонд. Бӯи бади лошаи гурги пирро ҳис карду дилаш заъф намуд. Хеле ором истод, намедонист чӣ кор кунад. Аммо оқибат ба тақдир тан дода, ба ҷасади пӯсидаи гурги пир нӯл задан гирифт. Зоғи кӯҳӣ гӯшти гандидаи гурги «ҷӯрааш»-ро базӯр фурӯ мебурд…

## ХАРГӮШИ ТАНҲО

Охири тирамоҳ ҳавои Полвонтуғай якбора хунук гашт. Аз дами саҳарӣ беист барф борида, аз пуштаи болои найзор шамоли сарде мевазид. Баргу пояи урёну шикастаи дарахтон манзараи нохушеро пеши рӯ меовард. Нигоҳи Сайёд яке ба лонаи кашоли зарбед афтод. Ӯ ба ниҳол наздик шуда, лонаи кайҳо титшудаи пур аз пахолу тибитдорро аз назар гузаронд.

Ҳа, лонаи боша будааст, тахмин кард ӯ. Ҳоло ин парандаи нотарсу шикорӣ куҷо бошад? Наход боша ҳам ба диёри дур сафар кардааст, аз дил гузаронд Сайёд. Не, не, – паст овоз баровард Сайёд, боша дар ҳамин ҷойҳост. Дур намеравад.

Сайёд боз ба атроф назар андохт. Чор тараф холӣ.

Акнун ман дар ин бешаи холӣ аз куҷо лонаи харгӯшҳоро меёбам. Магар дар ин қади дараи касногузар ёфтани харгӯши ёбоӣ осон аст, албатте не. Вале Сайёд ҳаргиз аз роҳаш гаштанӣ нест. Барояш фарқ надорад, ки кадом фасли сол аст. Ӯ аллакай сахт одат кардааст ба шикору қадқади кӯҳу биёбон гаштан.

Охир, ман шуғли дигаре надорам. Аз рӯзе худро шинохтаам, корам шикору нигоҳубини харгӯш.

Сайёд дарунтари беша рафт. Сукути ҷангалзор аҷиб тофт. Боди кӯл найзорро навозиш дошт. Дид, ки санговда-

ваке дар лаби кӯл беқаророна равуо дорад. Сархӯр чӣ ба-лоеро ҳис кардааст, ки ин қадар ҷунбуҷӯл дорад, хаёл кард Сайёд. Аммо ташвиши санговдавак дигар буд. Аз ин муаммо Сайёд бехабар аст, бехабар. Ҳамин саҳарӣ агар ҳамсоям Пӯлоди муаллим аз сари роҳ намебаромад, шояд ҳоло дар хона кайф карда менишастам…

Пӯлод Сайёдро дар ҳавлӣ ёфта хурсанд шуд. Ӯ дид, ки Сайёд пайи коре ҷунбуҷул дорад.

– Корҳоят чӣ тавр, Сайёд?

– Бад не, – баъди аҳволпурсӣ гуфт Сайёд.

– Ҳа, мебинам, ки бозори фурӯши харгӯшҳоят дар авҷ.

– Ҳе, додарам, ин харгӯшпарварӣ ба ман касб шудааст, ризқу рӯзиямро ҳам аз ҳамин ҳисоб меёбам.

– Чанд харгӯш дорӣ?

– Эҳе, напурс, ду хона пур, аз садто ҳам зиёдтар.

Пӯлод аз паси Сайёд ба оғилхона даромаду ҳуш аз сараш парид. Мисле ки ферма бошад, катакчаҳо пури харгӯш. Ин ҷо садои чирросу фашар-фушури харгӯш буду халос. Пӯлод ба давутоз, гирумони Сайёд хуб зеҳн монда афзуд:

– Магар нигоҳубини харгӯшҳо осон аст?

– Э, аз куҷо, намебинӣ бало барин мехӯранд. Ҳар рӯз чанд килограмм сабзию карам меорам, лаблабуи қандиро дӯст медоранд.

– Намегурезанд?

– Не, ба куҷо! Магар аз дасти Сайёд гурехта мешавад, ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ – хандаи дандоннамои Сайёд нафрати Пӯлодро овард. Ӯ ба мушхандаи Сайёд эътибор дод, сахт ғашаш омад. Чашмони олумонанди Сайёд бозӣ дошт. Пӯлод, ба қавли худаш, дигар ба нигоҳи маккоронаи Сайёд тоб наовард.

– Баъзан харгӯшҳо заминро кофта мехоҳанд гурезанд. Вале ман он қадар нодон нестам. Чор тарафро бетонпӯш кардаам. Симхору катакҳои оҳанинро бин, очаи зорашонро нишон медиҳанд. Озодӣ ҳайвонро ҳам мефорад. Вале ин харгӯшҳо аллакай озодиро фаромӯш кардаанд, вазифаашон

бача зойидан!

– Чӣ хел? – Китф дарҳам кашид Пӯлод.

– Чӣ хел-чӣ хел, наход нафаҳмӣ, ки харгӯш то 15 бача мезояд, сернасл, магар ин фойида нест?

– Боз тарсончаку гурезпо.

– Ман онҳоро худам ҷуфт мекунам, баъди ҳар даҳпонздаҳ рӯз ҷуфт мешаванду як моҳ пас аз бачаи харгӯш хона пур мегардад.

Пӯлоди муаллим дигар ба суханҳои Сайёд гӯш надода берун баромад. Ӯ Сайёдро мунтазир шуда, то омадани соҳибхона ҳавлиро аз назар гузаронд. Атроф сахт маҳкам.
– Оҳ, Сайёди носераме, ин қадар харгӯшро чӣ кор мекунӣ, магар убол нест. Охир сад харгӯш дар хонаат чӣ кор мекунад? Пӯлод хост ҳамаи инро дар рӯ ба рӯи Сайёд гӯяд, аммо аз якравию нодонии Сайёд огоҳӣ, ки дошт, хомӯширо авлотар донист.

Сайёд баргашта наздаш омад ва пурсид:

– Чӣ кор доштӣ, ҳамсоя?

Пӯлод хомӯш монд, ҳатто нахост арзашро гӯяд. Як гӯшаи дилаш малул буд, рафтору муомилаи Сайёд сахт ошуфтааш сохт. Аммо боз тамоми қувваашро ҷамъ карда боҷуръатона гуфт:

– Ягон харгӯши ёбоӣ ёфта метавонӣ?

– Харгӯшҳои ман чӣ? Дидӣ-ку чӣ қадар бисёр!

– Охир инҳо хонагианд!

– Хайр чӣ фарқ дорад барои ту, ҳамаашон гӯшдарозанд-ку!

– Сайёд, гапа дароз накун, зарур шудааст, ёфта метавонӣ ё не?

– Пул бошад, шири мурғ ҳам бароят пайдо мекунам, мефаҳмӣ?

– Хайр, барои як харгӯши ёбоӣ чанд пул мехоҳӣ?

– Сад сомонӣ.

– Қиммат-ку, ақаллан ҳафтод ё ҳаштод сомонӣ гӯй.

– Эҳ, ҳамсоя, магар шикори харгӯши ёбоӣ осон аст. Бешаро кофтан лозим, ҳозир дар табиат шумораи харгӯшҳои ёбоӣ кам шудаанд. Худат мефаҳмӣ.

– Хайр майлаш, – ноилоҷ розӣ шуд Пӯлод. – Кай меорӣ харгӯшро?

– Пагоҳ, албатта, ба шикор мебароям. Парво накун, як илоҷашро меёбем.

… Акнун Сайёд дар Полвонтуғай қарор дошт. Ӯ, ки ин маконро хуб медонист, самти ҳаракаташро дигар карда, ҷониби дарёча омад, дар оби ҳавз селаи мурғобиҳо шино доштанд. Барф соҳилро пӯшонда буду шамоли сабуксайре найзорро алвонҷ медод. Аз об ҳавр хеста, як манзараи афсонавие ҷилва дошт. Тамошои кӯл ва селаи мурғобиҳое, ки бо як маром шино доштанд, Сайёдро андаке ором кард. Ӯ хаёле машғули тамошои кӯл буд, вале дар асл аз дилаш ҳазору як фикр мегузашт. Мехост ҳар чи тезтар харгӯшеро дастгир кунаду пас гардад. Дар ҳавлӣ харгӯшҳо бесоҳиб мондаанд. – Ҳа, ба ҷиянам таъкид кардам, то аз ҳоли харгӯшҳо хабар гирад, аммо бача-да, яке бепарвоӣ кунад, кор расво мешавад. Охир, сад одами баду бахил аст, баъзеҳо намехоҳанд, ки ман бой, бадавлат бошам. Ба харгӯшпарварии ман ҳам зид ҳастанд…

Сайёд яке ба хотир овард, ки аз найзор дуртар як лонаи харгӯши ёбоӣ ҷойгир аст. Акнун ӯ бо ҳавас қадаммонияшро тезонда, қариб ки медавид. Дигар на таъсири шамолро ҳис мекарду не резиши барфи майдаро.

Лонаи харгӯши ёбоӣ дар як мавзеи нобоб ҷойгир буд. Ин лонаро ҳар кас намедид. Чунон устокорона сохтааст, ки онро аз алафзор фарқ намекунӣ. Аслан, аз ин ҷой дида манзили беҳтар нест. Манзили харгӯшчаҳо хушку озода, батартиб. Харгӯш ҳам аз атроф тӯъмаашро зуд меёфт, яъне шикамашро аз гиёҳу буттаҳои саҳроӣ сер мекард. Вале акнун харгӯши хокистарранги ёбоӣ камқуввату хеле тарсончак шудааст. Ҳоло харгӯш бо понздаҳ бачаи ширмакаш зеҳн монду пойҳояш якбора сусту бемадор шуданд. Онҳоро нав ба дунё овардааст. Чоррӯза шудаанду ҳанӯз нобиноанд. Харгӯш бо навбат харгӯшчаҳоро маконда ба берун баромад. Лаб-лаби найзор давида, ба майдони ниҳолони пӯсида поён хамбид. Хост ризқи фарзандонашро аз полези кайҳо торочшуда пайдо созад. Аммо дар ин

хунукиҳо полез чӣ дорад. Харгӯш ин тараф, он тараф давида фаҳмид, ки дигар дар полез чизе намондааст, охирин пораи кадуро мушҳо бурдаанд. Харгӯши танҳо хеле ҷумбуҷул кард, аз алам овоз баровард, чиррос зад. Оқибат сабзии пӯсидаеро пайдо карда хуб макид. Баъд дилу бедилон бо роҳи шинос баргашт. «Агар харгӯшҳо пагоҳ, пасфардо чашм накушоянд, аҳволам бад мешавад. Бе харгӯши нарина мушкил будааст. Агар харгӯши нарина дар дом намеафтид, ин қадар азоб ба сарам намеомад...»

Он айём ин тал ва дашту даман, Полвонтуғай макони харгӯшҳои ёбоӣ буд. Ҳарчанд онҳоро бераҳмона шикор мекарданд ё ба деҳа бурда хонагӣ мекарданд, аммо шумораи харгӯшҳо кам намешуд. Вале солҳои охир на танҳо шумораи харгӯшҳо, балки ба тухми ҳамаи ҷонварон қирон омад. Дар пеши чашми харгӯши хокистарранг авлодаш ба нестӣ расид. Харгӯши сафедранги нарина боқувват буд. Дар талошу набард миёни харгӯшҳо доим ғолиб мегашт.

Харгӯши далер аз аввал ӯро дӯст дошт. Ҳар гаҳе ин ҷонвари хокистаррангро медид, овози шинос баровардa ӯро ба сайр даъват мекард. Ҳарду паҳлуи ҳам дар бешазор давр гашта ҳамдигарро дӯстдорӣ менамуданд. Онҳо ба ҳам ҷафс шуда, ишқварзӣ мекарданд. Харгӯши хокистарранг дар оғӯши дӯстдоштааш худро хушбахт дид. Ҳарду ба ҳамдигар унс гирифта, хонаи нав обод карданд. Дар хамгашти пуштаи Зелолак чуқурие кофтанд. Лонаи гарм ба харгӯшчаҳо ҳам форид, акнун дар ҳар мавсим даҳ-дувоздаҳ бача таваллуд мекард. Харгӯши нарина сармасти ишқ ва зебогиҳои ҳаёт буд. Ҳамин ки харгӯшбачаҳо чашм мекушоданд, онҳоро сер мекард. Ҳисси зотӣ буд, ки харгӯш аз навзодаҳо ҳаловат мебурд. То бегоҳ аз беша барои харгӯшчаҳои нимсераш хӯрданӣ меовард. Харгӯш алафҳои доругӣ ва гулу буттаҳоро, ки хуб медонист, ризқу рӯзияш фаровон буд.

Харгӯши хокистарранг танҳо аз одамон сахт ҳарос дорад. Ҳар гоҳе, ки бо одамон вохӯрад, ӯро ваҳм зер мекунад. Боз ба ҳиллае дучор нашавам, меандешад ӯ. Он рӯзи наҳсро ҳоло ҳам харгӯш дар хотир дорад. Ҳарду пешодум-

кол мерафтанд, ки яке ғиреви харгӯши нарина ба фалак печид, ду пои пешаш ба дом афтода буд. Ба худ омада хеле афтударафт кард, хост худро халос кунад. Вале дид, ки ҳамааш беҳуда. Пойҳои баққувати харгӯш бемадор гашт. Аз зери доми оҳанин хун заҳид. Харгӯши нотавон чиррос зада, овоз андохт. Харгӯши модинаро ин манзараи ҷонсӯз девона кард. Харгӯши музтару нотавон овоз баровард, дигар ҳамҷинсонашро ба ёрӣ даъват кард. Аммо беша ҳамоно сокит буд, танҳо чирроси харгӯши нарина баланд буду халос. Паҳлуи ёраш омада, ӯро бӯй кашид. Ҳар гоҳе ки онҳо якдигарро меҳрубонӣ мекарданд, харгӯши нарина силтав зада, мехост аз дом озод шавад, вале озодӣ куҷо, балки оҳан сахттар пойҳои харгӯшро мефишурд. Харгӯши ғарқоби хун то бегоҳӣ ҷон канд. Харгӯши хуншор охирин маротиба маҳбубаашро лесида, дасту почак заду ҷон дод…

Харгӯши хокистарранг дар лонааш беқарорӣ дошт. Ҳис кард, ки харгӯшчаҳо ҳам нимгурустаанд. Харгӯшакҳо садои пасти ҳазин баровარда пистонҳои хушки модарро мемакиданд. Харгӯши ботаҷриба фаҳмид, ки дигар дар лона мондан маънӣ надорад. Харгӯши нарина намеояд, ки оиларо хӯронад. Акнун умед танҳо ба худаш мондааст. Ҷонвар хост берун бароядд, ки яке шарфаи пои бегонаро шунид. Дар ин фасли сармо, хунукӣ кӣ меяод. Шояд гург ё рӯбоҳ бошад, аз дил гузаронд харгӯш. Охир, душмани асосии харгӯшҳо дар ин беша асосан гургу рӯбоҳ ё уқоб аст.

Харгӯш тифлони навзодашро як тараф монда, ба мӯрӣ наздиктар хазид. Дар рӯшноӣ дид, ки дар даҳони ғор шикорчӣ истодааст. Ӯро зуд шинохту қафо гашт. Дар тарафи соярӯяи лона болои алафҳои хушк харгӯшакҳо бепарвоёна хоб буданд. Харгӯш сахт тарсид, баданаш ларзидан гирифт. Ҷонвар аз рӯи одат хавфро пай бурда, пойҳои оқибашро сахт-сахт ба замин кӯфт, то тифлонашро огоҳ созад. Дид, харгӯшакҳои навзод, ки то ҳол чашм накушодаанд, чизеро пай набурданд. Вале узви шунавоии харгӯш, ки хуб инкишоф ёфтааст, садои пасти бегонаро низ шунид, фаҳмид, ки Сайёд чӣ ҳиллаю найранги дигареро фикр кардааст. Аммо харгӯш дигар имконият надошт. Аз раҳоӣ

умедашро тамоман канда, музтару ғариб ва ноилоҷ монд. Роҳи халосӣ нест, аздусар ин Сайёди бераҳм моро нияти нест кардан дорад. Аммо барои чӣ? Мо насли харгӯшҳои ёбоӣ ба вай чӣ бадие кардаем?

Сайёд хеле доду фарёд кард, хост харгӯшакҳоро тарсонад, нашуд. Ӯҳ, гӯшдарозҳои соддае, чӣ, гумон мекунед, ки аз дасти Сайёд ба осонӣ халосӣ меёбед? Ҳаргиз, ин хобатонро ба об гӯед. Ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ…

Хандааш дар фарози беша танин андохта, дигар ҷонваронро сахт тарсонд. Мусичае аз шохи калбед парида, дуртар нишаст. Акнун беша буду Сайёд ва харгӯшакҳои музтари бесарпаноҳ. Сайёд фикр карда яке илоҷашро ёфт, ки хурсандона дастонашро ба ҳам фишурда, девонавор нидо кард:

– Лонаро алов сар медиҳам. Дар дуди оташ харгӯшчаҳо, албатта, берун мебароянд, – бо ғазаб ғурунгид Сайёд.

Ӯ даҳани каҷнамояшро воз карда, даруннокӣ хуб мазза карда хандид. – Эҳ, ман қоил ба ин ақлу хирадат, Сайёд!

Акнун Сайёди бераҳм алафу шохчаҳои хушк ҷамъ карда, дар даҳони ғор алов сар дод. Оташ дар як дам атрофро фаро гирифт. Аз дуди оташ ҳавои лонаи сард ғализ гашта, талвосаи ҷонкании харгӯшакҳо дили харгӯши модаро об кард. Дар дами марг харгӯши хокистарранг ҷисми понздаҳ бачаи навзодашро охирин маротиба палмосида худ ҷонҳавлона ба берун давид. Сайёд аз фирори ғайричашмдошти харгӯш бехабар монда, даступо гум кард. Сайёди дар ғафлатмонда саросема анбону дурбин партофта ба милтиқи думилааш тир ҷой кард. Хост пеш равад. Яке ҳис кард, ки дар миёни оташи афрӯхтааш мондааст. Худро базӯр аз миёни алов дур карду аз қафои харгӯш давид. Ними либосҳояш ҳанӯз месӯхт.

Харгӯши хокистарранг бошад, Сайёдро чапғалат дода, даруntари луху буттаҳо, ки барф аллакай баъзе ҷойҳояшро пӯшонда буд, даромада нопадид шуд.

## МУНДАРИҶА

Ба хонанда ... 3
Аз таърихи «Бешаи палангон» ... 5
Вохӯрӣ бо «Тимсоҳи биёбон» ... 9
Ҳайбати мори афъӣ ... 11

### Ҳикояҳои хурд

Баҳори «Бешаи палангон ... 13
Вохӯрӣ бо гавазн ... 14
Садои эзорсурхак ... 15
Парвози тазарв ... 16
Чархресак ... 16
Ҳудҳуд ё шонасарак ... 17
Бозгашти парасту ... 18
Моҳихӯрак ... 18
Гули бойчечак ... 19
Бодом гул кард ... 20
Нилуфари обӣ ... 21
Гули ошиқипечон ... 24
Гаҳворачунбон ... 25
Гули наргис ... 27
Бунафша ... 28
Гули хайрӣ ... 28
Як мушт хор ... 29
Аз пайи паланг ... 30

### Вақте беша нафас мекашад

Парандаи ҳалқадор ... 39
Турнаи фавтида ... 40
Қурбоққа ва замбӯруғҳо ... 41

Аккаҳои дузд ........................................................................ 42
Сагобӣ .................................................................................. 43
Санговдавак ......................................................................... 50
Соли паланг .......................................................................... 56
Тазарв ................................................................................... 59
Тилисми морон ...................................................................... 66
Чилмангӯштак ...................................................................... 72
Заргулдор ва баҳор ............................................................... 76
Ҷонсарак ................................................................................ 82
Зоғчаи кабуд .......................................................................... 88
Гавазн дар дом ...................................................................... 94
Товусаки биҳиштӣ ............................................................... 102
Шоҳпарак ва рангинкамон ................................................. 106
Сари мор .............................................................................. 109
Дар туғайзори Қашқақум .................................................. 114
Сусмори ширхӯр ................................................................. 115
Вохӯрӣ бо гурбаи найзор .................................................... 117
Хуки ёбоӣ ............................................................................. 119
Дуғдоғ .................................................................................. 122
Дарёкул ................................................................................ 123
Ҷанги хорпушт бо мор ........................................................ 124
Сангпушти хокистаранг ..................................................... 126
Мори тухмдӯзд .................................................................... 127
Асрори беша бисёр аст….. ................................................ 128
Калтакалоси пойдарози зард ............................................. 129
Боҳтур .................................................................................. 131
Зоғи кӯҳӣ ............................................................................. 133
Харгӯши танҳо .................................................................... 135

**МАҶИД САЛИМ**

**ҲИКОЁТИ**
**«БЕШАИ ПАЛАНГОН»**
*(Ҳикояҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфин *Зӯҳро Солеҳзода*

Ба матбаа 4.06.2018 супорида шуд.
Чопаш 06.06.2018 ба имзо расид.
Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 9,0. Адади нашр 300 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи «Нашри Мубориз» ба чоп расидааст.